**АДАШ ИСТАД**

# ОҲАНГҲОИ САМАРҚАНД

**НАЗМ**
**НАСР**
**АСАРҲОИ САҲНАВӢ**
**МУСОҲИБА**

**ДУШАНБЕ - 2007**

**Нашриёти «Адиб»**

## Нашри адабӣ-бадеӣ

## Адаш Истад

# ОҲАНГҲОИ САМАРҚАНД

Дар ин маҷмӯа адиби шинохтаи тоҷик Адаш Истад баъзе асарҳои бадеии солҳои 1993-2004 дар Самарқанд навиштаашро гирдоварӣ кардааст.

Адабиётшинос Ғафурҷон Маҳмудов дар сарсухани ба шеърҳои нави Адаш Истад навиштааш, ки дар рӯзномаҳои "Овози тоҷик" ва "Овози Самарқанд" чоп шуданд, таъкид намудааст,ки дар замони шӯравӣ оиди вазъи онвақтаи Самарқанд имкони бисёр суханҳоро гуфтан набуд ва Адаш Истад кӯшидааст, ки ин камбудиро ислоҳ кунад. Аз осори драматургӣ пйесаи якпардагии "Хӯсамард" аз ҷониби ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Бурҳон Раҷабов дар театр-студияи "Овози Самарқанд" ба саҳна гузошта шудааст.

**Муҳаррир**
**Рассом**
**Ҳуруфчинии компутерӣ** *Парисо*
Адади нашр

© Адаш Истад

# НАЗМ

# САМАРҚАНДУ БУХОРО

*Барои устод М.Шакурӣ*

Самарқанду Бухороро дилу ҷон метавон гуфтан,
Дилу ҷони санохони Хуросон метавон гуфтан.
Ду алмосе ба тоҷи тоҷдорон метавон гуфтан.
Чу шаҳбайти ғазалҳои бузургон метавон гуфтан.
Якеро қуббатулислому дигар қуббатулирфон,
Ва ҳар дуро зи нури ҳақ чароғон метавон гуфтан.
Яке гар чашмаи Хизр аст, дигар чашмаи Кавсар,
Ва ин дуро Зарафшон дар биёбон метавон гуфтан.
Нахушкиданд гулҳояш зи дасти боди поизҳо,
Бухороро баҳоре дар зимистон метавон гуфтан.
Агар лафзи дарӣ ҷон дардиҳад рӯзе ба сад афғон,
“Бухоро — гӯри армонҳои Сомон” метавон гуфтан.
Шамида ҷонҳои хаста аз бӯи Самарқандам,
Ва атру анбараш бурда ба Юнон метавон гуфтан.
Манори пойбарҷояш бад-ин фарру бад-ин шавкат,
Сутуни қомати айвони Яздон метавон гуфтан.
Дар ин ду шаҳри хушхӯён зияд Хизри даригӯён,
Ва ганҷашро нигаҳбон шоҳи морон метавон гуфтан.
Мазори Дониёл, Ҷирҷис ин ҷо дар Самарқанд аст,
Варо меҳроби ҳар дину ҳар имон метавон гуфтан.
Гарам аз Бӯали Сино Самарқанду Бухороест,
Ба захми бедавои сина дармон метавон гуфтан.
Дар ин ду шаҳри додар ворисони Рӯдакӣ бисёр,
Ва мактабҳои онро сардабистон метавон гуфтан.
Бухорою Самарқандам ба дасташ оташи ҷовид,
Чароғи раҳнамое дар шабистон метавон гуфтан.
Ба каф ҷон нақши Хайём андар ин ду шаҳр
мегардад,

Ва ин дуро зиёратгоҳи риндон метавон гуфтан.
Ба марзи донишу фарҳангу авҷи сарбаландиҳо,
Ҳимолою Бадахшону Тиёншон метавон гуфтан.
Даригӯянд дар ҷаннат ҳама ҳуру париён ҳам,
Ва ин дуро суханзори париён метавон гуфтан.
Самарқанду Бухоро Каъбаи хоки Хуросон аст,
Ва ҳар дуро ду чашми поки Яздон метавон гуфтан.

## ҲАВЗИ ХОҶАИ АҲРОР

Мазори Хоҷаи Аҳрор назди хонаи мо буд,
фақат як ҷеғи субҳии хурӯсон дур.
Ба бонги он азон бедор мегаштем,
азоне, ки муаззин ҳар саҳар мегуфт
аз тоқи манори масҷиди он ҷо:
“Дил ба ёру даст ба кор,
дил ба ёру даст ба кор!...”

Замони наврасиям оби ҳавзи деҳаҳо гоҳе,
саросар ях ҳамебасту ҳамехушкид.
Дар айёме, ки мешуд оби ширин ончунон ноёб,
дар он атрофу он акноф
фақат ҳавзи мазори Хоҷаи Аҳрор буд пуроб.
Ва ман меоваридам об з-он бо кашшаке симин,
Худоро шукр мегуфтам,
ки ҳавзи Хоҷа Аҳрор ҳаст,
“Дил ба ёру даст ба кор” —
беҳтар аз ҳар чӣ шиор аст,
афзал аз ҳар шеъри табдор.

Вале як рӯз дидам ман:
саге низ об менӯшад аз он ҳавзи зи покӣ пок,
имом ҳам диду гуфто:
"Даҳони саг расад гар ҳавзро, нашмар ҳаром обаш,
ки Аллоҳ обро бар одаму ҳайвон баробар дод,
ва ҳавзи Хоҷаи Аҳрор,
шунидам, ҳавзи ирфон аст,
сагеро то ба он шаҳҳавз роҳе нест,
ва марди бекитобро низ..."
Тааҷҷубам гирифт авҷу бипурсидам:
"-- Куҷо он ҳавз?
Маро то он кӣ хоҳад раҳнамо будан?"
"-- Агар покизаҷониву ниҳодат пок,
қадам зан лаб-лаби рӯди мусаффооб,
бурун шав аз мазори хоб
ва шабҳоро паси сар кун,
чу аз домони кӯҳҳо меравӣ боло,
самои лоҷвардиро назар мекун,
ва дар он дид хоҳӣ мисраеро аз хати парвози
кафтарҳо:
"Дил ба ёру даст ба кор!"

Падарро пурсидам аз роҳи ҳавзи Хоҷаи Аҳрор,
чу ӯ раҳсоз буд, гуфто:
"Вале он раҳ на роҳи сангфарш аст,
раҳи ин ҳавз дилфарш аст,
в-аз он роҳ ҷониби Арш аст.
Бар он раҳ меравӣ бо пои дил, медон,
хасу хошоку хори раҳ ба дил чинон,
Бирезӣ хуни дил бисёр...
Чӣ лозим шуд туро ин кор?
Ки ҳоло зиндагӣ бе ин ҳама душвор ! ..."

Падар он вақт
ба зери қурси сӯзонандаи хуршеди тобистон
саҳар то шом
барои қурси ноне тоб меовард.
Ва қурси нон
ба ҳавзи фикри покаш гашта буд сарпӯш...
Вале ман қурси моҳро фикр мекардам,
ки андар ширмаҳтобе
ба нури шириаш пур карда ҳавзеро.
Хаёлам, ҳавзи ирфон инчунин буда,
фақат бо хатти шеъре дар ҷабини мавҷ:
“Дил ба ёру даст ба кор!”

Ба мардум то саҳар мепухт модар нон,
маро мемонд аз баҳри фурӯши он,
ва дасти ман ба нону фикратам дар осмонҳо буд.
Зи умрам мегузашт он солҳои бачагӣ, аммо
ба ҳавзи орзуҳоям шиновар буд
ба мисли моҳии тиллоӣ майли дидани он ҳавз...
Ва рӯзе дӯстам Абдулло
бигуфто:
— Чунин ҳавзе,
ки обаш софу ранги он ба ранги осмон обист,
ман дидам.
Ва он дар қуллаи кӯҳест,
ки роҳ аз сангоби Оҳалик дорад...

Ва мо рафтем,
рӯ бар сӯи ҳавзи Хоҷаи Аҳрор,
ва бо имдоди чӯпоне расидемаш,
бидидемаш,
ки он гапҳо ҳақиқат дошт...

Агарчи он сурат буд як ҷоми бузурги сурху сангине,
вале на беш аз толоб.
Набуд аз он шиори Хоҷа ҳарфе ҳам,
вале дидам
басе аз шохи бузҳое, ки қурбон гашта дар ин роҳ.
Ва гӯё оби ҳавз аз хун рангин буд,
ва ин ҳолат чунон сангину нангин буд...

Бифаҳмидам,
ки ҳавзи Хоҷаи Аҳрор дар дигар баландиҳост,
баландиҳои рӯҳи поки садҳо аз бузургон аст,
баландиҳои рӯҳи поки Мавлоност!
Гузашт аз кӯҳбароиҳом,
аз он оғозгоҳи ҷустуҷӯҳоям чиҳил соле,
вале то ҳол раҳпӯям,
вале то ҳол раҳҷӯям,
манам ҷӯеи шаҳроҳе, ки дар болост,
ба сӯи ҳавзи ирфон аст,
ки дар наздаш ягон хар нест,
ва дар он ҷо сагу инсон баробар нест...

Шумо аз ҳавзи нопайдои пурасрор,
ки ӯро ном бошад Хоҷаи Аҳрор,
хабар доред?!

## АФСОНАИ ЗАРДАРА

Андар яке дара
бо номи Зардара
буданд чашмаҳо
гирёну талху шӯр

аз тундиҳои Зӯр.
Ӯ буд мири он,
чун Чингизи замон.
Талхиву шӯриҳо
аз оби чашм буд,
чашмони одамон.
Зеро ки ҳукмрон
зӯриву хашм буд.

Буд марзи Зардара
ҷои хушобу ранг —
амлоки Зӯршоҳ ва ҷои қасри ӯ.
Замини одамон ҷои камоб буд
в-андар баландиҳо.
Зеро ки Зӯршоҳ
бо сад фиребу ҷанг
замини Зардара
аз мардумаш ситонд.
Ҷалби фариштагон
аз ин хуноб буд.
Рӯзе аз ин дара
бигзашта як парӣ
бар чашмаҳои он
хондааст як дуо.
Пас чашмаҳо ҳама
ростгӯ шуданд,
аз зулми Зӯршоҳ
додгӯ шуданд.
В-он гоҳ Зӯршоҳ
як кори "зӯр" кард,
ҳар чашмаи сухан
чун чашм кӯр кард,

бар хок гӯр кард.
Буд шод ӯ кунун —
хақгӯ дигар намонд!
(Ӯ баҳри кишту нӯш
рӯде хушоб дошт.)
Лек оби чашмаҳо —
он кӯрчашмаҳо
рафтанд таҳ ба таҳ
аз зери хоку санг
бар зери теппаҳо.
Лекин ба Зӯршоҳ
ин буд ноаён.

Як сол зуд гузашт.
Он хоки теппаҳо
ҳам гилу фалла шуд,
фарёди ҳабси гунг
ғун гашта наъра шуд.
Дар мавсими баҳор
ларзид Зардара,
монанди аждаҳо
ғуррид Зардара.
Ярче* фаро гирифт
замини он дара.
Сарои Зӯршоҳ
дар зери хок монд,
в-он мири Зардара
ҷон дод зери лой,
бо аҳли байти худ
бигриста ҳой-ҳой.
Шахсе ба маргашон
ҳатто дуо нахонд.

Афсӯси Зардара,
сад ҳайфи гулдара!
Имрӯз номи он
гардида Гӯрдара.

-----------

*** Ярч — лою хоке, ки аз баландӣ ба поёни кӯҳ ҳаракат карда баъзан деҳро тамоман хокпӯшу маҳв мекунад.**

## РӮЪЁИ ТАЪРИХӢ

Замони зоғҳои сиёҳ...
Замони даҳшат, шоҳигарии ваҳшат,
Зимистони дарозе буд, хеле ва хеле дароз,
Регистони намозӣ буд чандин сол бе намоз.

Регистони пир бе шайху шоиру пир,
Шоир—муллоҳо дар табъид — дар Сибир,
Қуръонро дар ҷилди Ҳофиз бо худ бурдаанд,
Ҳофизро дар ҷилди ғуръон ба ман супурдаанд.
Шоир—муллоҳо бо дастони аз сармо карахт
Дар ҷангали Сибир мебуриданд дарахт,
Барои ҳезуме, ки дар оташхонаи қаторахо месӯхт,
Қаторахое, ки азонгӯёнро ба Сибир мебурд.
Азони шоир—муллоҳо башорати субҳи рӯзи нав буд,
Навиди Наврӯз буд.
Шоир—муллоҳо азонгӯйҳои баҳорбиёр буданд,
Тӯтиёни хушгуфтори ин диёр буданд.

Ба ман алам мекард:
Ягон азонгӯй намонда буд ва мурғи ҳақгӯй низ,

Аз девони Ўофиз маи оташинро нўши ҷон кардам,
Яхи дарунро фурў шикастам,
Ва занҷири қулфи дари манорро гусастам,
Ва аз сари манор худам азон гуфтам,
Аз маҒзи ҷон гуфтам,
Бо дили сўзон гуфтам,
Ба забони тоҷикии булбулӣ.
Аз шохҳои дарахтон барфрезаҳо рехтанд,
Селаи зоҒон рамиданд,
Аз шохҳо париданд.
Аз осмон Ғози мизон чун пари нозуки малоик
фуруд омад.
Одамон лолу ҳайрон.
Онҳо садои булбулонро фаромўш кардаанд.
Танҳо дарахти урёну манорҳои бесар
ба салот истодаанд.
Вале як хурўсак садои азонро шунид
Ва бо садои ноҳамгун пайравӣ намуд.
Барои ҷеғи нобаҳангом хурўсакро куштанд.
Маро девона гумон карда аз Регистон ронданд.
Маро дигар ҳамовозе нест,
Ҳампарвозе нест.
Вале дарахтони боғистони Регистон
Навои азони булбулиро бовар кардаанд.
Ва дар он чиллаи зимистон
Рўзи дигар ҳама бишкуфтанд, —
Либоси арусӣ ба бар карданд.

Оре!
Ҳастанд ононе, ки ба ин сармо туф кардаанд!

## СУРУДИ ТОҶИКӢ ДЕВРОНИ МАН АСТ

Ман кишоварзам,
Бо ҷуфти барзагов замин шудгор мекунам,
Суруди тоҷикӣ гаврони ман аст.

Замин нарм гардад аз шеъри Рӯдакӣ,
Ин замин дидааст Рӯдакиро дар кӯдакӣ,
Ва кафи пои лучи ӯро дар кӯдакӣ бӯсидааст.
Ман ҳарф мекорам дар замини Рӯдакӣ,
В-об меорам аз рӯди Рӯдакӣ.
Ҳарфҳо чун тухми най сабзанд аз хок,
ғад кашида мепазанд дар офтоб.
Ман аз шаккари найҳо пур мекунам халтаи шеърам,
Ва аз найҳо сози най месозам,
Ва ин найҳо месароянд тоҷикӣ:
"Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме."
Дар Самарқанду Бухоро Мӯлиён машҳур аст,
Соҳили онҳо табаррук в-обашон пурнур аст.
Мӯлиён дорад зиё аз нури шеъри Рӯдакӣ,
Мӯлиён дорад сафо аз ҳури шеъри Рӯдакӣ.

Дар китобҳои куҳан дарҷ аст:
Касе, ки гандум мекорад, девҳоро меронад.
Ман ҳуруфи тоҷикӣ мекорам,
Суруди тоҷикӣ деврони ман аст.

# САЙҚАЛ

Дар Самарқанд —
“Сайқали рӯи замин”
ҳар кас чизеро сайқал медиҳад:
нонвой рӯи нонро бо равҒан,
мевафурӯш мурӯду себҳояшро,
ҷавонмарде мӯйлаби сиёҳашро,
сарватманде туфлии навашро,
дӯшизае рухсори тарашро,
деҳқон гови фурӯширо,
тармимгар куҳандевори коширо,
кӯзагар нақшу нигори кулолиро,
сангтароше санги мақбараи олиро,
ҳайкалтарош муҷассамаи дарунхолиро...
Шоирон вожаҳоро сайқал мезананд,
то дар оинаи онҳо акси дили худро бубинанд.

Ман шоир нестам,
ва хайкалтарош низ.
Аммо сайқалгарам,
ва зиёд муқаллидам,
чун кӯдаконе, ки ба калонсолон тақлид мекунанд.
Ба мисли бостоншиносе,
ки тангаи ҳазорсоларо ёфтааст,
вожаҳоро сайқал мезанам,
вожаи безаволиро.
Вале ба содагӣ
намедонам ниҳоят чӣ хоҳад шуд.
Аммо итминон дорам:
Самарқанд сайқали рӯи замин аст.
Ин оят чун ситора яқин аст.

Ва медурахшад.
Ва гавҳари шабчароғест,
ки ба дилам нури умед мебахшад.
Ман вожаи “Самарканд”-ро сайқал мезанам,
ин вожа зинда аст,
ба мисли кўдак аст.
Сайқалгарии ман
меҳрбониву навозиш аст,
молишу ситоиш аст.
Оқибат,
ҷилои табассуми ўро мебинам!
Ба ман ҳамин кофист.
Дилам чун оинаи сайқалхўрда рўшан мешавад...

## ШОҲИГАРИИ АБАДӢ

Дар Самарқанд,
Байни чорраҳа
Рў ба театри мазҳака ва дром
Нишастааст ором
Тандеси бузурги Соҳибқирон
Ва лол асту ҳайрон:
Дар пеши рўи ў
Ин Кўксарой
Ё тамошосароест дар ҳангоми шом?
“Ин агар тамошосарои шумост,
Пас Арки салтанат дар куҷост?”

Автомобилҳо – дарунсўзҳои оҳанҷон,
Дуд пуф мекунанд ба поҳои соҳибқирон.
Аз шохи чинорҳои баланд калоғон

Пору мерезанд бар сари одамон,
Ва ба боғ аст фикри Соҳибқирон:
Чаро аз ҳама боғҳо бимонда Боғи Зоғон?
Магар набуд онро ном Боғи Булбулон?
Ва билохир Соҳибқирон огоҳ мешавад:
Дар ин тамошосарой
Ҳар шоме
Дар як намоише
Бар тахти баланде менишинад як омӣ.
Оинаҳое, ки дар деворҳо насб кардаанд,
Ҳазорҳо акси ӯро такрор мекунанд.
Шоҳ—актёр хурсанд аст:
Мардум каф мекӯбад.
Аммо Амир Темур
дар лаб тамасхур
зери лаб мекунад ғур-ғур:
--- Шоҳигарии абадӣ ин нест.
Шоҳигарӣ он аст, ки гар тавонӣ ба мисли Ўофиз
Чун дар он даврони мозӣ,
Ба як холи сиёҳи турки шерозӣ
Бубахшоӣ Бухорою Самарқанд.
Шоҳигарӣ — тахти баланд не,
ҳиммати баланд.

## АЗ РЕГИСТОН МЕГУЗАШТАМ…

Аз Регистон мегузаштам,
Ҳеҷ кас надид,
Вале ман дидам:
Як манори Шердор шоху барг баровард,
Сипас гул кард,

Шукуфаҳо рехтанд,
Ва як дона себи сурх пухта расид,
Калоғ минқори суол ба себи сурх зад,
Кирми шубҳа себро хӯрд,
Шамоли нобоварӣ шохаҳоро канд.
Манор боз ҳамон манор аст.

Рӯзи дигар,
Аз Регистон мегузаштам,-
Дидам,
Зи боғи биҳиштӣ ҳанӯз бӯе ҳаст:
Шерҳои Шердор ба сӯям чашмак заданд.

## ДАРВОЗАИ САМАРҚАНД

Аз рӯи як ривоят,
Пайғамбари Худо
Як рӯз гуфтааст бар саҳобааш Асом:
Дарвозаи Самарқанд — дарвозаи биҳишт,
Бешубҳа, вассалом.
Бар нақли дигаре,
Гуфтааст бар расули Худо Ҷабраил чунин:
Ҳусни чаман Самарқанд назаркардаи Худост,
Дарвозаҳошро посбон ҳазорҳо фариштаанд,
Лои ҳамаи хишти варо ин фариштагон
ба дуоҳо сириштаанд.

Садҳо надомате...
Ки бар касофате,
Дар тӯли асрҳои зиёдеву ҳам дароз,
Аз барфузудани дасти ҳарому пои бенамоз,

Ҳурон гурехтанд ба афсӯсу эътироз.
Хишти ҳама дарвозаҳо дуздон бурдаанд,
Кошини аркро ҳам бифрӯхта хӯрдаанд.
--- Дарвозашоҳ манам! – мегуфт ҳар амир.
Медод амр ӯ,
Дарвозаҳои қасраш таъмир то кунад,
Ин мардуми фақир.

Аз шаҳри орзуи Муҳаммад-паёмбар
Дарвозаҳои биҳиштӣ нопадид шуд,
Танҳо яке бимонд
Аз Хоҷа Аҳрор*,
Ин ҳам фақат ба ном.
Аз дарвозабон ҳам ному нишон намонд,
Чуғде даруни рахнаи як бурҷ лона кард.
Он чуғди файласуф
Мехонд ин ҳуруф:
Дарюзагар — зиёд,
Дарвозагар намонд.

----------

***Дарвозаи Хоҷа Аҳрор — номи мавзее дар Самарқанд.**

## Т А З О Д

Ман аз Регистон меоям,
Регистони таоло,
Регистони мадрасаҳои олӣ,
Улуғбеку Шердор,
Регистони тиллокор
Қавомиддин Шерозӣ
Ва Абдуҷаббори меъмор.*

Ва Хоҷа Аҳрор
Регистони ор.

Ман аз Регистон меоям...
Регистоне, ки дар ҳар зарраи регаш диле дошт,
Ва Ҷомӣ бо Навоӣ маҳфиле дошт,
Ва дар ҳар қалби соҳибдил
фурӯзон қандиле дошт.

Ман аз Регистон меоям...
Регистони Рӯдакию Айнӣ,
Регистони аллома Хилъатпур,**
Регистони ҳур,
Регистони нур
Ва дилҳои пуршӯр.

Ман аз Регистон меоям…
Регистони пур аз офтоб,
Ҷавонмардии ғассоб,***
Ва шеъри ноб.
Ман аз Регистон меояму
Дареғо!
Ӯ ба дегистон равон аст.

----------

***Исми меъморони мадрасаҳои Улуғбек ва Шердор.**
****Академик Ботурхон Валихоҷаев (Хилъатпур).**
*****Ҷавонмарди ғассоб бинокорони мадрасаи Шердорро бо гӯшт таъмин мекардааст ва қабраш назди ин мадраса аст.**

## ЧОРСӮ*

Солҳое Чорсӯ
қаймоқфурӯшӣ буд,
Вақте ман омадам,
қаймоқ адо бишуд.
Насиби ман гашт
як коса дӯғи турш,
Берун шудам зи дар
лабрези ҳарфи шукр.
Ин Чорсӯйро
рамзи ҷаҳон бидон.
Якчанд дақиқа аст
моро будан дар он.

----------

*** Чорсӯ — фурӯшгоҳи болопӯшидаи гунбаздори Самарқанд. Чунин фурӯшгоҳҳоро дар Бухоро тим мегӯянд.**

## ДАР РЕГИСТОН ИСТОДААМ...

Дар Регистон истодаам...
Регистон дилфарш аст,
Чун Арш аст.
Регистон аз кӯҳҳо болост,
Ва поёнтар аз Арши Аълост.
Замон ба мисли боди вазон
Аз бари Регистон мегузарад.
Регистон хомӯш аст,
Чу мӯсафеде, ки ҳама гапро гуфтааст.
Ва пире, ки рози ишқи Худоро
дар худ нуҳуфтааст.

Абадият ин ҷост,
Ҷузури Худо дар ҳар зарраи ҳавост.

Дар Регистон истодаам...
Мошинҳо мӯрчаҳои тезгардаканд,
Ҳавопаймоҳо парастуянд,
Парастуҳо парвонаянд.
Осмон абрист,
Вале дилам рӯшан.
Ман дар хомӯшистон истодаам,
Санги фаршии аз поймолӣ хастаам,
Ба Регистон пайвастаам.
Чун ҷонамоз аст,
Майдони роз аст...

## ЭРОНЗАМИН
**(раҳоварди як сафар)**

Даштҳо ҳама саҷҷодаанд,
Рӯҳҳо ҳама мисли Дамованд баланд.
Дар даштҳо гаван,*
Дар кӯҳ норван.
Нардбоне зи норван ба осмон ниҳодаанд.
Осмон обист,
Замин тира,
Пора- пора.
Касе ҳаст аз ҳоли замин дилтанг,
Соҳибдарде.
Хоби ҳар шаб:
Абармарде
Соҳибқирон

Мефурояд
Аз осмон
бо ресмон.
Дар кӯҳҳо гавазн
Дар даштҳо паланг...

----------

***Гаван – як навъ рустании худрӯй.**

## МУРҒИ АФСОНАВӢ

Мурғе нишастааст дар боми шаҳманор,
Ба ягон мурғи олам монанд нест,
Чашмони уқобеш дар роҳанд,
Ӯро чу тӯтӣ фикри пиставу қанд нест.
Ӯ шаҳравоне меҷӯяд,
абармарде.
Афсӯс,
чунин кас дар Самарқанд нест,
Касе, к-- ӯ ба тилло дилбанд нест.
Регистон регистон аст,
Регистон холист,
Бузургон ба мардикорӣ рафтаанд.
Мурғи фасона бар ҳаво бархост,
Кай бармегардад
маълум нест:
Сад сол?
Ҳазор сол?!

## АЛОМАТИ ХИТОБ

Ман Хоҷа Хизрро
дидам шабе дар хоб,
Гуфтам, ки "Хоҷаам, кайҳо
яке савол медиҳадам азоб:
Андар Регистон манор чаро зиёд?"
Хоҷа Хизр гуфт
ба ин савол ҷавоб:
— Инҳо ҳама хитоб,
инҳо ҳама хитоб!
Ҳушёр бошед,
ҳушёр бошед!
Хезед зи хоб!
Аз хоби беғамӣ !!!

## ШАБИ РЕГИСТОН

Шаб ба мисли меғи сиёҳ,
Ё худ дуде
Ба Регистон фуруд омадааст.
Гулӯи манорҳо аз талхии он сӯзон аст.
Ин манорҳо дар асл дудкашанд,
Дуди ғами замин ба осмон бояд кашанд,
Аммо зи қулфи дари худ мушаввашанд.
Ва ҳатто ба сурфидан метарсанд.
Моҳ дар паси абр аст,
Ситорагон низ.
Касе ба манорҳо сухани хуш намегӯяд,
Ба ғайри сайёҳон,
Ки онҳоро рӯзона аккосӣ мекунанд.

Дастони дурушти ғам
Гулӯи манорҳоро фишурдааст:
Овоз
Дар гулӯи хурӯсҳо ях бастааст,
Нола дар гулӯи саги маҳтобдида.
Овозе набароред,
Шаб дароз аст!
Аммо калоғи шумхабар,
Ки дар шохи кадом чанор байни меғи сиёҳ
Руст шудааст,
Медиҳад садо:
Бемор шудаст шаб,
Дардаш бедавост,
Вақти субҳ мемирад!
Субҳ ногузир аст.
Оҳ!
    Ин калоғи шум! —
Зоғи сиёҳи шум!

## КИШТИҲОИ МАЙДОНИ РЕГИСТОН

Чун киштиҳои бузурги таркшуда,
Ё чун "Титаник"
Мадрасаҳо ба дарёи Вақт
Шиновар будаанд.
Солиёни зиёдест дар рег нишастаанд.
Дарё вафо накард,
Ба тунукоб бурду
                    болои рег шинонд.
Бодбонро бод бурд.
Ин манорҳо — сутунҳои он.

Ин киштиҳо дар танаи деворҳояшон
Аз вожапулакчаҳои моҳигии исми Худованд
Зиреҳ доштанд.
Ҳар як бодбон гӯё ливо буд,
Бар сари сутун моҳи тилло буд.
Маллоҳ мулло буд —
Баҳрнаварди Вақт.
Онро биронданд (дар соли 37)
Бар ҷангали Сибир.
Нохудоҳо кунун назди Худоянд,
бо Худоянд.
Шабҳо киштиҳо,
К-имрӯз музеянд,
Замони мозиро
Дар хоб бинанд:
Аз ҳуҷрае мулло
Мекунад садо:
"Киштинишастагонем,
эй боди шурта, бархез,
Шояд, ки боз бинем
дидори ошноро..."*

----------

***Ин байт аз Ҳофиз аст**.

## БОҒҲОИ ХУДОӢ

Зи Талли Барзу то пули Муғоб
Дарахтон Худоро мебинанд хоб...
Дарахтони меваҳои худоӣ
Дар боғҳои тиллоӣ
Нишони ҷовидонӣ

Зи ҳар як саховатпешаи фидоӣ —
Боғи тиллоӣ.

Боғҳои худоӣ зи ҳеҷ кас набуд,
Ба ҳеҷ як заминхар дастрас набуд.
Боғҳои худоӣ —
Боғҳои самоӣ.

Ба боғҳои худоӣ садҳо фаришта
Ба ҳар барг ҳазорон офарин навишта,
Ба оне, ки он дарахтони мевадор
Барои худаш не —
Худояш кишта.
Набуда дар замираш ягон худнамоӣ.

Зи Таллли Барзу то Пули Муғоб
Бубинӣ чандин боғи савоб,
Дарахтон худоро мебинанд хоб,
Ва хобро бигӯянд ба оби Муғоб...

## ДАР ФАРОРӮД

Аз даштҳои дур
Бар шаҳрҳои нур
Сад гуна вожахӯр.
Чун лашкари татор
Ё мисли аждаҳор
Бинмудаанд убур.
Як марзбон набуд,
Марзи забон набуд,
Бинмудаанд ҳуҷум

Бар вожаҳои нур,
Бар ҳарфи пурғурур.

Марзи забони мо
дашти алаф буд,
Шоҳи замона лек
як бошараф буд,
Дӯсти забони мо
як бетараф буд.
Ҳамкосамон вале
як нохалаф буд,
В-он душмани забон
абри малах буд.

Дар ҳар замонае
бо ҳар баҳонае
Бар марзи ин забон
он қадр тохтанд.
Аз вожаҳои сурб,
ҳам аҷнабисадо
Бар гӯши тоҷикон
он қадр рехтанд
Бегонасон бишуд
дастони булбулӣ,
Атри сухан намонд
дар накҳати гуле.

Дар ин ҷаҳони мо
аввал сухан буд!
Яздони ту буд,
яздони ман буд,
Виҷдони ту буд,

вичдони ман буд.
Худо сухан буд,
Сухан худо буд,
чаманфизо буд.

## БА ҶАМОЛ СИРОҶИДДИНИ ХУМӢ

Дарахти сухангӯи шаҳри куҳан
Ба васфат кушодаст садҳо даҳан.
Ва гуфто: сухангӯй бисёру лек
Чу Хумӣ нагуфтаст "Танбӯри ман".

Ва роҳи сафар маро уфтод чун
Ба роҳе зи Афросиёби ватан.
Баногаҳ дахмае бигуфто чунин
Ки Хумӣ куҷо бурд ганҷи сухан.

Яке пайкара дидам аз дӯстӣ
Чу рафтам ба сӯи Регистонзамин.
Ба Фонӣ ҳамегуфт он пири Ҷом,
Ки имрӯз Хумӣ туро ҷонишин.

Ман аз пири дайре ҳамехостам,
Ки аз ринди Ҳофиз фоле бубин.
Бигуфто, ки ҷуз Хумии масти шеър
Намеёбӣ ин ҷо ту ринде чунин.

## БА НАҚҚОШИ САМАРҚАНДӢ АСЛИДДИНИ ИСО

Дар шохи чинори ту
Мўкандаю рўканда.
Дар боғи баҳори ман,
Мурғони гулўканда.

Дар ранги нигори ман,
Осори барозанда.
Дар ранги баҳори ту,
Оҳанги навозанда.

Шоҳони туро дидам,
Дар пираҳани ҷанда.
Ширини туро дидам
Бе лаб ба рухаш ханда.

Бар чашми рақибонат,
Бигзор, ки ту — ганда.
Аллоҳ, ки худ шоҳид,
Бар кас набудӣ банда.

## ВА ШАМС БА ШУМО...

*(Ба Зафари Сўфии азизам)*

Як саҳар
Дар дами субҳ
Ногаҳон хоҳам мурд,
Ин ғами халқи пареш
Дар дилам хоҳам бурд.

Сипас,
эй дўст!
Ту маро ҷўй,
Аз обаки ҷўй,
ки хабар
аз рўди Зарафшон дорад.
Ва аз он мусиқӣ,
ки хабар аз дарди ниёгон дорад.
Дар замони пури ҷабр
Ман сабр хоҳам шуд.
В-андар хушксолӣ
Ман абр хоҳам шуд.
Абри серобе,
ки бо ҳар қатраи бороне
Ба ҳар як рустонӣ хоҳам дод ҷоне.
Ва агар дар боғам
Мурғаке мехонад,
Шоирон медонанд:
дилакам мехонад.

Як саҳар
Дар дами субҳ
Ногаҳон хоҳам мурд,
Охирин гармии дил
Ман ба шамс
хоҳам бурд...

## АТРГУЛИ САМАРҚАНД

*Барои мурдан ба Самарқанд меравем,*
*Ба ватани садбаргҳои ҷовидон.*
*(Анна Ахматова)*

Самарқанди қандманд —
пойтахти Шарқ,
Навиштаанд дар осмон
бо хатти барқ.
Чаманпероии садбарги ҷовидон
дар кӯчаҳои он —
Нишони бенишон
зи шаҳризодагон.
Ва он боғбон,
ки ошиқ буду ранги қалби хеш
ба садбарг бидод.
Чӣ сиррест ин ҷо,
ки ҳар андалеб
бимирад ҷавон?

## МАҲТОБШАБЕ БУД...

Маҳтобшабе буд...
Андар Регистон.
Шабгарддухтаре чашмон пури суол,
Мерафт ба ҳар сӯ.
Аммо касе набуд,
ба ғайри шоире.
Он ақлбохта
чанде зи барги зард
бар синааш ниҳод.

Оҳе кашид бадард.
В-аз ӯ суол кард:
Чумчуқ чаро зиёд ?
Булбул куҷо бирафт ?
Шоир карахт шуд,
пургул дарахт шуд.
Сипас чунин бигуфт:
“Бигир баҳори ман,
Момо Ӯавои нав !
Булбул худат бишав!

## ПАРАСТУҲОИ РЕГИСТОН

***Чаро умри каргас дусад сол, вайҳақ,***
***Намонад фузунтар зи соле парасту ?***
***(Рӯдакии Самарқандӣ)***

Парастуҳо
зери равоқ
лона мондаанд
ба тоқи муқарнас.
Ва аммо
дарак нест
зи каргас.

* * *

Парасту дар парастиш ибтидо дошт,
Ва яъне ӯ навоҳо бо Худо дошт.
Ба Регистон бидидам лонаҳояш
Ба айвони илоҳӣ илтиҷо дошт.

## МЕҲРИ ЗОДГОҲ

Ҷомадонам пури танҳоӣ,
Душманонам аз малах бисёр.
Ҳар шаби хобам
Мебинам такрор:
Чеҳраҳои шаҳрҳои дур,
Шаҳрҳои нур.
Лек ҳоло азми рафтан нест —
“Хори поям” медиҳад озор.
Ҷисму ҷонам пур аз хор аст,
Рӯи роҳам пур аз мор.
Дӯсту ёри ҷавфурӯши* ман
Коргардони турфа озор.
Шаҳрҳои хуб дар ҷаҳон бисёр,
Лек дар ин чархи каҷрафтор
Чун Самарқанди сафоосор
Марзи ҷоне ёфтан душвор.

----------

***Ҷавфурӯш — ишора ба ибораи машҳури гандумнамои ҷавфурӯш. Дар ин боб Бадрии Кашмирӣ беҳтар гуфтааст:**
**Ҳама гандумнамои ҷавфурӯшанд,**
**Гаҳе дар оҳу гоҳе дар хурӯшанд.**

## БА ДӮСТАМ ҶУМЪА ҲАМРОҲ —
***раиси факултаи суханшиносии ДДС***

Агар
дар филфаки тоҷик имрӯз
як фазое,
як навое ҳаст,
амин бошед,

ки ин ҷо Ҷумъабое ҳаст!

Чӣ бояд кард?
Ки донишҷӯ
ва таҳсилдида
имрӯз бекитоб аст,
ва пеши ҳар муаммо
безабон аст,
беҷавоб аст.

## БЕСУРАТӢ

Гардҳоро аз шишаи тан шустам,
Ва аз шишаи дил.
Он қадар пок шудам
Ҳамранг ба ҳаво.
Берангӣ ба мисли бесадоӣ буд.
Ҳарифам нолишомез нидо кард:
“Ту дар куҷоӣ”
— Ман ҳам туро пазмон шудам.
Ту дар куҷоӣ,
чирки худнамоӣ?

# H
# A
# C
# P

## МОҲЕ, КИ ДАР ЗЕРИ КЎРПА МАСТУР МОНД...

*Ҳикоя*

Дар яке аз дараҳои биҳиштии водии Зарафшон, ки Ҳафткўлаш ҳафт ранг дорад ва ҳафт кўҳаш ҳафт оҳанг (чун оби кўл гулҳои соҳилро мунъакис намудаву дар кўҳҳо андалебу кабк хунёгарӣ мекунанд) як шаби пурситораи моҳи Асад мўъҷизаи мўъҷазаке рух дод. Шаби софу салқин ва ороми кўҳистон нисбат ба шаби пурғубору пурмағали шаҳр хушгувор бошад ҳам нависандаеро, ки дар соҳили кўли Сияҳмижгон хайма зада буд, хоб намебурд.Ин кўл дар сурат чашми сабзи заминро мемонд, ки ба осмон нигоҳ мекунад. Нависанда Ардамеҳри Хуросонӣ, ки ин ҷоро барои кори эҷодиву истироҳат писандида буд, чун муаллифи достонҳои ишқӣ шўҳрат ёфта буд. Ў ҳар тобистон дар дар ягон гўшаи дилпазири кўҳистон хайма зада дар як—ду моҳ ба қавли худаш қиссаеро “навишта мефуровард”. Нависанда рўзона аз кўл моҳӣ медошт, дар оби форами кўл ғўта мезаду аз ин гўшаи биҳиштӣ аҷаб ҳаловате мебурд. Ардамеҳри Хуросонӣ бо фуромадани пардаи торикӣ чароғи карасинии худро фурўзон карда болои сандалича ба навиштани қиссаи ошиқона мепардохт. Ба ў садои чирчиракҳо не, балки осмони бекарони пурситора, ки дар он чун дар оби кўл моҳи мунир мисли моҳии симин шино мекард, бештар илҳом мебахшид. Имшаб аз шабҳои сари моҳи қамарӣ буд, дар осмон қурси моҳ наметофт ва нависанда дар рўи кўрпача аз як паҳлў ба паҳлўи дигар гашта на хобида метавонисту на навишта. Баъди хеле фикру хаёли паҳлўгардиҳо аз бистар хеста ба берун баромад. Пояш ба сатили холӣ бархўрд ва сатилро гирифта ҷониби кўл равон шуд. Ў ба лаби чашма расида, дер гоҳ бо ҳайрат ба оби он нигоҳ кард. Дар осмон қурси моҳ наметофт, аммо дар оби чашма қурси симини моҳ “мана ман” гуфта истода буд. Барои Ардамеҳри Хуросонӣ, ки нависандаи воқеанигор буду ба афсонаю мўъҷиза бовар надошт, ин ҳол ғайривоқеӣ намуд. Гумон кард, ки ин ҳама рўъёст. Ардамеҳри Хуросонӣ сатил ба оби чашма фурў бурд ва обро гирифта ҷониби хаймааш гом бардошт. Валек қадаме наниҳода аз шуои қурси моҳи даруни сатил ба худ омад. Сатилро ба замин гузошту ду-се ҷои бадани

худро пучид, ки агар хоб дида истода бошад, бедор шавад. Баъди ин амал низ моҳ даруни сатил чун чароғи барқии кулӯла нурпошӣ мекард. Нависанда боз як бор ба осмон нигоҳ кард: моҳ дар осмон набуд. Сипас даст ба оби сатил фурӯ бурд, то бисанҷад, ки ин моҳии нурафшон аст ё моҳи ҳақиқӣ? Панҷааш аз даруни қурси моҳ чун аз даруни шуо гузашт бе ҳеҷ монеа. Ардамеҳри Хуросонӣ, агар чанде зоҳид набуд калимаҳои шаҳодат ба забон овард ва бар илова сураи ихлосро хонд. Баъд "аз мӯъҷизаат гардам, худоҷон" гуфта сатили нурафшони худро бардошт ва сӯи хаймааш, ки аз дари он рӯшноии чароғ берун мерехт, равон шуд. Вақте ки ба хайма даромад, ҳис кард, ки рӯшноии моҳи даруни сатил аз шуои чароғ зиёдтар аст. Чароғро кушт. Сипас паси сандаличаи сайёри худ нишаста чанд соат бе танаффус навишт. Дар қиссаи нави ӯ қаҳрамонҳо Моҳпайкар ва Меҳрангез оиди тавсифи моҳ ба ишқу ошиқон баҳси домонадоре карданд. Баъди анҷоми кор ба бистари хоб дароз кашид ва бо кампал худро пӯшид. Ин дам дид, ки қурси моҳ аз даруни сатил  баромад ва чун тӯби мунаввар ғелида омада аз ҷониби пой зери кампали ӯ даромад. Сипас оҳиста-оҳиста ба мобайн омад ва нависанда ҳис кард, ки тамоми вуҷудашро эҳсоси кайфовар фаро мегирад.

- Ардамеҳри Хуросонӣ кампалро бардошта  даст ба қурси моҳ дароз кард, то ӯро мисли маъшуқае ба оғӯш бигирад. Дастонаш боз даруни нур фурӯ рафтанд ва ба ӯ чунин тофт, ки дӯшизае бо ноз бихандид. Сипас моҳ болотар омад ва ба қафаси сина фурӯ рафт. Дили Ардамеҳри Хуросонӣ он қадар рӯшан шуд,ки гӯё чилчароғи булӯрини фурӯзон бошад. Ҳиссиёти парвоз фаро гирифт, ба осмонҳо, ба кайҳони пурситора ва ӯ аз он баландӣ ба такудави одамони заминӣ нигариста хандааш гирифт. Кай хобаш бурдааст, намедонад. Саҳар, бо ғазали мурғони хушхони кӯҳсор бедор  шуд. Аввалин фикре, ки ба сараш зад: моҳ куҷо шуд? Моҳ на дар сатил буд, на дар зери кампал, на дар дил. Ардамеҳри Хуросониро ғам гирифт: гӯё чизи беҳтарини зиндагиро гум кардааст. Тамоми рӯз сараш болои зонуи хаёл буд. На ҷумлаеро хонда тавонист, на сатре навишт. Аз гулӯяш низ чизе нагузашт. Бо фуромадани пардаи торикӣ қурси моҳи мунир

боз даруни сатили об пайдо шуд. Ардамеҳри Хуросонӣ он қадар хурсанд гардид, ки ҳам хандиду ҳам ашки шодӣ рехт!

— Аз мӯъҷизаат гардам, Худо! — гуфта ба даст қалам гирифт ва идомаи қиссаи ишқиро навишт. Боз қаҳрамонҳои асар оиди таъсири руҳонии моҳ ба дарунёфти инсон баҳс карданд. Боз ҳолати васл бо моҳ такрор шуд ва парвозҳои хаёлиро анҷом дод. Шоми дигар моҳ наомад. Дар осмон ба мисли изи нохуне ба синаи пурдарди ошиқ ҳилоли моҳи нав рух намуд. Ардамеҳри Хуросонӣ ба асари нави худ нуқта монда буд. Ӯ хаймаро канду ба зодгоҳи худ Самарқанд рафт. Ӯ то ҳанӯз ин воқеаро рӯи қоғаз наовардааст. Лекин хаёлӣ шуда мондааст. Доимо фикр мекунад, ки моҳ воқеан меҳмони ӯ гардид ё ҳамааш хобу хаёл буд?

Умед мекунем, ки рӯзе моҳномаи худро хоҳад навишт.

## МАЗОРИ ДЕҲАИ МУҒОН

***Ҳикоя***

Ҳеҷ кас дар олам ин хел мазорро надидааст. Мазор дар наздикии деҳаи Муғон дар байни замини кишти бригадаи панҷуми собиқ колхози “Бо роҳи Ленин” воқеъ буд. Мегӯянд, ки то вақте ки ин ҷо деҳа пайдо шуд, ин мазор буд. Яъне мазор қадимтар буд аз колхозу деҳу ҳавлиҳое, ки дар он атроф ҳастанд, Мазори Муғон зоҳиран аз мазорҳое, ки дар шакли теппа ва бо анбӯҳи дарахтони худ дар ин ё он саҳро вомехӯранд, кам фарқ дошт. Як теппаи зоҳиран ба кулоҳи дарвешӣ монанд дар байн буду атрофаш аз дарахтони челони кӯҳӣ ва тасбеҳдонаи бетартиб рӯида пур буд. Дар мобайн танаи ғафси як дарахти азими кайҳо хушкида ҳанӯз рост меистод, ки дар ғафсиву баландӣ баробари манори азонгӯии масҷиди гузарҳо буд. Дар бораи пайдоиши ин мазор ривояте ҳаст. Гарчанде мазор Муғон ном дорад, нақл мекунанд, ки дар ҷангҳои байни мусулмону кофир як нафар сарбози мусулмон ин ҷо шаҳид шудааст ва ҳамин ҷо ба хок супориданд.

Колхозчиён боре як ҷӯи нав канданд, ки он аз бари ҳамин мазор бояд мегузашт. Вақте, ки навбати ҷӯйканӣ ба таги мазор расид, аз чуқурии як метр хун мисли чашма ҷӯшида баромад.

Ҷӯйканҳо он ҷоро хокпӯш намуда зуд мурғеро кушта дуои фотиҳа хонданд ва хатти ҷӯйро аз мазор як—ду метр дуртар бурданд.

Мазори Муғон мисли мазорҳои дигар, агар касе дар он одоби суннатиро вайрон накунад, ӯро намедошт ё худ таъсир намерасонид.

Одамони он атроф ҳам кӯшиш мекарданд, ки ба он нарасанд, ба замини он қадам нагузоранд. Аз дарахти он касе меваe намечинд, ҳатто барои шифо аз челонаш чун дору истифода намебурданд. Танҳо ба касе барои тасбеҳ мӯҳра лозим шавад, меваҳои ба замин рехтаи тасбеҳдонаро чида аз он барои худ тасбеҳе месохт. Аз мӯйсафедони деҳа, танҳо пирамард Тағоймуроди фолбини қоматхамида чунин тасбеҳ дошт. Дар ҳар донаи тасбеҳи ӯ калимаи “Оллоҳ” бо хати арабӣ сабт ёфта буд. Ба гуфти ӯ, баъди даҳ сол мунтазам донаҳои тасбеҳро гардондан ин калима дар донаҳои он бо мӯъҷизаи илоҳӣ пайдо шудааст.

Мазорҳое, ки дар он касе гӯронида шудааст, одатан, аз хишти пухта мақбарае доранд ва ё аз санги мармар ё қайрок нишонае. Аммо ин мазор эҳтимол қадимтар будааст, ки умуман чунин нишонаҳоро надошт. Ба шохи дарахтони он касе бо нияте латтае ҳам намебаст.

Мазор як пораи табиати дастнорасида буд, ки дар он “ҷазира” мушҳо, морҳо ва бисёр ҷонваракони дигар озодона зиндагӣ мекарданд. Баъзан аз чорвои мардуми бепарво бузе ё гӯсфанде ба замини мазор қадам мегузошт. Зеро алафҳои баланди сабз ва гулу гиёҳи муаттар онҳоро ба сӯи худ мекашид. Агар соҳиби чорпо бехабар монад, чорпояш сафед бошад, баъди дар замини мазор чаридан ранги он сиёҳ мегардид, агар сиёҳ бошад, сафед шуда мебаромад.

Мазор ба атроф таъсире намерасонид. Вале ба рӯҳи дар мазор маскангирифта тамоку маъқул набуд. Солҳои ҳукумати шӯравӣ чандин бор ба замини атрофи он тамоку кориданд. Баъди аз замин неш зада баромадани кишт аз мазор шомгоҳ ду барзагови азими сиёҳ мебаромаданд ва тамоми шаб заминро ларзонда болои кишти тамоку метохтанд ва онро якта намонда помол мекарданд.

Албатта раис ин ҳодисаро аз райком пинҳон медошт, ба

касе дар ин бора ҳарфе намезад. Зеро солҳои сурхи атеистӣ барои чунин як ҳарф билети ҳизбиашро кашида гирифта, аз мансаби раисӣ маҳрум мекарданд.

Баъзе мӯъҷизаҳое буданд, ки онҳоро одамон бинанд ҳам, ба нақлаш кӯшиш намекарданд, зеро он қадар ғайритабиӣ буд, ки касе бовар надошт. Як чунин мӯъҷиза пеши назари ман рӯй дода буд ва ба ҳамин сабаб камина ба рӯйдодҳои аҷибу ғариби дигари ин мазор низ шубҳае надорад.

Он вақт дувоздаҳ ё сездаҳ сол доштам. Охири зимистон буд. Барф то буҷули пой борида, заминро кӯрпа карда буд. Ман аз ҳавлии худамон ба сӯи хонаи бобом мешитофтам. Бобом бемори бистарӣ буд ва бояд доруро зуд ба он кас мерасондам. Роҳи миёнбури наздик аз пеши ҳамин мазор мегузашт. Он вақтҳо ин ҷойҳо саҳрои беодам буд ва вақте ки ба мазор наздик шудам, маро тарс фаро гирифт. Аз мазор бок надоштам. Тарси ман аз 10-12 саг буд, ки аз паси як саги мода мегаштанд.

Ногоҳ саги мода сӯи ман аккос зад ва ҳама сагҳои нар ғуррос зада, ба тарафи ман давиданд.

Аз дилам гузашт, ки тамом, ин сагҳои бадқаҳр ба ман амон намедиҳанд. Ногоҳ аз байни дарахтони мазор мӯйсафеди нуронии сафедпӯше пайдо шуд. Ӯ шохи хушкидаи дарахтро "қарси" шикаста сагҳои ба ман ҳуҷумкардаро бераҳмона кӯфт. Онҳо вингоскунон оқиб гаштанд, баъд пирамард боз байни дарахтони мазор даромад ва аз назар ғоиб шуд.

Мӯъҷизаи дигареро тобистон дидаанд.

Онҳое, ки шабона киштзори атрофи мазорро об додаанд, нақл мекунанд, ки ҳар шаб аз он ҷо подшоҳи мушҳо бо аҳли дарбораш чароғҳо бардошта, ба лаби ҷӯй мебарояд ва ба завракҳо нишаста ба ҷараёни об шино мекунад. Он гоҳ даруни ҷӯй дар масофаи қариб сад қадам пур аз чароғакҳои шиновар мегардад.

Мазор ба касе коре надошту касе ба мазор. То вақте ки замони қартакунии заминҳо сар шуд. Замини атрофи мазор мисли заминҳои дигари колхоз аз майдонҳои пасту баланди гуногуни боғҳои мусодирашудаи хусусии одамон иборат буд. Ин ҳодиса замоне воқеъ шуд, ки заминҳои киштро аз кайҳон ба сурат мегирифтанд ва дар Маскав меомӯхтанд. Ва рӯзе

дастуре расид, ки заминҳои колхози шӯравӣ набояд ин тавр каҷу килеб ва пасту баланд бошанд. Аз тарафи дигар, чунин заминҳо ба коркарди мошинӣ мутобиқ нестанд. Фармон ба колхоз аз райком омад. Раис медонист, ки ин фармони райком нест, ба райком аз обком, ба обком аз болотар, ба болотар боз аз болотар омадааст. Ҳама медонистанд, ки заминҳоро ҳатман рӯи каф барин ҳамвор ва чоркунҷаи росткунҷа  кардан даркор. Инро танҳо рӯҳи дар мазор хобида намедонист, зеро вай ба қонунҳои ин замону ин замин тобеъ набуд. Баъди он ки ҳама ҷоро ҳамвор карданд, навбат ба мазори Муғон расид.Ҳомид-акаи бригадир, ки мазор ба марзи бригадаи ӯ дохил мешуд, шитоб надошт. Ҳатто ҷуръат карда ба раис гуфт:

— Ба ҳамин мазор намерасем.

Раис гуфт:

— Ман ҳам – мӯъмину мусулмон, вале фармон – ин фармон!

Раис ба ёд овард, ки чӣ тавр дар лаҳзаҳои душвор котиби якуми райком ба ду паҳлӯи худ сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ ва прокурори ноҳияро шинонда ба ӯ дӯғ зад:

— Ё фармонро иҷро мекунӣ, ё дар ҳабсхона пӯсида меравӣ!

Бригадир дар дил андешид, ки агар роҳи нави мумфарши аз наздикии ҳамин мазор гузаранда намебуд, раис розӣ мегардид. Зеро калонҳои ноҳия ё вилоят ба колхоз оянд, мошинашон аз ҳамин ҷо мегузарад ва ҳатман ин ҷангалакро мебинанду ба чашмашон чун хор мехалад ва мағал мебардоранд. Раис андешид, ки пеши ин мазорро девор кунад ҳам, хоҳ-нохоҳ аз кайҳон ба сурат мегиранд ва рӯзе меоянд барои тафтиш, ки чаро теппаеро ҳамвор накардаанд.

Булдозерчӣ писари ҳамон Амонқули майпараст буд, ки ҳар бегоҳӣ маст буд ва шоме рӯ ба мазор рост истода пешоб карду боқии умр шал шуд ва шикоят менамуд, ки садои шир-шири пешобам доимо дар гӯшам садо медиҳад. Булдозерчӣ талаб мекард, ки то мулло дуои фотиҳа хонда иҷозат надиҳад, булдозераш ба тарафи мазор як ваҷаб ҳам ҳаракат намекунад. Муллои деҳа  домулло Абулхайрхон аз воқеа пешакӣ огоҳӣ ёфта, сар ба болин монда худро бемори бистарӣ вонамуд кард ва аз ин корҳо халос намуд. Танҳо мӯйсафед Саидмурод монда буд, ки дар ғайби домуллои деҳа дар маъракаҳои азо аз рӯи

зарурат дуою фотиҳа мехонд. Шофир ҳам нағз медонист, ки Саидмурод-бобо  аз ин гуна корҳо сар мепечад, ба ҳамин сабаб ба ӯ гуфт:

— Раис барои як даҳан маслиҳат  шуморо ҷеғ зада истодаанд.

Шофир пирамардро ба мошин савор карда баъди 5-10 дақиқа ба назди мазор овард.

— Ман ин хел дуою фотиҳа намехонам, —  гуфт пирамард Саидмурод баъди хоҳиши раисро шунидан.  — Дуои фотиҳаро танҳо барои нияти нек  мехонанд, барои вайрон кардани мазор не.

— Ту барои вайрон кардани мазор намехонӣ! – бо зарда гуфт раис, —  барои худо мехонӣ, ба арвоҳи гузаштагон мехонӣ. Ин мурғро сар мезанию баъд мехонӣ. Он тарафаш кори ту не-ку!?

Пирамард Саидмурод  фикр кард, ки агар рад кунад, пагоҳ раис барои бачаҳои хонадоршудаи ӯ барои сохтани хонаи алоҳида замин намедиҳад.

Ӯ аввал таҳорат кард, мурғро сар зад ва се бор сураи фотиҳаро бо овози баланд самимона хонда даст ба омин бардошт. Раис ба булдозерчӣ ишора намуд, ки ба кор сар кунад. Вале мотор ба ҳаракат намедаромад. Шофир ба ёрии тракторчӣ шитофт. Ҳама ҳайрон шуданд. Ҳама ҷои булдозер соз буду мотор ҳеҷ ба ҳаракат намедаромад. Гӯё  ки он ҷоду шуда буд. Бо фармони раис булдозери навро бо трайлер оварда фуроварданд, ки колхоз дирӯз харида буд.

Акнун булдозерчӣ саркашӣ кард, ки мазорро ҳамвор кардан кори хавфнок аст, вай ин корро намекунад. Бо фармони раис бригадир ду шиша араки "русӣ" овард. Баъди ду пиёла ба гулӯи булдозерчӣ рехтану ваъдаҳои бисёри раис  ӯ ба кабина нишаст. Булдозери нав ғуррос карда ба ҳаракат даромад ва сӯи мазор равон шуд. Вале ба мазор як-ду метр нарасида ногоҳ дар замини ҳамвор чаппа шуд. Булдозерчиро базӯр аз зераш кашида бароварданд, ки хеле осеб дида буд.

Пас аз ин раис аз нияташ гашт ва ба мазори Муғон дигар нарасид. Вале рӯҳи мазор аллакай бедор гардида ба чанд кас расида буд. Рӯзи дигар як дасту як пои раис шал гардид, нисфи рӯяш каҷ шуд ва қариб як сол дар бемористон ва хонаи

худ хобид. Ҳоло сиҳат шуда бошад ҳам, осоре аз он боқист. Булдозерчиро бошад, баъди қариб як соли табобат ба нафақаи маъюбӣ баровroutданд.

Акнун қиссаи Саидмуродбоборо шунавед. Баъди ин ҳодиса ду бузи ӯ бо ҳамдигар шохзанӣ карда яке дигареро кушт. Гови сершираш ногоҳ аз ширдиҳӣ бозмонд. Ба гулӯи сагаш устухон дармонд. Оруе виззозкунон аз ҷониби мазор омада, биниашро газид ва он варам карда, ба кадуча монанд гардид. Рӯзҳо мегузаштанду варами биннӣ намегашт. Духтурҳо бошанд, илоҷи табобати онро намедонистанд.

Ҳар шаб хоб медид, ки мору каждумҳо аз мазор баромада сӯи хонаи ӯ хазида меоянд. Саидмурод-бобо як таксиро киро карда, ба шаҳр ба хонаи фолбини кӯҳансол Исрофил-бобо омад.

Ҳамин ки аз остонаи дари фолбин гузашт, мӯйсафеди Исрофил ба сараш дод зад :

— Чаро ба мазори Муғон расидӣ? Зуд ба хонаат раву бузи зиндамондаатро ба назди мазор бурда қурбонӣ кун!

Саидмуродбобо як садсӯмаро аз киса кашида, пеши фолбин партофту бошитоб оқиб гашт. Бо ҳамон таксӣ ба хона омад, ба шитоб ресмони бузро аз мех кушод ва назди мазор бурда “бисмиллоҳ” гуфта сар зад.

Вақте ки узвҳои буз аз ҷунбиш бозмонд, варами бинӣ ҳам нест шуд.

Солҳо мегузаранд, асрҳо мегузаранд. Мазори Муғон бошад, ҳанӯз ҳам дар ҷояш мисли теппаи вулқони хомӯш истодааст, чӣ хеле, ки садҳо сол истода буд ва чӣ тавре, ки пеш буд, касе ба ӯ нарасад,ӯ ҳам ҳаргиз ба касе зиёне намерасонад.

## ПАРВОНА

***Афсона***

Парвона вақте чашм кушоду худро шинохт, ҷаҳон пардаи сиёҳи шаб ба сар кашида буд. Ӯ дар болои кӯл парвоз карда, пеш аз ҳама акси шукуфазори ситораҳоро дар синаи оби кӯл бидид ва чароғаки меҳр дар дилаш фурӯзон шуд. Парвона ҳис кард, ки хеле ширин аст ин чароғи меҳр. Фикр намуд, ки ин

ҷаҳони торик чандон бад нест, агар чунин ситораҳои зебою дилрабо дошта бошад.

Ӯ поёнтар фуромад, ки ситораҳои кӯлро аз наздик бубинад, вале мормоҳие боло ҷаҳида, таҳдиди хӯрдани ӯ кард.

Парвона ба суръат боло рафт ва ба осмон нигариста дид, ки ситораҳои оби он ҷо равшантар метобанд.

Парвона хеле ба боло парид, вале ба осмон расида натавонист. “ғувватам нарасид” – фикр кард ӯ, вақте ки поён мефуромад.

Ӯ дар шохаи гуле нишаст ва дид, ки Шабпарак низ онҷост. Парвона дир-дир ларзид.

– Натарс, — гуфт ба ӯ Шабпарак. – Ман туро намехӯрам. Аз мушҳои паррон ва ғукҳо эҳтиёт шав.

— Боз аз чӣ эҳтиёт шавам? – пурсид Парвона, ки ба назараш ин дунёи торик пур аз душман намуд.

— Намедонам, - гуфт Шабпарак, - ин пардаи шаб чӣ сирҳое дорад. Ту Парвона ҳастӣ. Яъне зодаи ситораҳои осмон. Ба рӯшанӣ наздик бош. Он ҷо ҳамқавму ҳамсолони худро меёбӣ.

Парвона каме дам гирифту, дар болои марғзор парвоз кард. Дар байни алафҳо чароғаке тофт ва ӯ наздик шуда, кирми шабтобро дид. Кирме, ки нураш гармие надошт. Парвона дар дили худ сардиро ҳис намуд, як ларзид ва тарсида аз он ҷо зуд дур парид. Парвона парвоз кард ва ба атроф бодиққат нигариста чароғистонеро дид. Ӯ ба ҳамон сӯ парида қасри чилҳуҷраеро ёфт. Дар ҳар ҳуҷраи он қаср як қандили булӯрии чилчароғ месӯхт.

Дар як толори калоне шоҳу вазирон нишаста кабоби бедонаву кабк мехӯрданд. Бӯи гӯшту дуду пари сӯхта ба димоғ мезад. Аз тирезаи ҳуҷрае садои дашноми зане меомад, ки духтарашро мезад. Дар зиндонҳои қаср асирон оҳу нола доштанд. ғасри равшани булӯрии чилҳуҷраи қандилҳояш чилчароға ба назари Парвона тира намуд. Ва ӯ боз дар ҷустуҷӯи нур ба осмон парид.

Хеле баланд шуд, чашм ба чор сӯи замин афканд ва дур аз қаср шӯълаи хираи шамъе гарм ба назараш тофт. Парвона ба он ҷое, ки шамъ месӯхт, биштофт. Вақте ки наздик омад, чунин манзараро дид:

Дар шамъдони мисин шамъи борике месӯхт. Мӯйсафеди нуронӣ дар даст қалам, дар пеш қоғази сафед дошту андешаманд назди шамъ нишаста буд. Шоире буд. Шоири ришсафед гоҳо байтеро сурудвор форам мехонду гоҳо гӯш ба овози чирчиракҳо медод.

Парвона дар кунҷе нишаста ӯро наззора мекард. Ин ҷо парвонаҳои дигар низ пайдо шуданд, парвонаҳои зебое, ки гирди шамъ мепариданду аз бозёфти шамъ шодмонӣ доштанд.

Вақте ки умри онҳо ба охир мерасид, худро ба оташи шамъ зада месӯханд, то ки ҷисмашон тӯъмаи ғукҳо ё мушҳои паррон нагардад.

Шоир бошад, дер гоҳ ба ин сӯхтанҳо нигоҳ мекард ва чизе ба қоғаз менавист. Эҳтимол қиссаи ба шамъ ошиқ шудани Парвонаро...

## ДАҲШАТҚУЛ

***Ҳикоя***

Хонандаи мӯҳтарам аз унвони ин ҳикоя эҳтимол тахмин мекунад, ки сухан дар бораи шахсе хоҳад буд даҳшаткору ваҳмангез. Худо нигоҳ дорад! Мақсади муаллиф ин нест, балки нақлест оиди он ки хасу чӯби беҷон ҳам даҳшатнок шуда метавонад.

ғаҳрамони ҳикояи мо Боймурод ном дорад. Боймурод корманди як идораи хурдакак, ки дар ҳар шаҳру ноҳия ҳаст - нотариат, яъне идорае, ки бе он ҳуҷҷатҳоро қонунӣ гардондан мушкил аст. Яъне, ки Боймурод соҳиби мӯҳр аст, қонундон аст. Ӯ нағз медонад, ки корманди чунин идора ба вазифаи аз ин баландтар умед баста наметавонад ва аксар то нафақа дар паси як мизу болои як курсӣ қафои даҳҳо шиму остини даҳҳо пиҷакро медарронад.

Рӯзҳо барои Боймурод якранг мегузаштанд, зеро навиштани ҳуҷҷатҳои гуногун аз рӯи қолиби муайяну забони ҳуҷҷатнигорӣ кайҳо ба дилаш зада буд. Ӯ танҳо ба хотири якшанбе – рӯзи истироҳат зиндагӣ мекард. Дар ин рӯз ӯ каллаи азон аз хоб хеста ба саробӯстони худ мешитофт.

Он чӣ ки ӯ саробӯстон меномид, як замини масоҳаташ шашхолии бист ба сӣ метр буд, ки аз ниҳолҳои навбар гелос, себ, шафтолу, зардолу, нок ва чанд бех ток дошта Боймурод дар зери дарахтону байни онҳо тарбузу харбуза ва чанд намуди сабзавот низ кишта буд.

Агар ҳама саробӯстони худро бо панҷарадевор ё деворбетон иҳота карда, дар он қасрчаҳои ду-сеқабатаи хурдакак сохта бошанд, Боймурод барои ин на маблағ дошту на вақт. Ба ҳамин сабаб ӯ атрофи замини саробӯстонашро бо симхор иҳота карда дар кунҷи як хонаи чӯбии "кӯрхатшуда"-и аз бинокорҳо арзон харидаашро гузошта буд, ки як дару ду тиреза дошт. Боймурод ба саробӯстонаш танҳо худаш мерафт. Зану бачаҳояш намерафтанд. Онҳо шарм медоштанд, ки дар паҳлуи саробӯстонҳои ҳавзи мармариндору хонаҳояш пурнақшу нигор саробӯстони онҳо хоки сиёҳ ҳам не. Саробӯстони Боймурод суратан аз ҳоли марди хоксору камбизоате дарак медод. Як гов, агар беназорат монад, ҳатман ба полези ӯ медаромаду як хар, агар гум шавад, аз замини ӯ ҳангос мезад. Ҳатто қаровули умумии саробӯстоне, ки ба ӯ Боймурод низ моҳона медод, аз замини Боймурод бепарво буд.

Вале Боймурод ҳамаи инро сарфи назар карда, ҳар рӯзи якшанбе аз каллаи азон ба роҳ мебаромад, офтоб як қади найза боло нашуда ба сари заминаш мерасид ва аз хоначаи чӯбин белу каландашро гирифта ба кор сар мекард. "Меҳнат кунӣ, роҳаташа мебинӣ, бачем" — ба ёд меовард суханони падари марҳумашро. Пас аз ду-се соати меҳнати арақрези ҷисмонӣ гӯё заҳру зақуми дар тӯли як ҳафта дар баданаш ҷамъшуда бо арақ берун мешуданд ва худро хеле сабук ҳис мекард. Ҳатто "ба рӯзгор ин намерасад, вай намерасад" гуфта доимо "вақ-вақ" кардани занаш аз ёдаш мебаромад. Ӯ дар ин қитъа ҳар як ваҷаб замин, ҳар як ниҳолро дӯст дошта буд. Ӯ ҳамаи ҳамсояҳоро дар ин ҷо дӯст медошт. Ин ҷо ҳама чиз гӯё дар ҷои худ буд, дар мавқеи худ ва замони худ. Помидор вақту соати худро дошт, қаланфуру боимҷон вақту соати худро. Боймурод ба қасру ҳавзҳои мармарӣ ҳасад намебурд, ба ҳамсояҳо меҳрубон буд, аммо ҳамсояҳо ӯро чашми дидан надоштанд. Дар як минтақаи саробӯстонҳои олӣ як замини бо

симхор иҳоташудаи хоначааш кӯҳнаи чӯбӣ ба чашмашон хор барин мехалид, бад ва нозеб менамуд. Ба ҳамин сабаб чанд бор пешниҳод карданд, ки заминашро ба онҳо фурӯшад, маблағи калон пешниҳод менамуданд, вале Боймурод ҳеҷ розӣ намешуд.

Ҳама бачаҳои шаттоҳи деҳоти атроф дар вақти аз байни хиёбони марказии саробӯстонҳо гузар кардан, ба боғҳои дигар нею ба саробӯстони Боймурод аз боло ё таги симхор гузашта, тути заминӣ ё гелос хӯрда мерафтанд. Зеро ин ҷо на посбоне дошт, на саги бадҳайбате, на ҳамсояи ғамхоре, ки як бор "ҳуй" гуфта монад. Баръакс, ҳамсояҳои бахили сарватманд мехостанд, ки ҳар чи бештар полези ӯ поймол шавад, шохи ниҳолҳои навбарашро зиёдтар шикананд, "ногоҳ полезашро об зер кунад" ва аз ҳамаи ин Боймурод дилхунук гардаду заминашро фурӯшад. Вале Боймурод баъди чунин ҳодисаҳо боз ба заминаш сахттар мечаспид.

Имсол ҳамин ки гелос ранг овард, ба шикастани шохҳои он сар карданд. Илова ба ҳамаи ин як села зоғҳои сиёҳ, ки дар чортоқи тори қасри сеқабатаи ҳамсоя лона монда буданд, паи ҳам ба меваю чеваи Боймурод ҳуҷум мекарданд. Боймурод қарор кард, ки барои тарсондани паррандаҳо қарашқул лозим аст. ғарашқул хӯсаи одамсуробест, ки паррандаҳо ӯро дида одам пиндошта, ба полез ё боғ намешинанд.

Вале на ҳама метавонад, чунин қарашқул созад. Боймурод қарашқулҳои падараш сохтагиро дар бачагиаш дида буд. Аз рӯи ҳамон таҷрибаи кӯҳна ба кор сар кард. Вале маводи қарашқулро дар шароити шаҳр пайдо кардан чандон осон набудааст. Таҳхонаҳоро кофта, аз кадом кунҷе як калтаки калони аз қади худаш ду-се ваҷаб дарозтарро ёфт, ки метавонад танаи қарашқул шавад. Барои даст чӯби муносиб ёфт нашуд, ба ғайри як милтиқи кӯҳнаи зангзада. Барои сар як чӯбкаду лозим буд ё кӯзача, афсӯс, ки пайдо нашуд. Боймурод аз як сандуқи кӯҳна кулоҳхуд (тоскулоҳ)-и биринҷии қадимаро ёфт, ки ба кадом аср тааллуқ дошт, маълум набуд. Вақте ки кулоҳхудро ба сари калтак пӯшонд, он ба худ симои даҳшатнок гирифт, гӯё арвоҳе кулоҳхуд пӯшида, ба ҷанг тайёр шудааст.

Акнун ягон ҷомакӯҳна ёфтан лозим буд. Ҷомакӯҳнаро аз

хона пайдо карда натавонист. Зеро занаш либоси кӯҳнаро нигоҳ надошта, зуд бароварда ба қуттии ахлот мепартофт. Боймурод боз ба таҳхона даромад ва сандуқҳои қадимаи аз бобояш мерос мондаро кушода, як ҷомаи хеле кӯҳнаи садямоқро ёфт. Ҳайрон шуд, ки мӯъҷиби чунин ҷомаро нигоҳ доштан чӣ бошад?

Эҳтимол ҷома ба ягон пири тариқат, ё пешво тааллуқ дошта, чизи муқаддас будааст? Ё ки ҷомаи аз ёд фаромӯшшудаи бобояш будааст? Боймурод ҳамаи инҳоро ба саробӯстонаш оварда, аз онҳо қарашқул сохт. Ӯ анъанаи қарашқулсозиро вайрон кард. ғарашқулҳое, ки падараш месохт, дар сари кадучӯби худ чеҳраи хандон ё пуртабассуме дошта, гӯё ҳар як дузди полезро бо оғуши кушоду меҳмоннавозӣ пешвоз мегирифтанд.

ғарашқули Боймурод ба ҷои сар кулоҳхуд (тоскулоҳ) дошту зери он холигии сиёҳе метофт. Аз як остин қундоқи милтиқи вайрони зангзада намудор бошад, аз нӯги остини дигари ҷома мили сиёҳи он як ваҷаб берун баромада буд. Барои аз ин милтиқ тир паррондан бобоён дар тирдони милтиқ пилтаи равғанолудро гиронда дақиқае интизор мешуданд, ки кай оташ ба борут мерасаду баъд тир аз мил берун мепарад.

Домани ҷомаи садямоқи ало-булои бобоӣ ба замин расида чӯби дохилиро паноҳ карда буд ва аз дур чунин метофт, ки даҳшатқул ном ҷине аз замин мехезад, то ҳамаро сахт тарсонад, гурдакаф кунад.

Боймурод баъди дар мобайни замин рост кардани қарашқул то шом дар полез ҷунбуҷӯл кард. Як чизро ҳис намуд, ки касе ба кори ӯ бо диққат нигоҳ мекунад. Ҳамин, ки ба ҷониби қарашқул нигарист, аз ҷои холигии сиёҳи ваҳмангези даҳону биниву чашм чизи дигаре наметофт. Аз ин ҳолат тахтапушташ ваҷаррос мекард. Вале бо вуҷуди ин қарор дод, ки қарашқулро дар ҳамин ҳолат монад, зеро ба талаву тороҷи полезу ниҳоли саробӯстонаш аз ҷониби паррандаву чарранда хотима гузоштан лозим буд. Вақте ки Боймурод аз заминаш мебаромад, шунид, ки дар саробӯстонҳои ҳар ду тарафи заминаш базми нишот дар авҷ аст: бӯи сихкабоб меомаду садои қаҳқаҳаву хандаи маъшуқҳо омехта бо мусиқии

сабук. Боймурод ба ҳамаи инҳо эътиборе надода, ба роҳаш равон шуд,зеро кайҳо бо ин тарзи истироҳати соҳибони пулмасти саробӯстонҳо одат карда буд. Ин шаб Боймурод дар хона то рӯз наҷунбида хобид. Зеро хаста шуда буд. Саҳар ӯро садои дар бедор кард. Дарро кушода дар рӯ ба рӯяш милисаро дид.

— Ба мошин шинед! – гуфт милиса. — Дар саробӯстон куштор шудааст.

Боймурод саросема либос пӯшид ва ба мошини патрули милиса нишаст. Зану бачаҳояш инро шунида тарсиданд. Боймурод онҳоро ором кард: "Ҳеҷ гап не, ягон бадмаст ба полез даромадагист".

— Имшаб дар куҷо хобидед? – пурсид милиса баъди он ки мошин бо суръати тез роҳи саробӯстонро пеш гирифт.

— Дар хонаи худам будам, — гуфт Боймурод.

— Кай ба хона омадед?

— Дирӯз бегоҳӣ.

— Ягон кас метавонад инро тасдиқ кунад?

— Замин, бачаҳоям.

— Не, ягон каси дигар.

— Ягон каси дигар маро надидааст.

Милиса саволи дигар надод.

Вақте ки ба саробӯстон расиданд, Боймурод дид, ки аллакай дар он ҷо як гурӯҳи калони муфаттишону милисаҳо ба таҳқиқи ҷиноят машғуланд. ғурбони ҳодиса ҳамсояи дасти рости Боймурод Тӯлӣ буд, ки дар назди хонаи чӯбин аз сараш тир хӯрда парӯ афтида беҷон мехобиду дар наздаш канистри бензин ва гӯгирд меистод. Боймурод фаҳмид, ки Тӯлӣ барои оташ задани хоначаи ӯ омадааст ва касе ӯро парронда ба ин кор монеъ шудааст.

Аз байни милисаҳо танҳо сардори онҳо полковник Саломатов нисбатан солхӯрда буду мӯйҳои мошу биринҷ дошт ва Боймуродро нағз мешинохт. Зеро замоне, ки Боймурод ҳам бача буду ӯ ҳам, онҳо ҳамсоя буданд. Падараш нақл мекард, ки бобои Боймурод "илми кашмирӣ"-ро медонистааст ва бо даму дуо ё ба воситаи калтаки соҳириаш деву аҷинаҳоро аз дили беморони рӯҳӣ ё аз хонаи онҳо мерондааст. Боре бобояш сардори милисаҳоро ҳам ҳамин

тариқ табобат карда будааст, вале ин дар ёди Саломатов ҳаст ё не, маълум нест. Ҳоло қиёфаи полковник ҷиддист. Ӯ замони ҷӯрагиҳои давраи бачагиро тамоман ба ёд овардан намехоҳад, зеро касби асосиаш барқарор кардани адолату ҳақиқат аст, на ёди ҳуши замони бачагӣ.

Сардори милисаҳо бо чеҳраи ҷиддӣ фармонҳои қатъӣ медод. Назорат мекард, ки пайгиру суратгирон кори худро дақиқ анҷом диҳанд. Тамошобинҳоро аз ҷои воқеа дур меронд. Ва кӯшиш мекард, ки чашмаш ба чашми Боймурод рост наафтад. Ин дам криминалист хулоса баровард, ки тир аз милтиқи қарашқул парронда шудааст. Патрони холӣ ёфт нашуд ва дар зери қарашқул танҳо изи пои Боймурод ёфт шуд. Далели раднопазир. Ҳама фармони полковникро интизор буданд.

— Ба дасти Боймурод кишан занед! – фармон дод сардор бо қатъият. Милисае дастони Боймуродро дошт ва милисаи дигар кишан зад.

— Ман – бегуноҳ !,— гуфт Боймурод,— аввал тафтиш кунед!

— Чӣ хел тафтиш! Ҳамааш маълум-ку?

— О, ман имшаб дар хонаи худам будам!

— Бас, боқимондаашро дар вақти пурсиш гап мезанӣ! – амр кард муфаттиш, - пеш даро!

Вақте ки Боймуродро ба мошин мешинонданд, сардор фармон дод, ки қарашқулро канда гиранд, зеро он ҳамчун далели шаъй лозим аст. Пойҳои Боймурод латта шуданд. Ӯ то назди мошин базӯр омад ва ба поймонаки он пой монда “ё пирам!” гуфта худро бо душворӣ бардошт. Милисае ба ҷониби қарашқул равон шуд. Ҳамин вақт қарашқул ба ҳаракат даромада, мили даст –милтиқи худро ба сӯи мошини милисаҳо нигаронд. Онҳое, ки  инро диданд, зуд худро ба замин партофтанд. Ду бор садои тирандозӣ баромад ва ду балони мошин сӯрох шуд.

Баъд қарашқул мили милтиқро ба сӯи чортоқи боми қасри Тӯлӣ рост намуда, як бор тир андохт. Зоғҳои сиёҳ ба осмон париданду чортоқ оташ гирифт.
Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим. *Ло ҳавла вало… Ло ҳавла вало…* дасти Боймуродро кушоед! – фарёд кард полковник.

Вақте ки кишанро аз дасти Боймурод гирифтанд, қарашқул ором шуд ва боз ба хӯсаи бечон мубаддал гардид.

— Бобоят ҷодугар буд. Ту ҳам аз ҳамон ҳунар дорӣ? – гуфт полковник.

— Не, ман ягон сирру ҷодуро намедонам, - гуфт Боймурод. — Вале чизе наёфта аз чизҳои кӯҳнаи бобом қарашқул сохтам. Вале ин қарашқул нею даҳшатқул шуд. Чизҳои бобом ногоҳ худ ба худ ба ҳаракат даромаданд.

— Аз ту илтимос ин, ки онҳоро гирифта ба ҷояшон бурда мемонӣ! – гуфт сардор, - илми ҷодуро надонӣ, ба онҳо дигар даст нарасон.

Боймуродро аз мошин фуровարданд. Ӯ қарашқулро вайрон карда, чизҳоро ба таҳхона бурда монд. Милиса дигар бор Боймуродро ташвиш надод. Боймурод ҳам баъди ин ҳодиса ба сари заминаш ягон бор нарафт.

Ӯ акнун рӯзҳои истироҳат аз тиреза ба кӯчаи сермошин нигоҳ карда мешинад ва орзу мекунад, ки ягон кас заминашро харад ва ӯ аз ҷои дигар барои саробӯстон замини хубе ёбад. Ва албатта пеш аз ҳама ҳамсояҳои хубро...

## МӮР ВА ПУФФАК

***Афсона***

Баҳор омад. Барфҳо об шуданд. Офтоби баҳор заминро гарм кард. Сабза дамид. Мӯрҳо гармиро ҳис карда, аз хонаҳояшон баромаданд. Мӯри сиёҳи калоне низ аз хонааш баромад. Ба пушташ гармии офтоб расид. Мӯр хушҳол гардид ва хамёза кашид.

Пуфаки гулобиранги бачаеро шамол рабуда буд. Ин Пуффак баъди бисёр дар ҳаво парвоз кардан бо истодани шамол ба замин фуромад. Фуромаду Мӯри сиёҳро нописандона тела дода монд.

— Бин, ман чӣ хел калон! — гуфт бо ғурур Пуффак, ки ба калаи фарбеҳаки бачаи сурхинарӯ монанд буд.

Мӯри сиёҳ дар ҷавоб гуфт:

— Эй, тулум! Калон бошӣ ҳам, исту бистат — бод! Аз дастат ягон кор намебиёд.

Пуффак гуфт:

— Эй симиёни скелет! Ту барин дона кашонда, доимо бо бинӣ заминро хат кашида намегардам! Ман парвоз карда метавонам. Аз ресмонам бигирӣ, туро ҳам дар осмон сайр мекунонам.

Дар дили Мӯр ҳаваси парвоз пайдо шуд.

— Майлаш, мана доштам ресмонатро, парвоз кун,— гуфт Мӯр.

Пуффак гуфт.

— Якта аз тагам зарба зан!

Мӯр барои бо пой задан ҳаракат карданӣ буд, ки шамоли хобида хесту Пуффак ва Мӯрро бо ресмони он ба осмон бардошт. Шамоли ҳарҷогарди бепарво онҳоро бо суръати тез бардошта бурдан гирифт. Ба Мӯр парвоз мефорид. Аммо ба замин нигаристу ба дилаш воҳима даромад. Онҳо ба канори ватани мӯрон, ки ҷӯи калон аст, қариб расиданд. Агар аз болои ин ҷуй, ки ба забони мӯрон Укёнуси Калон ном дорад, парида гузаранд, чӣ мешавад? Эҳтимол, Мӯр ҳаргиз аз ин ҷуй ба ақиб гузашта, ба ватанаш омада натавонад.

Дили Мӯр ба Ватан сӯхт ва ӯ ба Пуффак амр дод:

— Тулум, тез поин фуро,вагарна шикамата мекафонам!

— Наметавонам! — гуфт Пуффаки мағрур, ки барои вай Ватан куҷост фарқ надошт.

— Боди дарунатро камтар ба берун барорӣ, поин мефурой! — гуфт Мӯр.

— Бодамро сар диҳам, майда мешавам! Ман майда шудан намехоҳам! –гуфт Пуффак ва парвозро давом дод.

Мӯр боз як бор ба поин, ба замин нигоҳ карда, ба ватанаш дилаш сӯхт ва бо ғазаб ду дандони ханҷар барин тези пеши худро ба шиками Пуффак фурӯ хаст.

— Уфф-пуфф... Ту маро сӯрох кардӣ! —гуфт Пуффак ва хурд шуда, поин фуромада , рӯи сабза нишаст. Пуффак дар як лаҳза ба халтачаи холии резинӣ табдил ёфт. Баъди тамоман аз бод холӣ шудан ӯ наметавонист ҳатто садое барорад.

— Акнун туро шамол ба ҳар тараф намебарад, — гуфт Мӯр ва ба тарафи хонаи худ равон шуд.

## РӮЗИ ОХИРИН

*Ҳикоя*

Абдулатиф — писари калони Мирзо Улуғбек омад бо лашкари бисёр ва Самарқандро ишғол кард. Кӯксарой ба дасти Абдулатиф гузашт. Улуғбеки бо ду-се нафар ҷондор, хидматгор ва як нафар воизи ҷавон монда боиҷозаи шоҳи нав дар Боғи баланд паноҳанда шуд. Дигар ҳама мулозимонаш аз тарси Абдулатиф Улуғбекро тарк намуданд. Яке рӯирост тарк кунад, дигарӣ рустӣ мегурехт. Одамони Абдулатиф низ дар ин кор даст доштанд. Онҳо атрофиёни Мирзо Улуғбекро метарсонданд ва на ҳама ба таҳдиди онон тоқат карда метавонистанд.

Дар дили ҷондорон низ тарс хона карда буд, вале онҳо дар ин рӯзҳои мушкил танҳо гузоштани Улуғбекро хиёнат ба касби худ ҳисобида бо шиори "то омадани табар кунда месояд" рӯз мегузарониданд.

Воизи ҷавон, ки Муҳаммад Солеҳ ном дошт, сухандони хушовоз ва марди покизаниҳоде буд. Ӯ низ мисли Улуғбек Каломи Шарифро ба ҳафт оҳанг қироат карда метавонист, вале ҳаргиз ситоиши ҳунари худ намекард. Бағоят хоксору фурӯтан буд. Муҳаммад Солеҳ се соли охир ба аҳли рикоб пайваста ва ба сабаби ихлоси бузургаш ба санъати сухан аз ҳамсӯҳбатони маҳбуби Мирзо гардида буд. Ӯ даҳҳо бор барои Улуғбек "Шоҳнома"-и Фирдавсиро хонда буд. Ҳар боре ки "Шоҳнома" ба поён мерасид, Улуғбек мегуфт: "Эрону Тӯрон боз тақсим шуда. Боз байни фарзандони як падар. Бародарам Бойсанқур низ дар Эрон ҳоло "Шоҳнома" мехонад... Ва сари муаммои ин дунё майна об мекунад. Ин дунё то мо низ чунин буд ва баъди мо низ чунин хоҳад буд. Агар гардиши фалак тағйир наёбад".

Муҳаммад Солеҳ дар айвони Боғи баланд ба Мирзо ривоятеро нақл мекард: "Гӯянд, расуле фиристодаанд аз шаҳри кофирон, то бинигарад, ки Умар чӣ гуна мард аст ва сирати вай чист. Чун ба Мадина расид, гуфт:— Ин малики шумо куҷост? Гуфтанд: моро малик нест, моро амирест. Ба дарвоза берун шуд, вайро дид дар офтоб хуфта, ҷомаи кӯҳнаи худ зери сар ниҳода ва эзораш чордаҳ дарбеҳ (ямоқ) дорад.

Дар атрофи Умар касе аз хидматгорону ҷондоронро надид. Бар дили вай азим асар кард, ки амиралмўъминин аз касе тарсе надорад ва бар чизе тамаъ. Ва ин кадар бо дили пур аз осоиш байни мардуми шаҳр хуфта. Зеро ба касе ҳаргиз ҷавреро раво надида. Гуфт: агар амири шумо ин аст, ман низ мусулмон шавам".

Муҳаммад Солеҳ ривоятро ба поён расонд ва Муҳаммад Тарағай Мирзо Улуғбек ғарқи андеша шуд. Кай ў охирин бор осуда хобида буд? Дар ёд надорад. Ба хотираш расид, ки дар айёми тифлӣ низ хоби бароҳат надоштааст. Гавҳораи ў аз паси корвони бобояш — Темур саҳро ба саҳрову шаҳр ба шаҳр мегашт.

Вақте ки Улуғбек аз модари худ Гавҳаршоди нозанин ба дунё омад, рўзи аввали Наврўзи оламафрўз буд. Фоли нек буд. Дар ин вақт лашкари  Темур дар Эрону Ироқ буд. Улуғбек дар шаҳрчаи Султонияи Озорбойҷони ҷанубӣ таваллуд шуд. Вақте ки 17 апрели соли 1394 Темур пой ба остонаи шаҳри Мардини Ироқ ниҳод, ба ў дар бораи аз Гавҳаршод писардор шудани Шоҳрух паёми хуш расид.

Темур ба наздаш мунаҷҷими муйсафедро даъват карда, толеъномаи навзодро пурсид.

— Толеъи нек дорад,— гуфт мунаҷҷим, — чиҳилу як сол ҳукмронӣ мекунад. Ба ҳаёташ аз ақраб хатаре ҳаст. Хатари бузурге.

Улуғбек ҳисоб кард, ки қариб чил сол дар Самарқанд ҳукмронӣ кардааст. Яъне, боз як сол аз ҳукмронии ў боқӣ мондааст. Эҳтимол, ин як солро дар ҳисоб мунаҷҷим зиёд ҳисоб кардааст, ки тоҷу тахт аллакай аз даст рафтаанд.

Улуғбек намедонист, ҳоло аз дили Абдулатиф чиҳо мегузарад. "Ба ҳар ҳол зиндонӣ намекунад. Эҳтимол, дар ҳабси хонагӣ нигоҳ дорад, вале аз фитна метарсад. Эҳтимол, душманон аз феъли бадаш истифода кунанд ва ба қатли ман ташвиқ намоянд".

Абдулатиф бо вуҷуди лашкаркаши моҳир будан, табъи шоирӣ доштан ва шеърҳои хуби форсӣ гуфтан девонаавзоъ буд. Улуғбек намехост, ки чилсола осоиши мардумро як нафар султони нави девонаавзоъ барбод диҳад. Бо ҳамин сабаб, гарчанде писари хурдиаш Абдулазиз қобилияти хуби

лашкаркашӣ надошт, ӯро валиаҳд эълон карда буд. Вақте ки Абдулатиф бо лашкари худ ҳуҷум кард, Абдулазиз дар қатори падараш меҷангид. Онҳо хеле вақт беҳунарона ҷангиданд ва муҳорибаро бохтанд. Шоҳзодаи ҷиннифеъл Абдулатиф ғалаба кард. Мироншоҳи қавчин, ки аз ҷониби Улуғбек муваққатан ҳокими шаҳри Самарқанд таъин шуда буд, намонд, ки Улуғбек ба қалъаи Самарқанд даромада паноҳ ёбад. Он гоҳ Улуғбек роҳ ба ҷониби Шоҳрухия гирифт, вале дар он ҷо низ ӯ ва аҳли рикобашро роҳ надоданд. “Мо туро ба Абдулатиф месупорем!” — гӯён дӯғ заданд. Улуғбек дид, ки аз муқаррабонаш ҳама хиёнат кардаанд, ба ғайри Абдулазиз.

Абдулазиз дар ҷанг беҳунар буд, вале умеди ягонаи Мирзо Улуғбек буд.

Улуғбек дар бораи ӯ бисёр фикр мекард. ӯам мехӯрд, ки чаро Абдулазизро ҳунари ҷанг наомӯзонд. Ба ҳар ҳол имрӯз ба ин ҳол намеафтод. Ҳамаи ин аз толеъ будагист, андешид Улуғбек, маро бобоям аз айёми тифлӣ дар сафарҳои ҳарбӣ бо худ мебурд, ки дар кӯраи ҷангҳо обутоб ёбам, вале парвардигор ба ман қобилияти лашкаркаширо надода ва ман дар ҳама ҷангҳо паи ҳам дучори шикаст будам. Ҳолам чӣ мешуд, агар падарам бо лашкари худ қариб чил сол маро пуштибонӣ намекард? Чил сол падарам соябони сари давлати ман буд.

Воизи ҷавон Муҳаммад Солеҳ Улуғбекро ғарқи андеша дида, бо нӯги по аз айвон дур шуд. Улуғбек рафтани ӯро пай бурда дар дил гуфт: “Кошкӣ, аз ин олам берун рафтани мо низ ҳамин тавр осон мебуд. Подшоҳии мо дар назди Худованди карим арзан барин ҳам нест. Подшоҳони бисёре гузаштаанд, вале чӣ аз онҳо боқӣ монд?

Онон, ки куҳан буванду онон, ки наванд,
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
Ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Аз Умари Хайём рубоиҳою рисолаҳои илмӣ ёдгор бимонд, аз ман низ эҳтимол чанд ғазал, “Зич” ва рисолае бимонад. Мадрасаҳое, ки дар Самарқанду Бухоро сохтам, Расадхона ёдгор хоҳад буд. Балки ҳамаашро об хоҳад шуст, хок хоҳад хӯрд, бод хоҳад бурд, нор хоҳад сӯхт...”

Фалак ба мисоли дастгоҳи гирдогардони кулол дар гардиш аст. Ба ҷои як бурҷ бурҷи дигар ояд, ё худ Офтоб дар дувоздаҳ бурҷ бо навбат хона кунад. Ва одамоне, ки зери ситораҳои як бурҷ таваллуд мешаванд, ба зодагони бурҷҳои дигар монанд набошанд. Аз он , ки ситорашиноси пир толеъномаи набераи Амир Темур Улуғбекро тартиб дода буд, Улуғбек бо кушодани асрори олами нуҷум таваҷҷӯҳи хоса дошт. Ӯ ҳис мекард, ки "мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз", бо ин сабаб тарзу усули ҳаракат ва таъсири онро бояд кашф кард, то ки инсон хатту ҳаракати худро ба тақвими муайянкардаи Оллоҳ мувофиқ гардонад. Инсон бояд пеш аз ҳама Каломи шарифро дастури асосии худ қарор диҳад, рози зиндагиро аз он биҷӯяд. Аммо олами ситораҳои осмон низ китоби дигарест, ки бо нерӯи Худованди Карим офарида шуда, барои омӯзиш ва афзоиши дониши инсонӣ, — фикр мекард Улуғбек. — Шоҳ сояи худо дар замин аст, мегӯяд халқ. Шоҳ сояи худо ҳам шуда наметавонад, — ҳукм мекард Улуғбек. — Вале масъул аст, ки ба омӯзиши ҳар чизе, ки офаридгор офарида, кӯшиш намояд, илмро ривоҷ диҳад, ин корҳои савобанд ва эҳтиром ба офаридаҳои Худованд эҳтиром ба худи ӯст. Агар ӯ асрори нуҷумро наомӯзад, шайтон барои фиреби ӯ истифода хоҳад кард. Донистан беҳтар аст аз надонистан.

Ба ҳамин сабаб мунаҷҷимӣ дар "Зич" яке аз қисми муҳим қарор гирифт. Мирзо Улуғбек рӯзҳои охир ба Муҳаммад Солеҳ такрор мекард: — Ман дар лашкаркашӣ тавоно набудам, вале дар замин аз рӯи дастури китоби осмонӣ — ғуръон ҳукм мекардам. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ба дурустию нодурустии ҳукмҳои ман қазоват кунад, ба ғайри Худованди Карим. На Абдулатифу на ягон шайх чунин ҳуқуқро надоранд. Рӯзи қиёмат бар хоҳанд кашид, ки кадом ҳоким зиёдтар барои хушнудии Оллоҳи таоло заҳмат кашида ва осоиши мардуми мусалмонро таъмин намуда.

Барои Улуғбек интизории он ки Абдулатиф бо ӯ чӣ хоҳад кард, хеле гарон буд. Ба ҳамин сабаб аз Абдулатиф иҷозати ҳаҷ хост. Навкар иҷозати хаттии сафари ҳаҷро овард.

Улуғбек фавран фармон дод, ки тӯшаи роҳ бигиранд ва ба роҳ дароянд. Зеро Абдулатифро дар ғафлат бояд дошт. Абдулатиф фикр хоҳад кард, ки Улуғбек камаш ду-се рӯз ба

сафари мушкили ҳаҷ тайёрӣ мебинад.

Вақте ки Улуғбек бо муқаррабонаш ду фарсанг аз шаҳр берун рафта ба работе наздик мешуд, аз оқибаш савораи низомии Абдулатиф асп тозонда омад ва гуфт:

— Аз он ки падари шоҳ Абдулатиф шитобон ба сафар баромаданд, шоҳ ранҷиданд. Маро фиристоданд, ки бигӯям: Дар ин работи кӯҳна таваққуф кунед, то ҳазрати ҳумоюнӣ тӯшаи сазовори сафари ҳаҷ барои шумо муҳайё кунанд ва фиристанд.

Улуғбек дар работ фуруд омад. Ин воқеа 25 октябри соли 1449 мелодӣ рух дод. Роҳзани машҳур Аббос, ки аз таги дор гурехта буд, барои гирифтани қасоси бародарони роҳзани аз ҷониби Улуғбек кушташудааш аз арбобони дин саросема зери фатво имзо ҷамъ мекард. Ба яке таҳдид менамуд, ба дигаре халтаи зар пора медод. Ҳамин тариқ, ӯ то нисфи рӯз имзои ҳамаро ҷамъ овард, ба ғайри имзою мӯҳри ғозӣ Мискин, ки аз имзо гардан печид ва бо ин амали пок номи худро дар саҳифаи таърих бо ҳуруфи зар сабт кунонд. ғозӣ Мискин на аз таҳдиди "мекушам!"-и роҳзан тарсид, на фирефтаи халтаҳои зар гардид.

Вақте ки Аббос фатворо ба пеши Абдулатиф бурд, шоҳ ба имзоҳо нигоҳ карда гуфт:

— Имзою мӯҳри ғозӣ Мискин куҷост?

— ғозӣ Мискинро дар хонааш пайдо накардем, — дурӯғ гуфт Аббос.

Абдулатиф чизе нагуфт, коғазро пеши пои Аббос партофт ва башаст ба хонаи дарун даромада рафт.

Аббос лаҳзае малул истод. Ин вақт аз хонаи дарун садо омад: "Чаро шах шуда мондӣ? Бирав, ҳукми фатвои шаръӣ иҷро кун!".

Ин овози Абдулатиф буд ё ягон муқарраби ӯ, Аббос фарқ карда натавонист. Ӯ зуд коғазро аз замин бардошта, ба бағалкисса зад ва башаст аз Кӯксарой берун рафт.

Мирзо Улуғбек боқимондаи рӯзро дар боғи хазонрехтаи работи кӯҳна гузаронд. Таом хӯрду сайри боғ намуд. ғадамзанон байти машҳури "Шоҳнома"-ро замзама мекард:

Чунин аст расми саройи дурушт,
Гаҳе пушт ба зину гаҳе зин ба пушт.

Муҳаммад Солеҳ низ ҳис мекард, ки кор ранги дигар мегирад. Эҳтимол, Абдулатифи девонаавзоъ фаромӯш кардааст, ки Улуғбек боре ба хотири аз асорат наҷот додани ӯ ба сулҳи зиёновар розӣ шуда буд, фаромӯш кардааст, ки аз камари кист. Муҳаммад Солеҳ низ ба гардиш баромада ба Улуғбек рӯ ба рӯ омад ва вазъи ғамолуди султонро дида гуфт:

Юсуфи гумгашта бозояд ба Канъон, ғам махӯр
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр.

— Магар Самарқанд Канъон аст? –гуфт бо тамасхур Улуғбек.

— Шоҳам, — гуфт Муҳаммад Солеҳ, — Самарқанд паёмбар Зардуштро ронда, эҷодгари нахустини "Шоҳнома" Дақиқиро кушта. Ин ҷо ситораи бахти Хайём натофта ва Рӯдакӣ танҳо шӯҳрат дар Бухоро ёфта. ўам махӯр.

— Ман барои ободию осоиши ин шаҳр чил сол меҳнат кардам, — гуфт Улуғбек.

— Рӯзе меояд, ки ба қадрат мерасанд, — гуфт Муҳаммад Солеҳ.

— Пас аз маргам! –гуфт Улуғбек. — Исои Масеҳ даҳ кӯрро бино кард. Дар кӯча танҳо яке аз онҳо ўро шинохту салом дод.

Офтоб ғуруб карду ситораҳо дар осмони соф ба нурпошӣ сар карданд.Улуғбек дар осмон ситораҳои бурҷи Ақраброро дид. Ларзае ба ҷисмаш роҳ ёфт. Вақте ки ба хона даромад, бифармуд,ки гулхан афрӯзанд.

Гирди оташ нишасту ба Муҳаммад Солеҳ гуфт:

— Доимо тарсам аз каждум буд. Эҳтимол, аҷал аз бурҷи Ақраб мерасад. Агар аз бурҷи Ақраб бошад, "лўъбатакон" ба қатли ман шитофтаанд.

Ҳамин дам дарвозаи работро бо шиддат кӯфтанд.

— Кушоед, фармони шоҳ Абдулатифро овардем!

Хидматкор ба кушодани дарвоза рафту Улуғбек ҷойнамоз паҳн карда рӯй ба қибла чорзону нишаст ва гуфт:

— Поко парвардигоро,ман ба хонаи ту мешитобам, роҳамро наздику борамро сабук кун.

Ояте поён наёфта Аббоси роҳзан бо шамшери бараҳна ба сари Мирзо Улуғбек расид. Аббос бо як зарбаи сахт сари Мирзоро бияфтонд.

Вале тана устувору ноҷунбон истод, калла меғелиду табассуми фарохи дандоннамо мекард.

Аббос инро дида аз даҳшат девона шуд ва “а-а-а...” гӯён аз работ давида баромада, худро ба зини асп андохт ва ба ҷониби шаҳр гурехт.

## САНГИ САРНАВИШТ

*Ҳикояи фантастикӣ*

Буд-набуд дар як замон дар як ҷаҳон, дар як гӯшаи осмон ахтаре буд сабзи дурахшон. Он ситора худ як ҷаҳоне буд, ҷаҳони бепоён ва ҷаҳони ноаён. Он ҷо низ кӯҳ буду кӯл буд, тал буду ҷар буд, зар буду зевар буд...

Он ҷо низ гул буду гиёҳ буд, сурх буду сиёҳ буд, шамс буду моҳ буд... Он чаҳон низ монанди сайёраи Замин зодагони худро дошт.

Он ҷо низ паррандаю чарранда буд, хазандаю дарранда буд...

Он ҷо низ ба мисли мо инсон буд, ҳайвон буд, шайтон буд...

Дар он ҷо низ бой буду мардикор буд, озор буду бозор буд...

Вале на шоҳ буду на гадо буд... Низоми зиндагиро як ғаср идора мекард. ғасре буд булурин ва онро ғасри олӣ мегуфтанд.Он дар теппаи кӯҳ монанди қандил шабу рӯз нурафшон буд. Пои касе ба даруни он нарасида. Парранда аз болои он парида гузарад, то устухонаш месӯхт. ғасри булурӣ тавассути нурҳои лазерӣ бо ҷирмҳои мунири осмонӣ робита дошт. Мегӯянд, ки дохилаш пур аз мошинҳои кибернетикӣ ва дигар хел мӯъҷизаҳост, вале аниқашро танҳо Худо медонад... Мушкилоте пеш ояд, одамон назди ғасри олӣ мерафтанд ва ба табақаҳои мунаққаши доимо пӯшидаи дарвозаи он мурочиат мекарданд:

— Соҳибо, хирадмандо, мушкили маро бикушо: дар ҳалли фалон масъала дармондаам, чӣ кор кунам?

Аз дарвоза овоз бармеояд, ки фалон корро кун ва фалон корро накун! Касе, ки итоаткору фармонбардор, ботаҳаммул, пурғайрату эҷодкор буд, ба мақсадаш мерасид, ё ба ними мақсад намерасид. Ноком шавад ҳам, шукри бисёр ба сарнавишти худ мекард. Барои рӯи дастурхон омадани як

гирдаи нон, замин шудгор мекард, гандум мекишт, обёрӣ мекард, медаравид, мекӯфт, ба осиёб мебурд, орд мекард, мепухт. Дар он ҷо ҳам як бурда нон ба осонӣ ба даст намеомад. Эҳтимол ба ҳамин сабаб нонашон ширину хуштаъм буд. Вале ҳоло сухан дар бораи ин нест. Дар бораи он аст, ки ... дар он кишвар деҳае ба номи Гарданкашон буду аз он деҳа ҳар сол як, ё ду нафар осӣ баромада, зидди тартибу низоми ғасри олӣ ғалаёну исён мекарданду ба сад балои бад гирифтор мешуданд.

Амри сарнавиштро бинед, ки фарзанди яке аз он исёнгарони нобафармони марҳум дар гӯштингириву сангбардорӣ ҷаҳонпаҳлавон шуд. Ӯ духтари яккаи бои деҳаро дӯст медошт. Духтар ҳам барои ба никоҳи ӯ даромадан розӣ шуда буд. Ҷавон ба шаҳр ба мардикорӣ рафт, ки пул ёбад ва баъд аз бозгашт туй кунад. Зимистон рафту баҳор бозгашт. Дар кӯчабоғи пургули деҳа қадам монду ба ӯ таъзия баён карданд:

— Ба дил нагир, амри сарнавишт ҳамин будааст, номзадат касал шуда мурд.

Тунду тезии феъли ӯро, ки медонистанд, баъзе ҳасудон оташи кинаи паҳлавони ҷавонро зидди ғасри олӣ меафрӯхтанд.

— Хафа нашав. Толеъ дар дасти мо нест. Дар дасти ғасри олист. ғасри олӣ тавонотарини тавоноҳост.

Ҷаҳонпаҳлавон оташин шуда, аз деҳа баромада чӣ тавр назди кӯҳ омад ва ба кӯҳ баромад, худаш намедонад. Он қадар бошитоб назди дарвозаи ғасри олӣ расид, ки таги мӯзааш дуд мекард.

Ӯ бист қадам дур аз дарвоза мисли паҳлавонони майдонталаб пой фароху даст ба миён гузошта рост истод ва ба равоқи болои дарвоза нигоҳ карда дод зад:

— Соҳибо! Сарнавишти маро ба дасти худам деҳ, намехоҳам побанди ту бошам!

Аз дарвоза чунин ҷавоб омад:

— Эй инсон! Пеш аз ҳама фикр кардӣ, ки чӣ мегӯӣ?

Ҷавон ҷавоб дод:

— Ҳо, озодӣ мехоҳам! Зинда бод озодӣ!

— Ин масъаларо ин хел осон ва бо шитоб ҳал намекунанд.

Эҳтимол, тангии рӯзгор туро ба ин фикр тела додааст, ё макри шайтони сияҳкор! Ё ба ту ёрии моддӣ лозим шудагист? Халтаи зар диҳам?

— Не! — пофишорӣ кард ҷавон, — сарнавишт ба дасти худам бошад, аз хишти тилло то кӯҳи ғоф роҳ хоҳам сохт.

— Гӯш кун, эй калтафаҳм! — гуфт ғаср, — як халтачаи тиллоро оқилона истифода барӣ, яъне барои ривоҷи касбат сарф кунӣ, тамоми умр бо баракати ҳунарат хушбахт хоҳӣ шуд. Ва баъд аз он беҳтарин шаробу кабоб, зеботарин зан, пуршукӯҳтарин қаср аз они ту хоҳад гардид.

Ҷавон дудила шуд. Воқеан, чаро бахташро насанҷад? Чаро ғайрат накунад? Охир бозувонаш пур аз нерӯи ҷавонист! Хунаш доимо мисли оби дарёи кӯҳи дар туғён! ғариб буд, ки розӣ шавад... Аммо шайтони он ҷо мисли шайтонҳои мо аз лаинтарин шайтонҳо будааст, ки зуд ба дилаш даромада аз роҳ зад:

— Гӯш накун ба ин сафсатаҳо! Корат омад накунад, сад халта зар ҳам сарф кунӣ, наметавонӣ коргоҳи даромаднок созӣ! Дигар ин ки саломатии доимиро кӣ ба ту кафолат медиҳад? Ногоҳ бемор шавӣ, як халтаи тиллоро ба табибону дорувор сарф мекунию боз бо киссаи холӣ мемонӣ. Агар ногоҳ халтаи зaратро дузд барад-чӣ? Ё дӯконатро оташ занад-чӣ? Тақдирнома мисли тоҷу тахти подшоҳист, агар онро ба даст бигирӣ, ҳама мақсадат иҷро мешавад.

— Ҳа, чаро дудила шудӣ? – пурсид ғаср.

— Мақсуд дур асту роҳ пурхатар, —ҷавоб дод ҷавон, — ман роҳи наздиктаринро интихоб кардаам, ба ман хати қисматамро медиҳӣ!

— Ту масъалаи осонро не, масъалаи ҳаёту мамоти хешро ҳал карда истодаӣ. Барои ба чунин хулосаи ҷиддӣ омадан камаш ду-се рӯз андеша карданат лозим.

— Не, — гуфт ҷавон, — ҳозир медиҳӣ! Ман ҳама паҳлӯҳои ин масъаларо фикр кардаам.

— Уфф! – гуфт ғаср аз дудбарои худ дуди сиёҳе ба осмон сар дода, — ма, бигир тақдирсанги худро!

Даруни ғаср тақар-туқур, гулдур-гулдур садо баровард ва дарвоза бо ғиҷирроси нолишомезе нимво гардид. Санги сафеди ба тахтасанги сари қабрҳо монанд ба берун ғелид ва

пеши пои ҷавон омада истод. Ҷавон бо дили пур аз шодӣ ба тақдирсанги худ нигоҳ кард. Рӯи тахтасанг бо ҳуруфи барои ҷавон мисли иероглифҳои хитоӣ нофаҳмо пур буд. Ҷавон савод надошт, ки онро хонда фаҳмад. Аз он ки нақши чанд ситораи осмон низ намоён буд, ба толеъномае, ки мунаҷҷимон аз рӯи рӯзу моҳи таваллуди инсон тартиб медиҳанд, монандӣ дошт.

— Ба куҷое равӣ, аз он дур намешавӣ, — гуфт ғаср, — зеро хати тақдири худро ба ягон кас бовар кардан ва супоридан мумкин нест. Агар касе як ҳарфи сарнавиштатро дигар кунад, гирифтор шавӣ ба ягон бало ва биафтӣ ба рӯзи сиёҳ.

Ҷавонпаҳлавон чӣ қадар зӯр занад ҳам, сангро аз ҷояш ҷунбонда натавонист. Арақрез шуду ба замин нишаст. Хост, ки ягон касро ба ёрӣ даъват кунад. ғаср нияти ӯро фаҳмида манъ кард:

— Шарт ҳамин, ки санги сарнавишти хешро танҳо худат мебардорӣ. Ба замбарғалтак, ароба, маркаб бор кардан манъ аст. Агар ин қоидаро вайрон кунӣ, миёнат мешиканад ва бо азоби сахте мемурӣ.

Дигар илоҷ ки набуд, ҷавон маҷбур шуд, хоҳиш кунад:

— ғасро, хирадмандо, ту метавонӣ вазни сангро сабуктар кунӣ ба нисф?

— Ба нисф сабук кунам, ними умрат кам шавад. Биё, чоряк кам кардам.

Санг хурдтар шуду ҷавон ба сол бузургтар. Ранги санг хокистарӣ буд. Ҷавон зӯр зад, вале санг боз наҷунбид.

— Боз чорякашро гир, — илтимос кард паҳлавон.

— Ҳайф аст. Дар ин чоряке, ки бояд гирифт, лаҳзаҳои ширинтарини умри туст, бахти туст, тахти туст.

— Бигир, ки аз баҳраш гузаштам, — гуфт мисли қартабозе, ки саргарми бозӣ ҳавлию занашро ҳам ба қимор мемонад.

— Гирифтам, канӣ акнун бардор! — гуфт ғаср.

Санг ҳаҷман нисфи санги пешин ва рангаш тиратар гардида буд, вале он қадар вазнин буд, ки як сари муй ҳам аз ҷой наҷунбид. ғуввати пешинаи паҳлавонӣ низ намонда буд. Зеро қаҳрамони мо баробари хурд шудани санг миёнсол гардида ва мӯйҳош мошу биринҷ шуда буданд.

— Ту маро масхара мекунӣ, гуфт мард. – Ту ба ҳоли ман

механдӣ!

— Ман ба ҳоли ту дарун-дарун мегирям, — гуфт ғаср, — зеро озодӣ хостиву беҳтарин солҳои умратро бохтӣ.

— Як рӯз бошу хурӯс бош! Нисфи умр ҳеҷ гап не, — ҷавоб дод паҳлавон.

— Як рӯзашро ҳам бардошта наметавонӣ, — гуфт ғаср.

— Як рӯзаш чанд кило? – пурсид мард.

— Масалан, сабуктаринаш як рӯзи охиринат. Танҳо ҳамонро ту метавонӣ бардорӣ.

— Розиям! – фарёд кард мард, — ақаллан як рӯзи охиринамро ба дасти худам те!

— Фикр кун, чӣ мегӯи, эй бемағз! – оташин шуд ғаср, ки аз зарбаи сахти суханаш паҳлавон ба замин афтиду аз кӯҳҳо сангҳо ғелиданд.

— Ту акнун ҷавон нестӣ, ки ин хел фикрҳои сабук кунӣ ! Як ба оина нигоҳ кун!

Мард хеста пеши дарвоза зону зад.

— Те, — дод зад ва гирист ӯ, — те, аққалан як рӯзамро ба дасти худам те!

Донаҳои ашк ба риши мошубиринҷаш шориданд.

— Уфф… — гуфт ғаср ва ин дафъа дуди уфаш на танҳо аз дудмӯриҳояш, балки аз роғи дару тирезаҳояш ҳам фағона зада ба фалак печид.

— Ту гумон кардӣ, ки барои ман масъулияти сарнавишти туро доштан осон аст, ма бигир!

Ҳамон лаҳза санг пеши назари мард сип-сиёҳ ва хурд гардида билохира дар ҳаҷми як чойники майда қарор гирифт. Баробари он дар ҷуссаи мард низ тағйироти ҷисмонӣ руй дода, ӯ ба як пирамарди фартути пажмурдарӯ мубаддал шуд, ки наметавонад бе асо роҳ равад.

Пирамард сангро ба нонхалтаи худ андохта рост шуда натавонист. Аз болои ғаср асое пешаш партофтанд ва ӯ ба он такя карда, базӯр рост шуд ва оҳиста-оҳиста қадам монд. То аз кӯҳ поин омад, ки рӯз аз нисф гузашт. Дар роҳҳо шаробу кабоб мефурӯхтанд, дар тарабхонаҳо раққосаҳои фаттон арғушт мерафтанд, вале ҳоло дилаш ин чизҳоро наметалабид. Ӯ мехост, зудтар ба манзилаш расад ва аз санги тақдир хоҳиш намояд, ки барояш қасри подшоҳӣ созаду шароити

биҳиштиро муҳайё намояд, орзуи асосии ӯ он буд, ки тамоми ҳамдеҳаҳояшро қоил кунад, ки вай чӣ қадар сарватманд ва чӣ қадар хушбахт аст! Бигузор, аз ҳасад кафида муранд!

Пирамард то деҳааш бояд пиёда мерафт, зеро бор кардани санги тақдир ба ягон маркаб мамнуъ буд. Санги сарнавишт соат ба соат вазнинтар мегардид ва қомати муйсафедро ба замин мекашид. Аҷибаш ин, ки вақти рафтанаш фасли баҳор буда акнун танги тирамоҳ фаро расидааст. Баргҳои зарди дарахтон зери по хишир-хишир садо медоданд.

Офтобшинам муйсафед ба деҳааш расид ва ба кӯчаи худ қадам зад. Шамоли сарди тирамоҳ тани лоғарашро ларзонд. Дид, ки назди дарвозааш тобути сафедро даҳонво гузошта буданд. Мардумони деҳа сархаму хомӯш рост меистоданд.

— Ин, албатта, барои ман не, — гуфт дар дил муйсафед, – ягон ҳамсоя мурдагист, худо ҷояшро ҷаннат кунад!

Мӯйсафед тамоми қувваи охири хешро дар пойҳо ғун оварда, бо шитоб қадам зад, ки аз пеши тобут тирвор гузараду ба хонааш дарояд ва санги тақдирро аз халта гирифта, аз ӯ хоҳиши дилашро талаб кунад.

Вақте ки ба паҳлуи тобут расид, санги тақдири зормонда бо халта рост ӯро ба даруни қуттии тобут кашид.

Баробари ба девори тобут расидани танаш ҷон ба ҳақ таслим намуд. Сипас шунид, ки касе нидо кард:

— Шаҳид шуд! Тобутро бардоред!

Мардум бошитоб тобутро бардоштанд.

Офтоби ғуруб тасмаи зарди худро аз болои бому сари деворҳо меғундошт.

## НАРДБОНИ ХОҶА

**(Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ)**

***Ҳикоя***

“Эй ёри ҷаҳондида бигӯ, то зи киёнем?”

Ҳар бор бимонам сар, то хоб кунам як дам, ин сатр касе гӯяд пурсанда , вале ғоиб. Ман ҳамагӣ посбон, посбону нигаҳбони мазору масҷиди кӯҳна. Эй Хоҷа, куҷоӣ, магар дар самоӣ, аз ман ту чӣ хоҳӣ, аз як бепаноҳе?

“ Мо на хокему обему на оташу на обем, лек хӯлаи пӯлод дар дилҳо гудозем”

Эй Хоҷа, куҷоӣ? Магар танҳо садоӣ ?

“Мо ганҷи тилисмему саропо ҳама исмем”.

“Ба сират ҳама маънӣ, ба сурат ҳама ҷисмем”.

Ман одамаки хокӣ, дилбастаи покӣ, чанде бибӯидам гулҳои сари қабрат. Акнун маро бигзор, як дам каме хобам, ки имрӯз дилшикаста ва ранҷурааму хаста.

“Эй мард, агар мардӣ, чаро дил додӣ ба бедардӣ?

Як бор зи худ мепурс, бо ҳақ ту чиҳо кардӣ?”

Эй Хоҷа, маро бигзор, мекунам илтимоси бисёр.

“Ҳарчанд ки мирем, яқин дон, ки намемирем.

Шоҳи ду ҷаҳонем дар он ҷо ки асирем”.

Эй Хоҷа, маро бигзор, шаб шуду пагоҳ - бозор. Ман бояд каме хобам, ки то кор кунам бисёр.

“Гар кор кунӣ бисёр, ту домани ҳақ нагзор, даст ба кору дил ба ёр, дил ба ёру даст ба кор!”

Эй Хоҷа, маро бигзор! Эй Хоҷа маро бигзор!

Посбон бо садои худ бедор шуд. Ӯ болои кати чӯбин дароз кашида буд. Хесту нишаст ва ба ҷониби мақбараи хиштипухтагини Ҳоҷа нигоҳ кард. Болои он паррандаи сурхи нурафшоне менишаст. Парранда болҳои заррини худро ба ду тараф кушод ва баъд парвоз карда, болои зинаи баландтарини нардбони Хоҷа нишаст.

Нардбони Хоҷа, ки пойҳояш ба замин гӯронида шуда буд, дар майдончаи назди мақбара ҳазор сол боз рост меистод ва касе ёд надорад, ки пояаш пӯсида бошад. Ба он барфу борону боду офтоб асаре нагузоштааст.

Посбон хост, ки ин мурғи бахт ҳамин будагист, агар онро бидорад, ба мисли бобои моҳигир аз афсонаи машҳур ҳама талабашро иҷро мекунад.

Посбон ба сӯи нардбон давида рафт ва пой ба зинаҳои он гузошта, боло баромад. Чӣ қадар ки боло мебаромад, дар қисми сари нардбон поймонакҳои нав пайдо шуда нардбон дарозтар мегардид ва мурғ парида боз болотар ба помонаки баландтарин менишаст. Посбон дар охир хаста шуд, мадораш намонд ва фаҳмид, ки мурғи бахташро ба даст оварда наметавонад. Он гоҳ ба ёдаш расид, ки ин нардбонро Хоҷа

барои онҳое рост карда буд, ки ба ҳаҷ рафта наметавонистанд. Онҳо меомаданд ва ба нардбон мебаромаданд ва Каъбаро бо ҳама таҷаллӣ пеши рӯи худ медиданд.

Азбаски баъди вафоти Хоҷа чанд касе, ки ба ин нардбон боло баромаданд, дар зинаи болоӣ нопадид шуданд ва дигар барнагаштанд, муфтӣ ба нардбон даст расонданро қатъиян манъ карда, барои он посбон гузошта буд.

Посбонро ба ёд расид, ки ӯ ба нардбони муқаддас "Бисмиллоҳ"нагуфта баромад, аз тарс араќи сард баровард. Ӯ ба он ҷонибе, ки одатан ба нардбон баромадагон менигаристанд, нигариста дӯзахро мушоҳида кард. Сипас саросема поин шуд ва ба ҷои худ баргашта ба лаби кати хобаш нишаст.

Нардбон ба мисли чароғҳои неонӣ нурафшон шуда назаррабоӣ мекард ва кӯтоҳ гашта ба шакли асл омада буд. Дар нӯги он паррандаи сурхи зарринбол менишаст. Паррандаи зарринбол ба қавси моҳи нав мубаддал шуд.

Нардбон аз зери пойҳояш дуд бароварда, мушаквор ба осмон парид ва моҳи навро ба мадори худаш расонид.

Саҳар имоми масҷид аз ҷо ғайб задани нардбон огоҳӣ ёфт ва посбонро бисёр дашном дод ва сохтану ба ҷояш гузоштани нардбони навро фармуд.

Нардбони нав нардбони Хоҷа барин нашуд. Пойҳояш мепӯсанд ва онро дар ду-се сол иваз карда меистанд.

Посбони мазор бошад, мисли пешина шабҳо доим хоб мекунад ва орзу дорад, ки як бор Хоҷа дар хоб ё бедорӣ бо овози хуши худ бипурсад:

— Эй мард, агар мардӣ, чаро дил додӣ ба бедардӣ?
Як бор зи худ мепурс, бо Ҳақ ту чиҳо кардӣ.

## ПИР ДАР ОСМОН

**(Махдуми Аъзами Даҳбедӣ)**

***Ҳикоя***

"Зикр куҷо? Самоъ куҷо? Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ!

Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем. Ало Аллоҳ! Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем. Ало Аллоҳ! Фалакро

сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем. Ало Аллоҳ!  Агар дорӣ руде хуш, бизан, мутриб, суруди хуш. Ало Аллоҳ!  Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем. Ало Аллоҳ”.

“Пири шастӣ! Аз қайди замин растӣ! Аз банди замон растӣ? Ту –дар осмон, мо – дар поён, ангушти ҳайрат газида ба дандон.

Пир ба мисли моҳи тобон, мо дар поён гирдгардон, афтону хезон...”

“Ибодати зоҳир зиёд асту ибодати ботин кам. Таҳорати зоҳир зиёд асту таҳорати ботин кам. Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ!”

“Мо низ мекунем ҳамаи инҳоро!”.

“Дар тоату ибодати шумо дарди ишқи илоҳӣ нест, кашфи асрор нест.

Эй муридҳои ман, ғуръон ҳафт қабат аст. Ало Аллоҳ... Чаро шумо танҳо як қабати онро мебинед? Чаро наметавонед ба ботин роҳ ёбед?

Хонед, хонед, ба сидқ хонед, ба дил хонед,шояд ба марҳамати Ҳақ таоло қабатҳои дигари он ба шумоён кушода шавад!”

“Мо мехонем! Мо мехонем! Шабу рӯз мехонем! Ҳар соат мехонем. Вале шумо ҳам мисли мо харбуза мекоред дар Даҳбед, харбуза мехӯред дар Даҳбед, зану фарзандро тарбия мекунед дар Даҳбед...”

“Дил ба ёру даст ба кор! Дил ба ёру даст ба кор! Эй хешон, эй дарвешон! Ман қабати ҳафтуми ғуръонро мехонам. Ало Аллоҳ! Харбузаҳои ман ба нури ҳақ пухта мерасанд. Ало Аллоҳ!  Зану фарзанд гуфтед?  Онҳо барои иморат кардани ин дунёст...  Ало Аллоҳ!

Бидон, эй толиби содиқ, Ҳақ субҳона ва таоло дунёро халқ кард... Баъд аз он хост, ки дунёро маъмур созад. Ҳазрати Одамро халқ кард. Олот ва асбоби иморатро ба тамомиҳи дар вуҷуди ӯ таъбия кард ва ба биҳишт фиристодаш, то чанд гоҳ дар биҳишт тарбияти вуҷуди шарифи ӯ бикунад, то ӯро қуввати иморати дунё шавад. Одам ба биҳишт омад. Чанд гоҳ аз неъматҳои биҳишт аз ҳар кадом, ки мехост, мехӯрд. ғуввати азиме дар вай пайдо шуд. Ҳақ субҳона ва таоло мехост, ки ба воситаи Одам дунё маъмур шавад... Ало Аллоҳ!”

“Мо —  фарзандони Одам кори ӯро давом медиҳем. Обод

кардани дунё фармудаи Худост. Вале чаро мисли ту парвоз карда наметавонем? Мисли ту тахтулматнҳои ғуръонро намебинем?"

"Ишқ шуморо ба мақсуд мерасонад.
Пеши ёр онҳо, ки ҷон оранд, бешак ҷон баранд,
Сидқ пеш овар, ки ин ҷо ҳарчи оранд, он баранд.
Ҳар ки ӯ дар ишқ содиқ омадаст,
Бар сараш маъшуқ ошиқ омадаст.
Гар ба сидқе ишқ пеш ояд туро,
Ошиқат маъшуқи хеш ояд туро.
Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ!"

"Пири мо! Ту моро ошиқӣ биомӯз! Чӣ тавр илми ишқро надониста ошиқ метавон шуд?"
Нишонаҳои Ҳақ таоло дар куҷо бештар?"

"Дар ғуръони карим! Ало Аллоҳ!
Подшоҳон мазҳари шоҳии Ҳақ,
Олимон мазҳари огаҳии Ҳақ.
Хубрӯён мазҳари хубии ӯ,
Ҳусни эшон акси маҳрӯии ӯ".

"Ин қофилаи мо аз сорбони худ дур афтода, ту пеш рафтаӣ, пеш. Мо оқиб мондаем, хеле оқиб. Пири тариқат ! Дасти моро бигир!"

"Дасти дил диҳед! Дилҳоро нарм кунед, ки тухми меҳр дар замини мулоим нағз нашъунамо мекунад.
Гар суханкаш ёбам андар анҷуман
Чун гули садбарг рӯям дар чаман.
Ин сухан ширест дар пистони ҷон,
Бе кашанда хуш намегардад равон.
Мустамеъ гар ташнаву ҷӯянда шуд,
Воиз ар мурда бувад, ӯ зинда шуд..."

"Пирам чаро ин қадар азоб, чаро ин қадар дард? Наметавонам! Наметавонам! Чаро мо бояд азоб кашем? Чаро дигарон не?"

"Осмон бори амонат натавонист кашид,
ғуръаи фол ба номи мани девона заданд.

Дар хоб дидам расули барҳақ Муҳаммад ва Ҳазрати Алиро, ки ҳар ду ҳам ҷадди мананд. Аз ман мепурсиданд: исломро ту дар дилҳо устувор надорӣ, ту ба роҳи Ҳақ ҳидоят накунӣ,

дигар кӣ мекунад? Пас ман гирифтам ғуръонро рӯнавис кардам. ғоғаз ҳамагӣ ду-се варақ буду ранг дар дар таги рангдон ду-се қатра.

Бо қудрати илоҳӣ ранг дар рангдон худ аз худ меафзуду қоғази тоза низ зиёд мегардид. Ман дар ин ҳодиса фоли некро дидам ва тасмим гирифтам, ки худро дар роҳи Ҳақ таоло ва роҳнамоии тариқат фидо кунам. Ҳароина аз роҳи ӯ росттар, аз роҳи ӯ муниртар, аз роҳи ӯ беҳтар роҳе нест.

"Ҳақ таолоро дарёб!" — нидо кардам ба худ... Мақсуд дур буду роҳ пурхатар. Аммо аз мушкилоту азобу дард боке набуд маро, зеро ба камолот расидан мақсуди ягонаи оянда буд.

Ин аст камоли марди доно ба яқин ба ҳар чӣ назар кунад, Худоро бинад. Дар сафҳаҳои бешумори қоғаз "Худо" ба такрор чандон навиштам, ки дар ин калима рӯшании чашмрабои офтобӣ зуҳур намуд, коғаз худ аз худ сӯхту қалам дуд кард. Зарраее буд, ки намоён кард, дидаму беҳуш шуда афтидам. Чандон тапидам дар рӯи хок, чун моҳи берун аз об афтода.

Ишқ он шӯъла-ст, к-ӯ чун барфурӯхт,
Ҳар чӣ ҷузъ маъшуқ боқӣ ҷумла сӯхт.

Баъди чанд рӯз ба худ омадам, дар сари болинам зану фарзандон гирд омада буданд. Гуфтанд: гумон доштем, дигар чашм намекушоӣ ва ҷон ба ҳақ таслим мекунӣ. Гуфтам: ба Ҳақ субҳона ва таоло таслим карданӣ будам, вале нагирифт. Зеро вазифаҳое, ки бар дӯши ман гузоштааст, иҷро нашудаанд ва маълум нест, ки дар чанд сол амалӣ хоҳанд шуд.

Меначунбад ҳеҷ барге аз дарахт,
Бе қарору ҳукми он султони бахт.

Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ! Ало Аллоҳ!

Ҳақ субҳона ва таоло одамиёнро ба дунё аз барои касби камол овардааст ва дунёро зироатгоҳ ва корхонаи эшон сохта... Ва пир мебояд, ки касби камолро омӯзад.

Ҳеҷ касро аз худ ангезе нашуд,
Ҳеҷ кас аз хештан чизе нашуд.
Ҳеҷ ҳалвоӣ нашуд устоди кор,
То ки шогирди шакаррезе нашуд.
Номи Мавлоно нашуд султони ишқ,
То ғуломи Шамси Табрезӣ нашуд!"

“Пирам! Чаро ин ҷо дах бед шинондед? Пирам! Чаро тут не, зардолу не, олу нею бед? Чаро дах бед? Чаро дарахти мевадор не?

Пирам, тавба кардам, тавба кардам! Саҳар… вақте ки аз хоб хестем ва ба хонақоҳ равон шудем, дидем, ки шохҳои даҳ беди шумо мисли шукуфаҳои баҳории зардолую шафтолу саропо гул карда, бегоҳӣ бошад, дар шохи бедҳо зардолуҳои пухтаро ба ҷои гулҳо мушоҳида кардем. Пирам, вале он зардолуҳо ба таъм талх буданд”.

“Аз асари сӯҳбат аст, ҳарчи дар ин олам аст,

В-арна куҷо ёфта бед ҷумла баҳои набот...

Шумо ҳарфи маро камтар фурӯ бурдаед, вагарна зардолуи ширин мехӯрдед. Худоё! Ман тухми аждаҳоро коридаму кайкҳо рӯиданд!”

“Пирам! Чаро мо ба пояи ту расида наметавонем?”

“ғудсиёнро ишқ ҳасту дард нест,

Дардро ҷузъ одамӣ дархурд нест.

Афзалияти одамӣ бар малоик ва ҷамеъи махлуқот аз зиёдатии дард аст.

Дард омад хуштар аз мулки ҷаҳон,

То бихонӣ мар худоро дар ниҳон.

Сармояи саодате, ки мерасонад ошиқонро ба васли маҳбуби ҳақиқӣ, дард аст. Заррае дард одамиро беҳтар аст аз ҳар тоат, ибодат ва хайрот.

Вале ҳамдард канӣ?”

“Мо чӣ кунем, эй пирам? Мо чӣ кунем?”

“Худро покиза кунед ба дараҷае, ки покизатарини покизаҳо чун оина бошед. Оинаи шумо он қадар занг задааст, ки ба тоза кардани
он солҳо лозим аст.

Ҳақ субҳона ва таолоро ҷамол ва ҷалоли баркамол бувад пӯшида ва пинҳон. Хост ҷамол ва ҷалоли худро мушоҳида кунад, мӯҳтоҷ шуд ба оинаи олам.

Пас Олам ва Одамро офарид, яъне аз Олам ва Одам оинаҳо сохт, то ҷамол ва ҷалоли бечунии худро мушоҳида кунад.

Ба қадри оина ҳусни ту менамояд руй,

Дареғ, к-оинаи мо нуҳуфта дар занг аст.

Агар оинаатро покиза кардаӣ, агар ишқи Худо дар дилат

фурӯзон аст, агар соҳибдард бошӣ, эй солик, мақсуд наздик аст!”

“Пирам! Ба мо низ паридан биомӯз!”

“Аз тааллуқҳо бираҳед! Таллуқ сангҳои садманист дар китфи шумо. Чиз, чиз, чиз! Ана чӣ пои шуморо ба ботлоқи нобудӣ мекашад!

Сипас, зинаҳои тариқатро тай кунед.”

“Пирам! Ту нагуфтӣ ба мо, ки ба кадом сабаб ба осмон паридӣ?”

“Чандон зикри Ҳақ субҳона ва таоло кардам, ки дарунам аз ӯ пур шуд ва маро ба боло бардошт. Ало Аллоҳ...”

“Пас, чӣ тавр поён шудӣ?”

“Ёди фарзандон кардам ва харбузаҳои даҳбедӣ ва зикри Ҳақ субҳона ва таоло... Ало  Аллоҳ...

## Зарчашма
### Афсона

Дар саргаҳи рӯдхонаи Зарафшон деҳи баланде буд бо номи Зарчашма болои кӯҳи баланде. Шумо мепурсед, ки чаро сари кӯҳи баланде? Дар сари кӯҳи баланд об нест? Бале, оби равон нест, аммо зимистону баҳор оби барфу борон ҳаст, чашма низ ҳаст. Ва чашмаи оддӣ не, балки тиллозой. Мобайни деҳа чанори бузурге ҳаст ва аз зери решаи ин чанор оби чашма фаввора мезанад, вале ба андозаи хеле кам, ки танҳо ба кишоварзии ҳамин мардум ва таъмини як русто мерасад. Оби чашма ҳамроҳи худ ба рӯи замин арзан барин зарро мебарорад. Мардуми деҳаи Зарчашма онро дар масҷид ҷамъ мекунанд, ки дар охири сол ҳамагӣ як-ду кило мешавад. Ин зарро ба таъмири роҳи байни деҳаю шаҳр,кӯпрукҳо ва кӯмак ба беваю бечора сарф мекунанд. Ҳар сол дар байни мардуми деҳа касе пайдо мегардид, ки аз зери чашма кофта гирифтани кони тиллоро ба миён мегузошт. Аммо имоми масҷид зиддият нишон медод.

Имом чунин мегуфт:  — Ин чашма бо инояти Ҳазрати Хизр дар назди кулбаи бевае пайдо гардида будааст. Вақте ки ин ҷо ҳоло русто не, балки танҳо як кулба будааст. Ба ин сабаб

муқаддас аст ва ба чизи муқаддас бо ғараз даст задан бадбахтӣ меорад.

Сипас замонҳое фаро расид, ки имомро одамони силаҳдору чарминапӯш гирифта бурданду бо тӯҳмат ҳабс карданд. Чанд нафаре, ки дар паи чашмаро вайрон карда кони тиллоро кушодан буданд, мағал бардоштанд. Аммо мардум розӣ набуд. Сипас маҷлис даъват намуда ба ҳама баробар тақсим кардани зари аз зери чашма пайдомешударо ваъда намуданд. Мардуми ҳарис розӣ шуд. Дар як рӯз чанори Зарчашма сарнагун ва ҷои чашма ҳавзи калоне канда шуд. Кофтанду кофтанд,вале кони зар пайдо нагардид. Оби чашма низ гум шуд. Касе гуфт: — Бечора харак орзуи дум кард, ноёфта дум ду гӯш гум кард !

Одамон пушаймон гардида дар ҷустуҷӯи "ташаббускор" шуданд. Аммо "ташаббускор" аз тарси таънаву маломат ва ғазаби мардум кайҳо гурехта рафта буд. Маълум шуд, ки ба имом ҳамон "ташаббускор" тӯҳмат карда будааст.

Рӯзи дигар имоми масҷидро аз ҳабс озод карданд. Ӯ ба Зарчашма баргашта мардуми деҳро дар атрофи ҳавзи беоб дид, ки ашки пушаймонӣ аз чашмонашон ҷорӣ буд. Имом гуфт: — Дар замонҳои қадим як тоҷири суғдӣ мурғе аз кишвари дур харида овардааст,ки соле як дона тухми тиллоӣ мезоидааст.Тоҷир қарор медиҳад, ки мурғро кушта аз шикамаш зари чандсоларо бигирад. Баъди шиками мурғро чок кардан мебинад, ки он ҷо чизе нест. Дигар афсӯсу надомат суд надошт. Мурғ мурда буд ва ҳамон як дона тухми тилло, ки дар як сол як бор ба даст меомад, дигар нест.

Ман ба шумо гуфта будам, ки ин чашмаи муқаддас аст. Зери чизи муқаддас ва мӯъҷизаро намекобанд.

Ҳоло аз деҳи Зарчашма ному нишоне намондааст. Одамон чӯбу чахси хонаҳои худро канда ба поён кӯчида фуромадаанд. Дар ҷое, ки об набошад, кӣ зиндагӣ мекунад?

## ДИЛСИЁҲ

***Ҳикоя***

*Ва ин ёрон душманоне беш набуданд,*
*Норостоне беш набуданд.*

*Аҳмади Шомлу*

Ҳар як инсони покизагуҳар саҳар бо дасти росту пои рост иқдоми ҳаракат мекунад ва нияти аввалини ӯ ин аст, ки имрӯз низ ба нафъи халқу Ватан ягон кори неке кунад,ё ба касе кӯмак намояд, ақаллан ягон кори савоброанҷом диҳад. Адиби номӣ Ардашер Ҳалимӣ низ ин субҳ бо ҳамин ният аз хоб бедор шуд. Ва ин байти шоҳона дар осмони фикраш таҷаллӣ намуд: Ба номи Худованди ҷону хирад, к-аз ин бартар андеша барнагзарад...Ҳалимӣ сари хонтахта омад. Ин саҳар низ ҳаёти ӯ аз хондани рӯзномаҳои нав оғоз хоҳад ёфт. Дар як гӯшаи хонтахта рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявию вилоятӣ меистод. Рӯзномаҳои ҷумҳурӣ одатан баъди нисфирӯзӣ омада мерасиданд. Ардашер Ҳалимӣ рӯзномаи тоҷикии вилоятиро кушода боз чашмаш ба идомаи ёддоштҳои сардабири собиқи он афтод. Морқул Пастонзода аз шумора ба шумора ёддоштҳои худро таҳти унвони "Аҷоибулвақоеъ" чоп кунонда ному фомили ҳама рӯзноманигорони шинохтаи ин рӯзномаро каме тағйири ҳарф карда ҳама ахлоти ҷамъкардаашро ба сари онон мерехт. Пастонзода ба ёддоштҳои худ эссеи бадеӣ-таърихӣ ном гузошта ба эродҳои ину он баҳона пеш меовард, ки ин воқеаҳо бадеиянд, яъне бофтаи хаёли нависанда ҳастанд, аммо хилофи мантиқ боз онро таърихӣ номида ба он ранги санади воқеӣ дода буд.

Кормандони собиқу кунунии ин рӯзнома ҳангоми вохӯрӣ бо афсӯсу надомат мегуфтанд, ки сардабири собиқ эҳтимол дар асорати пирӣ камақл шудааст, ки дар навиштаҳояш аз як бӯҳтоннавис фарқе надорад. Ардашер Ҳалимӣ бошад, бовар накарда мегуфт, ки "наход ба ҳамин дараҷа расида бошад?"

— Устод Ҳалимӣ, шумо масъаларо чандон ҷиддӣ гумон накарда истодаед. Пастонзода ба он нуқтаи пасттарини фитрат ва қабоҳат расидааст, ки аз киссаи худ додани пули як яхмосро ба ҳамкори худ миннат кардааст.

Баъди шунидани ин сухан Ардашер Ҳалимӣ лаҳзае карахт шуда монд. Ба ёд овард, ки ҳангоми дар идораи ин рӯзнома кор карданаш нишонаҳои аз ҳад зиёди хасисию мумсикии Пастонзода аён буданд, аммо ӯ ба он майда-чуйдаҳо эътибор надодааст. Масалан Пастонзода чойнаки чойро дар ҷевон руст карда мемонд ва агар ташна монад, аз ҷой хеста назди ҷевон мерафт ва ба пиёлае чойро рехта менӯшиду чойнакро руст карда ба ҷои кориаш омада менишаст. Ва доим кунҷҳои тари лабашро бо ду ангушт дам ба дам пок мекард. Албатта дар замони гузариш ба иқтисоди бозор он рӯзномаро низ мушкилоти молӣ пеш омада буд. Ардашер Ҳалимӣ барои нисфирӯзӣ аз хона нимта нони танӯрӣ меовард ва ҳамонро ба оби ҷӯш тар карда мехӯрд. Роҳбари идора Пастонзода "маблағ намонд" гуфта моҳҳо ба кормандон моҳона намедод, аммо бо сарҳисобчӣ забон як карда барои худ ведомости алоҳида нависонда моҳонаашро мунтазам мегирифт. Аммо дар назди кормандони ҳам эҷодиву ҳам техникӣ воқеан ҳам бечора шуда мегуфт: — Ман ҳам мисли шумо бепул мондаам,тоқат карда гаштаам, шумо ҳам тоқат кунед.

Ардашер Ҳалимӣ худро аз ин ёддоштҳои ғашовар раҳонида натавониста ба сатрҳои "Аҷоибулвақоеъ"-и Пастонзода чашм давонд. Ку, ин ноқисулақл боз чӣ сафсатаҳо навиштааст? Пастонзода ба бобе, ки дар он корҳои Ҳалимиро дар рӯзнома ёдовар мешавад, "Кӯрнамак" ном гузоштааст. Гӯё ки оташи ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикикстон ҳамин Ардашер Ҳалимӣ афрӯхта бошад ва баъди ошкор шудани ҷинояташ ӯро умури интизомии Тоҷикистон ҷустуҷӯ мекунанд, ки дошта ҷазо диҳанд, аммо ӯ "думро хода карда" гурехта ба Ӯзбекистон меояд ва Пастонзода раҳмаш омада ба кор мегирад. Ҳалимӣ худро чунин ҳис кард, ки ҳоли ҳозир аз ҳаммом бо либоси покиза баромаду ба сараш ногаҳон як сатил наҷасро рехтанд. Ҳалимӣ ба хаёл рафт. Ва ба ёд овард, ки Пастонзода узви ягон ҳизб ва ташкилоти даргири воқеаҳои хунини Тоҷикистон набудани ӯро хеле дақиқ медонист. Аҳли адаб асосан тарафдори оштӣ ва муқобили хунрезӣ буд. Барои Ҳалимӣ тааҷҷубовар он буд,
ки Морқул Пастонзода ҳамаи инро хеле хуб донисmа истода ба як нафар адиби номӣ ин тӯҳматномаро часпонидан мехост.

Пастонзода инро низ хуб медонист, ки сабаби ба Ўзбекистон кўч бастани ин адиби номӣ ба шавҳар баромадани духтари ягонааш Гулчеҳра аст. Баъди он ки ҷанги шаҳрвандӣ ба охир расид, баъзе донишҷўёни ҳамкурси Гулчеҳра, ки ба даст силоҳ гирифта буданд,ба синфхонаҳо баргаштанд. Аммо феълу хўяшон дигар шуда буд,ҷанг онҳоро асабонӣ ва дағал карда буд. Яке аз онҳо ба Гулчеҳра дастагулҳо тўҳфа мекард.Ҳалимӣ ба воситаи дўстоне, ки дар донишгоҳ кор мекарданд, дарак ёфт, ки он ҷавон дар кушторҳо ва ғорати як сабукрав даст доштааст. Сипас, илоҷи дигаре намонд, ки духтарашро барои идомаи таҳсил ба донишкадаи Ўзбекистон гузаронад. Ва ин ҷо ба шавҳар диҳад. Пастонзода ҳамаи инро хуб медонист, зеро бисёр воқеъ шудааст, ки ў бо Пастонзода ва ҷонишини ў ҳамроҳ чой нўшидаанд ва Ҳалимӣ бо алам саргузашти худро ҳикоя кардааст. Акнун бошад, навиштааст, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро ҳамин адиби номӣ даргиронда буд, ман раҳмдилӣ карда ба кор гирифтам, аммо баъди даву ғеҷи ман прописка шуду баъди як ҳафта кўрнамакӣ карда аз рўзнома рафт.Ардашер Ҳалимӣ ҳайрон шуд: воқеан ҳам як ҳафта буд-мӣ? Ҳалимӣ ба ёд овард, ки моҳи августи соли 1993 ба зодгоҳаш омад, сипас дар идораи рўзномаи вилоятӣ ба кор сар кард. Ду сол идораи қайди шиносномаи садорати корҳои дохилӣ қайди шиносномаи ўро ба таъхир андохт. Пастонзода мактуберо аз номи идораи рўзнома ба унвони идораи умури дохила имзо накарда ба ҷонишинаш ҳавола мекард. Ҷонишин бошад, як мактубро имзо карда таъкид намуда буд: — Устод Ҳалимӣ, дар ин идораҳо асосан имзои раҳбар аввал эътибор дорад.

Пас аз он қайди шиноснома боз ду сол кашол ёфт. Пастонзода бошад, доимо “чаро туро ба қайд намегиранд?” гуфта неши каждумии худро бар дили Ҳалимӣ мезад. Билохир ҳамаи ин маймунбозиҳо ба дили Ҳалимӣ зад ва ў ба сарвари садорати умури дохилаи вилоят мактубе навишта талаб кард, ки агар ў гуноҳе дошта бошад, ошкоро бигўянд. Сипас аз ин идора як нафар омада гуфт, ки хотирҷамъ бошед, шумо ягон гуноҳе содир накардаед, ки сабаби ба қайд нагирифтани шумо шуда тавонад.

Сипас, насрнависи ҷавон Аҳтам Исмоил, ки онро низ

Пастонзода дар эссеи худ сиёҳ мекунад, Ҳалимиро ба назди яке аз ҷонишинҳои идораи умури дохила бурд, шиносонд ва гуфт: чӣ хел, ки ман дар Тоҷикистон ба ягон ҷанҷоли сиёсӣ қатӣ набудам,он кас низ ҳамин тавр. Баъзе маккорон ҳастанд, ки мехоҳанд аз қайди шиносномавӣ нашудани ин адиби номӣ истифода карда ғуломвор кор фармоянд. Шумо, дӯсти азиз ба гапҳои онҳо бовар накунед! Дар Душанбе ман сиҳат будам, аммо дар идораи ин рӯзнома маро аз ҳад зиёд асабонӣ намуданд ва дардҳоям аз нав хурӯҷ карданд.

Баъди ин гапи Аҳтам Исмоил баъди як ҳафта шиносномаи Ҳалимиро ба қайд гирифтанд. Ин соли 1995 буд. Вақти аз идораи ин рӯзнома ба рӯзномаи ҷумҳуриявӣ гузаштани Ардашер Ҳалимӣ соли 1997 буд. Яъне Ардашер Ҳалимӣ аз як рӯзномаи хурдтар ба рӯзномаи калонтар ба кор гузашт, аз як рӯзномаи тоҷикӣ ба рӯзномаи дигари тоҷикӣ,
рӯзномаи ҳукуматӣ ва давлатии ҷумҳурӣ. Ин ҷо чӣ тавр кӯрнамакӣ карда рӯзномаро партофта рафт гуфта мешавад ? Барои чунин гуфтан беинсофтарини беинсофҳо бояд буд ! Аҷибтар он аст, касе, ки дар тӯли умраш ягон китоб чоп накардааст, дар бораи Ҳалимӣ, ки бо номи худ бист номгӯй китоб чоп кардааст, менависад: якта-нимта ҳикоя менавистааст, баъди аз кор рафтан ягон ҳикоя нанавист.

Ҳалимӣ умуман чизҳои навиштаи худро намешуморид. Аммо барои он ки онҳоро вақти китоб кардан кофта ёфтан осон шавад, дар дафтаре қайд карда мемонд. Барои адиби хушсалиқа теъдоди асар не, сифати он меъёри асосист. Асарҳое, ки Пастонзода зери унвони ҳикоя чоп мекунонд, умуман аз бадеият орӣ буда, як нақли хушки воқеа аз ҷониби як рӯзноманигори камаҳорат буданд. Ба ҳамин сабаб, Пастонзода дар идораи рӯзномаи ҷумҳуриявӣ кор карда натавониста ба ҷониби вилоят рӯ оварда ба қавли худаш "думро хода" карда буд. Вале дар сӯҳбатҳо ин бемаҳоратию беҳунарии худро бо баҳонаҳои гуногун хаспӯш мекард. Ҳалимӣ ба ин рӯзномаи вилоятӣ омада дид, ки Пастонзода дар рӯзномаи ҷумҳуриявӣ кор кардаам гуфта лофи зиёде занад ҳам, унсури оддии низоми кор — тартиб додани нақшаи кориро намедонад ва дар тӯли чанд соли сарварӣ ҷорӣ накардааст. Вақте ки Ҳалимӣ зарурати нақшаи солона, семоҳа

ва якмоҳаро гуфт, ҳамин Пастонзода буд, ки пеш аз ҳама аз худи ӯ чунин нақшаро талаб кард. Сипас навиштани мақолаҳоро аз он ноҳияҳои дури ӯзбекзабон, ки рӯзномаи тоҷикиро намехонанд, дархост намуд. Вақте ки барои ба он маҳалҳо рафтан на идора маблағи сафарӣ дошту на дар кисаи кормандон як тангаи зиёдатӣ, дар маҷлисҳои муҳокимаи кор ба дили Ҳалимӣ неши каждумии хешро мезад, ки ҷаноби Ҳалимӣ худашон як рӯзноманигори варзида, соҳиби мукофоти ҷумҳуриявии ба номи устод Лоҳутӣ бошанд ҳам, нақшаро иҷро накардаанд, ба ҳамин сабаб аз мукофотпулӣ маҳрум кардем. Ардашер Ҳалимӣ "Аҷоибулвақоеъ"-и Морқул Пастонзодаро хонда тааҷҷуб намуд, ки ӯ ҳатто ҷуръат карда аз номи ҷонишин суханҳои дуруғро меорад. Ҷонишини ӯ ҷавоне буд, ки мактаби рӯзноманигорӣ ва ҳикоянависиро дар пойтахти Тоҷикистон гузарондааст. Ва ҳамин ҷавон аз Ардашер Ҳалимӣ бисёр чизҳоро омӯхта, аз маслиҳату машварати ӯ баҳрабардор буда, касби маҳорат кардааст. Ва ҳамин кас оё ба чашми устоди худ рост нигоҳ карда "кӯр мешавед!" гуфта метавонад ? Агар гӯяд, худаш кӯр мешавад.

Боз хаёли устод Ҳалимӣ ба сари эҷод рафт ва дафтари қайдҳояшро кушода теъдоди ҳикоя, очерк ва мақолаҳояшро аз соли 1999 то имрӯзи 2001-ӯм шумурд. Нуздаҳто! На танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон ва Русия низ нашр шудааст. Воқеан ҳамаи ин солҳо робитааш бо Тоҷикистон канда нашудааст, ҳамчун паёмнигори озоди як радиои байналхалқӣ як пояш доим дар як водии Тоҷикистон буд, дурӯғгӯй Морқул Пастонзода бошад, навиштааст, ки ӯро ҳамчун ҷинояткори ташкилкунандаи хунрезиҳо бо милиса мекобанд ! Ҳалимӣ ҳар боре ки қадам ба хоки Тоҷикистон монад, низомию ғайринизомӣ доимо бо оғӯши кушод пешвоз мегирифтанд, зеро ба дарди ҳамаи онҳо шарик буд, ҷоеро сел барад, ё кӯҳпорае фурӯ равад, ё моҳонаро сари вақт надиҳанд, садои ин паёмнигор ба дифои мардуми ҷабрдида аз радиои байналхалқӣ баланд мешуд ва дар ҳалли зудтари мушкилот кӯмак мекард. Мана, дирӯз низ Ҳалимӣ аз сафари Тоҷикистон баргашт, дар ҷашни Иди забон, дар анҷумани байналхалқии забони форсии тоҷикӣ ҳамроҳи як гурӯҳ адибону олимон иштирок намуд.

Пастонзода ба мухолифони худ ҳама гуна айби сиёсиро зўран часпондан мехоҳад. Масалан, дар ҷое гуфтааст, ки гўё як нафар рўшанфикри тоҷик аз ў чопи китоби “Табартақсим”-ро талаб карда будааст. Аммо дар сўҳбат шоҳиди воқеа иброз дошт, ки Пастонзода муболиға кардааст, мо чопи як мақолаи устод Шакуриро дар бораи забони тоҷикӣ талаб карда будем, ки барои маърифати тоҷикон муфид буд.

Пастонзода чанд сол аст, ки ба нафақа баромадааст. Ягон шогирд тарбия накардааст. Ягон рўзноманигор ё адиби ҷавон телефон карда “устод, аҳволатон чӣ тавр ?” намегўяд. Ба ягон кас некӣ накардааст, ки ҳангоми вохўрӣ сипосгузорӣ кунад. Дар дами пирӣ ҳамаи ин ба ў алам кардааст. Акнун ҳама мардуми соҳибқаламро, ки каме обрўю эътибор доранд, сиёҳ кардан мехоҳад. Барои амалӣ кардани мақсади нопокаш ў аз усули маккоронаи истилогарон, ки дар ҷазираи Ява истифода карда истодааст. Истилогарони бо силоҳҳои оташфишони навтарин мусаллаҳ мардуми озодаи Яваро бо лашкари зиёд мағлуб карда натавонистанд. Сипас шайтоне маслиҳат медиҳад: — Ин мардум тозагиро хеле зиёд дўст медоранд, ба ҷониби онҳо наҷаси худро партоед ! Инро бинед, ки аскарҳои истеъморгар ба ҷониби явагиҳо гўҳпарронӣ мекунанд ва мардуми озода сангарҳоро партофта мегурезанд.
Моркул Пастонзода ҳам дар навиштани “Аҷоибулвақоеъ”-и худ айнан ҳамин усулро истифода кардааст. Ва бовар дорад, ки мардуми покизасириштро бо гўҳпарронии худ мағлуб мекунад ва баъд дар байни зиёиёни тоҷик танҳо худаш ҳамчун шахси тамоман беайб, бегуноҳ шўҳрат хоҳад ёфт. Ва хоҳанд гуфт: Ин дигарҳо буданд, ки рўзномаро ба ҳоли хароб расондаанд ва сармуҳаррири собиқ барои дар лаҳзаи охир бо якуним миллион сўм қарзи рўзнома аз вазифаи худ истеъфо доданаш гунаҳкор набудааст.

Ардашер Ҳалимӣ ногоҳ ҳис кард, ки аз рўи эссеи “Аҷоибулвақоеъ” бўи тези наҷас ба димоғаш зад ва онро чун пораи нопоке дур партофт. Ба ёдаш омад, ки ҳар саҳар дар оғози рўзи корӣ Пастонзода дарҳои холии утоқҳоро қулф мекард ва навбат ки ба дарҳои ҳоҷатхонаҳои мардонаву занона расид, онҳоро низ бо шпингалет мебаст ва баъди ба ҳуҷраи худ рафтанаш аз даруни ҳоҷатхонаи занона дашноми зане баланд

мешуд.

Ардашер Ҳалимӣ хаёломез дар таги девори боғ қадам зад ва чашмаш ба гамбуски сиёҳи поруғелон афтид, ки қумалоқи гӯсфандро мекашид. Ҳамин гамбуски поруғелон, ки мардуми таҳҷоӣ қунғузи гӯзин мегӯянд, аз Морқул Пастонзода дар амал болотар меистад, фикр кард ӯ. Зеро то ба ӯ нарасед, бӯи бад паҳн намекунад. Ардашер Ҳалимӣ ва дигар адибону рӯзноманигорони рӯзномаи вилоятӣ дар хотир надоранд,ки зидди Пастонзода чӣ кори ноҷое кардаанд. Як нафар рӯзноманигори ҷавон гуфта буд, ки Пастонзода аслан дар бурҷи Акраб ва зери ахтари наҳс ба дунё омадааст. Ба ҳамин сабаб камбудиҳои ҷузъиро дар рафти кор ба кормандон нагуфта ҳафтаҳо дар дафтарчае меғундорад ва сипас дар маҷлис чун заҳри ғункардаи каждум ба сари кормандон ногоҳ мезанад. Ҳалимӣ дар хотир дорад, ки агар плони таҳияи мақолаҳо аз ҷониби шӯъбаи ӯ пур шавад, маҷлиси корӣ онҳафта баргузор намешуд, агар бо сабабе пур нашавад, барои сиёҳ кардани Ҳалимӣ ҳатман маҷлис даъват мегардид ва Пастонзода исбот мекард, ки “Арбоб мезанад бо ҳар боб”. Аммо сари Ҳалимиро хам карда натавонист. Он гоҳ барои он ки мудири шӯъбаи маънавиёт Ҳалимиро забонкӯтоҳ кунад, мақолаҳои аз ҷониби олимону адибон нисбаттан камтаҳрирро худаш хонда ба матбаа мефиристодагӣ шуд. Пастонзода муаллифонро ба ӯҳдаборою ноӯҳдабаро тақсим карда бархеро аз рӯзнома дилхунук карда буд. Масалан аз ҷониби Ҳалимӣ ба рӯзнома аз нав ба ҳамкорӣ даъват шудани муаллифони дуркардашуда Шамсӣ Самеъзода ва Ҳамза Рафиқ ба табъи Пастонзода нафорид.

Кормандони деринаи рӯзнома ба Ҳалимӣ мегуфтанд, ки Пастонзода дар идораи рӯзнома муҳити асабониро ба вуҷуд овардааст ва ба ин сабаб он қадар ҳамкорони мо ин редаксияро тарк кардаанд, ки ба штати ду редаксия баробар аст. Ҳалимӣ то он вақт ки фаҳмид айб дар ош аст ё дар мош як шоири ҷавон ва як рӯзноманигори мукофоти давлатӣ гирифта ба нишони эътироз аз ин муҳити асабонӣ тарки вазифа намуданд. Онҳо ба Ҳалимӣ мегуфтанд, ки сардабир Пастонзода байни ҳамсинфонаш мурғи ҷуҳуд лақаб доштааст. Мурғи ҷуҳуд марди тарсончак ва буздилро мегӯянд, зеро

мурғи дар ҳавлии яҳудӣ мезиста доимо тарсон аст, ки дер ё зуд ӯро кушта хоҳанд хӯрд. Пастонзода ягон муаммои рӯзномаро ҳал намекунад, барои ҳалли онҳо метарсад, ки ба назди ҳокими вилоят ё ҷонишинони ӯ дарояд. Ӯ ҳатто метарсад барои тарғиби обуна ба корхонаҳо равад, то ки аз боло ногоҳ телефон кунанду ӯ дар ҷои корӣ набошад ва ӯро ҷазо диҳанд. Ҳалимӣ ба ёд овард: Пастонзода агар ба тӯйраваду ҳангоми қадаҳбардорӣ аксбардор биёяд, башитоб қадаҳро ба рӯи миз гузошта ба даст пиёлаи чой ва чойнакро мегирифт, яъне бубинед, ман он қадар сардабири баинтизом ҳастам, ки ҳатто дар тӯю базмҳо арақ наменӯшам. Ва ҳатман шишаи арақро тавре тоб медод, ки барчасп(этикетка)-и он ба объективи видеокамера ё дастгоҳи аккосӣ наафтад.

Пастонзода ҳатто ба онҳое, ки ба манфиати рӯзнома хайрия мекарданд, тӯҳмат менамуд. Шоире, ки соҳиби корхонаи хурде буд, ӯ дар "Аҷоибулвақоеъ"-аш бо номи Ҳасрат Нафрат ном мебарад, зиёда аз ним миллион сӯм маблағи корхонаи худро барои арзон кардани нархи обунаи ин рӯзнома хайрия намуд. Дар натиҷа теъдоди обуначиён хеле афзуда рӯзнома аз инқирози шадид халос шуд. Аммо рӯзе Пастонзода дар ҳолати ширикайфӣ вориди корхонаи шоир шуд, ки он ҷо Ҳалимӣ низ нишаста буд ва даъво кард, ки "ҷаноби шоир, шумо ба рӯзнома кӯмакпулӣ дода хизмати хирсона кардед". Яъне, — давом дод Пастонзода, — теъдоди обуначиён зиёд шуда харҷи коғаз ва корҳои матбаа афзуд ва ин боиси талафоти молии идора гардид.

Шоир ин гапро шунида карахт шуда монд. Зеро ба подоши хизмат тӯҳматро бори аввал медид. Пастонзода худро ҳалолтарин инсон ҳисобад ҳам, дар амал аз вазифааш сӯйистеъмол карданро дӯст медошт. Масалан, дар байни кормандони матбуот чунин қоидае ҷорист, ки агар ҳикоя ё шеъри худро ба машинисткаи идора чоп кунонед, ҳаққи меҳнати машинисткаро додан лозим аст. Пастонзода бошад, қариб ки ҳар ҳафта ягон ҳикояи фаче менавист ва ба машинистка дикта намуда ба ин духтараки каммаоши муштипар ягон сӯм намедод.

Пастонзода қариб ҳар моҳ ду-се ҳикояи фачи худро зери унвони ин жанри адабӣ дар рӯзномаи худ чоп кунонда аз

адабиётшиносону адибон эроде намешунид. Вай ҳатто намедонист, ки агар дар бораи эҷодиёти адиб адабиётшинос ё мунаққиде чизе нанависад, нишони он аст, ки навиштаҳои ӯ адабиёт нест. Ба ин сабаб диққати муҳаққиқи соҳаро ба худ накашидааст. Дар вилоят адабиётшиносону мунаққидони адабиёти тоҷик кам нестанд. Дар бораи эҷодиёти Ардашер Ҳалимӣ, ки Пастонзода нописандона "якта-нимта ҳикоя менавистааст" мегӯяд, мунаққидон зиёда аз даҳ мақола навиштаанд ва ҳатто академик Сабурӣ дар як мақола оид ба адабиёти асри бисти тоҷик ӯро дар қатори Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ ном мебарад.

Пастонзода бо майнаи хушк, забони хушк, дасти хушк боғи рӯзноманигории тоҷики вилоятро хушконид. Боз ҳамин Ҳалимӣ буд, ки дар идораи рӯзнома барои рӯзноманигорони навқалам ва адибони ҷавон мактаби эҷодӣ таъсис намуда ду соли тамом онҳоро таълим дод, аммо Пастонзода ҳама корҳои неки Ҳалимиро чун шабу рӯз бо ҷонишини сардабир дар маъракаи обуна заҳматҳои зиёд кашиданашро фаромӯш кардааст ва ё барқасд ба ёд овардан намехоҳад. Пастонзода аз ҳасад дарун-дарун месӯзад, ки чаро ба ҳар анҷумани фарҳангӣ, ё ҷашни адабӣ ба Тоҷикистон Ҳалимиро даъват мекунанду ӯро не, ӯ садҳо ҳикоя нависта бошад ҳам, нависанда ҳисоб намекунанд, дар ягон мақолаи умумӣ ҳатто ном намебаранд. Ӯ ин нокомии худро бо сиёҳ кардани аҳли қалам, рӯзномаигорони боистеъдод хаспӯш карданист. Ҳамкори Пастонзода дар ёд доранд, ки ӯ як шоири ҷавонро чанд вақт ба сифати ъхаткашон кор фармуда барои ба шӯъба гузарондани ӯ муқовимат мекард. Сипас Ҳалимӣ кафолат дод, ки шоири ҷавонро ба шӯъбааш ба кор мегирад ва он шоири ҷавон бо сарпарастии Ҳалимӣ ҳунари рӯзноманигориро омӯхт. Воқеан ҳам гамбуски поруғелон аз Пастонзода болотар меистад. Ба ӯ даст нарасонед кайфиятатонро вайрон намекунад, аммо Пастонзода коре надорад, ки шумо тарафдори ӯ ё бетараф, ҳатман , мисли косадум (ҳайвоне, ки заҳрашро моҳҳо ҷамъ карда сипас ба ҷониби одам мепошад) амал мекунад.

Гамбуски поруғелон агар дар ҳавлӣ саргине ёбад, гирифта ба хонааш мебарад, яъне санитар аст, манфиаташ ба инсон мерасад. Аммо худо шоҳид, дида истодаед, ки Пастонзода

баръакс бар сари одам пору мерезад. Он қадар камақл гардида ва фикр намекунад, ки рӯзе хоҳанд пурсид. - Агар ҳама ҳамкорон одамони бад бошанд, пас сармуҳаррири ин қадар нуқсондовҳоро ҷамъ оварда магар солимақл аст?

Ҳамин тавр ба осмон туф кунӣ, ба сари худат меафтад. Ҳалимӣ  дар пайроҳа байни дарахтони боғи худ қадам зада истода боз як найранги Пастонзодаро ба ёд овард. Рӯзе Пастонзода  бо мудири шуъбаи маънавият Ардашер Ҳалимӣ маслиҳат накарда ба ин шуъба аз шӯъбаи мактубҳо Гулрӯ Алимиро гузаронд. Шӯъбаи маънивиёт тақозо мекунад, ки дар он адибу рӯзноманигори баландмаҳорат кор кунад. Гулрӯ, ки асосан бо таҳияи мактубҳо кор карда омадааст ва адиб нест, хеле азоб кашид.Ҳалимӣ  доимо ба Гулрӯ кӯмак мекард, ба сардабир аз Гулрӯ шикоят наменамуд. Пастонзода ҳамаи инро мушоҳида карда рӯзе оташинона гуфт: —Дида истодаед, ки аз ӯҳдаи вазифа намебарояд, рапорт нависед, аз кораш пеш мекунем.

--Гулрӯ аз кӯҳнатарин корманди идора аст, вай дар ҷои пешинааш аз ӯҳдаи кораш мебаромад, ягон огохӣ ҳам нагирифтааст , имрӯз аз кор рондани ӯ ноинсофӣ хоҳад буд, --гуфт Ҳалимӣ ,

Пастонзода дар дил “ҳоло ту гапи маро гардонди--мӣ?, Ҳоло ист!”гуфта бо ғазаб аз дари шӯъба баромад. Эҳ кадом як чунин фитнаҳои Пастонзодаро ба ёд орад, хеле зиёд--ку! Ба ёди Ҳалимӣ мисраъҳои зерини устод Лоиқ расиданд:

Кӣ бурид решаи мо, ки бисӯхт решаи мо?

Ту мапурс ҷони бобо, ту мапурсу ман нагӯям,

Ҳалимӣ  қарор кард, ки рӯзгори дар идораи Пастонзода аз сар гузарондаашро ба ёд наорад, беҳтар аст. Бисту панҷ сол дар рӯзномаҳо ва радиои ҷумҳуриятӣ кор карда ин қадар азоби рӯҳӣ накашида буд, чи хеле ки дар ин рӯзнома дид.

Сад афсӯс, Пастонзода фикр накард, ки агар ҳаммаро сиёҳ кунад, пагоҳ рӯзи маргаш тобути ӯро чи гуна хоҳанд бардошт? Ҳамчун нашъи як нафар зиёӣ ё зиштнавис?

Ҳалимӣ қаламу қоғаз гирифта ҳамаи ин андешаҳояшро дар шакли ҳикоя ба қоғаз фуровард.

Аз рӯи фикри ниқоргирӣ не, балки андешаи он ки мардум дар бораи чунин зотҳо  бояд ҳақиқатро донанд. Сардабири нави

рӯзномаи “Садои вилоят” Собир Беҳбудӣ ҳикояро бо таваҷҷӯҳи зиёд хонд ва ба Ҳалимӣ гуфт: — Маро маҷбур карданд, ки он тӯҳматнолмаи Пастонзодаро чоп кунам.

Кӣ маҷбур кард ? — пурсид Ҳалимӣ

Беҳбудӣ ҷониби иморати ҳокимияти вилоят маънидорона бо сар ишорае кард ва бо оҳанги афсӯс гуфт:

Ҳастанд онҳое, ки дар бораи дӯстии халқҳо ҳарфи зиёде мезананд, аммо дар амал... Оне, ки аз рӯзномаи ҷумҳурӣ рондани шуморо ташкил карда буд, дар вазифаи хурд нест. Агар дар ёдатон бошад, як қисми ин тӯҳматнома дар рӯзномаи ҷумҳурӣ чоп шуда буд. Ман ин ҳикояро чоп карда наметавонам. Ба ғайри шумо ҳамаи дар эссеи Пастонзода сиёҳшудагон раддия ё мисли шумо ягон асари бадеӣ алайҳи ин тӯҳмат навиштаанд, вале онҳо низ чоп намешаванд.

Яъне Пастонзода дар дасти баъзе одамони дилашон сиёҳ бозича будааст ? — гуфт Ҳалимӣ

Бале. — гуфт Беҳбудӣ, — Шукр кунед, ки пеши чопи асарҳои шуморо ҳоло набастаанд.

Ардашер Ҳалимӣ аз дари идораи рӯзнома баромада ҷониби хонааш равон шуд. Ӯ намедонист, ки ин ҳама моҷаро сарсухани як нақшаи маъракаи аз ватан рондани ӯст,ки баъди шаш-ҳафт моҳ оғоз хоҳад шуд.

Сардабир Беҳбудӣ бо иштироки собиқадорон — рӯзноманигорон ва адибони мӯйсафед эссеи Пастонзодаро муҳокима кунонд. Устоди Ҳалимӣ — адиби куҳансол Табаралӣ Зиёдӣ танҳо ҳини муҳокима фаҳмид, ки дар эссе нисбати ӯ низ ҳарфи носазо гуфта шудааст. Фишори хуни ин устод хеле баланд шуда азбаски бемории дил дошт,баъди чанде даргузашт.

Аз чунин тӯҳматҳо Худо нигоҳ дорад !

## ЧУМЧУҚЧАИ САМАРҚАНДӢ

*Афсона*

Як замон дар шаҳре, ки бозораш пур аз асал ва қанду набот буда Самарқанд ном дошт, чумчуқчаи танҳое мезист, ки шоиртабъ буд. Чумчуқча болои ягон гунбади нилӣ ё тоқи

манораи осмонбӯс нишаста ғазали худро ба ин тарз мехонд:

Ман гунҷишки самарқандӣ,
Манзилам дар баландӣ.
Барои тилло ё дон
Ҳаргиз нашавам бандӣ.

Он вақт шаҳри Самарқанд аз ҳавлибоғҳо иборат буд ва кампире барои боғи канори шаҳрии худ посбон меҷуст. Ин суруди чумчуқча ба кампир писанд омад. Ӯ ба чумчуқча гуфт:

— Ҳой чумчуқча, ба боғи ман посбон мешавӣ ? Агар посбон шавӣ, ба музди корат чанд танга мегирӣ ?

— Музди кори ман рӯзе аз ангурҳои пухтаи боғатон ним донаи ангур хоҳад буд, — гуфт чумчуқча

— Майлат, ман розӣ, — гуфт кампир ва чумчуқчаро ба боғи худ посбон таъин кард.

Рӯзе чумчуқча дар як шохи баланди дарахти сафедори боғ ғазал хонда менишаст, ки хизматгорони подшоҳ аз ин ҷо раҳгузар шуданд. Ангуру анҷиру анори пухтаи боғро дида ҳавасашон омад. Диданд, ки боғ бесоҳиб, нопурсиш даромада барои подшоҳ ангур каданд. Чумчуқча инро дида ба ғазаб омад ва чанд бор сари хизматгоронро нӯл зада хун кард. Хидматтор ба подшоҳ шикоят намуд, ки “Эй подшоҳи олам, ин чӣ бедодӣ, ки мо дар боғе барои ту ангури беҳтаринро канданӣ шудем, вале посбон нагузошт”.

Подшоҳ гуфт: — Ба сайёдон бигӯед, чумчуқчаро дошта биёранд. Шикорчиён чумчуқчаро дошта оварданд. Вай даруни қафас буд ва мегуфт: — Берун будам, дарун шудам, берун будам, дарун шудам...

Подшоҳ гуфт: — Ин ҳоло ҳам ғазал мехонад? Кушед! Ҷаллод каллаи чумчуқчаро бо корд аз танаш ҷудо кард. Чумчуқча гуфт:

— Якта будам дута шудам, якта будам дута шудам...

Подшоҳ гуфт: — Майда-майда карда партоед.  Ҷаллод чумчуқчаро пар канда реза-реза кард. Чумчуқча боз садо намуд:

— Дута будам садта шудам, дута будам садта шудам...

Подшоҳ фармон дод: — Намак занед !  Баъди намак задан чумчуқча садо кард:

— Бенамак будам, бонамак шудам!

Подшоҳ ба ғазаб омада фарёд кашид: — Бирён кунед !

Чумчуқчаро дар дег бирён карда ба табақ гузошта пеши подшоҳ оварданд. Чумчуқча боз садо кард: — Хом будам, пухта шудам...

Подшоҳ зуд чумчуқчаи пухтаро фурӯ бурд.

Чумчуқча аз даруни шиками подшоҳ боз ғазал мехонд: — Бехона будам, хонадор шудам, бехона будам, хонадор шудам...

Подшоҳ ба ҷаллод гуфт: — Ту шамшери бараҳнаро тайёр нигоҳ дор, агар ҳозир аз даҳонам чумчуқча бараояд, зада куш !

Чумчуқча аз даҳони подшоҳ парида баромаду гирди сари ӯ ду бор давр зад. Ҷаллод чумчуқчаро мезанам гуфта хато кард ва сари подшоҳро аз тан ҷудо сохт.

Чумчуқча парида ба сари манор нишаст ва суруди ҷовидонии худро сароид:

Ман гунҷишки самарқандӣ,
Манзилам дар баландӣ.
Ҳатто ба шоҳаншоҳи олам,
Ҳаргиз нашавам бандӣ.

# АСАРҲОИ САҲНАВӢ

## Х Ӯ С А М А Р Д

*(Манекен)*

**(Мазҳакаи якпардагӣ)**

(бо иштироки ду марду ду зан ё як зане, ки ду ролро бозӣ мекунад)

Иштирокчиён :

Мудир — марди 40-50 солаи миёнқади пуррабадан
Хӯсамард — ҷавонмарди фарбеҳи 20-25 сола
Фурӯшанда – ҷавонзани 20-25 сола
Фаррош — зани 40-45 сола

ХӮСАБОЙ. Ассалому алайкум, мудири мағоза Самад-ака шумо-мӣ?

МУДИР (ба ҳар калима як бор чӯт зада). Ваалайкум. Ҳа, Самад — ман. Чӣ ба мудир монанд не-мӣ?

ХӮСАБОЙ. Монанд, э мебахшед, як себи дукафон, байни мудирҳое, ки дидаам аз ҳама хушрӯяш — шумо.

МУДИР. Ин тавр танҳо ба духтарҳо хушомад мезананд. Бе мулоимхунукӣ гӯй, ки мақсад чӣ?

ХӮСАБОЙ. Мудирҷон. Самад-акаҷон, ман мулоим, вале хунук не. Мулоимхунук дар ҷойҳои мо лаҳри каллапочаро мегӯянд.

МУДИР. Мақсад! Мақсад!

ХӮСАБОЙ. Ман ҳаргиз вақти танги шуморо тангтар карданӣ нестам. Танҳо як илтимос, маро ба кор гиред.

МУДИР. Ҳама шӯъбаҳои мағоза фурӯшанда доранд. Ҳатто чанд коргари зиёд ҳам дорем.

ХЎСАБОЙ. Вале ман дидам, ки хўса надоред.
МУДИР (хушҳол шуда). Хўса? Ҳм- ҳм- ҳм...
ХЎСАБОЙ. Ман манекенро дар назар дорам. Як манекен ҳоло миллион сўм будагист. Ҳол он ки вай – беҷон. Ман бошам, ҷон дорам, дар витрина ин тараф-он тараф мегардам, костюми нав ё палтои навро аз пушту пеш нишон медиҳам.
МУДИР. Ин идеяи аҷиб ! Исто, ки ин идея дар сари ту аз куҷо пайдо шуд?
ХЎСАБОЙ. Директоре, ки маро аз кор пеш кард, гуфт, ки ту фақат хўса шуда кор карда метавонӣ!"
МУДИР. Маълум, ки ту одами беҳунар ва хеле танбал. Дар акси ҳол пеш намекарданд. Вале хўса шуда ҳам наметавонӣ. Фигураат вайрон. Шикамат ба пеш давида баромадагӣ. ғафот – калон.
ХЎСАБОЙ. Азони бисёриҳо ба пеш давида баромадагӣ: ин айб не, ба либосҳои андозаашон калон ҳам диққати харидорро кашидан лозим.
МУДИР. Ту рост истода метонӣ?
ХЎСАБОЙ. Метонам, мана рост истодем-ку?
МУДИР. Манори каҷ барин истодӣ-ку? Ту худат медонимӣ рост истодан ҳам ҳунар? Ина бин, шишаи арақ ҳам рост истодааст. Лекин кунаш болои замин. Мана, мана, машраба ҳам рост истодааст. Ту бошӣ, халтаи резинии бодаш буромадагӣ барин истодаӣ.
ХЎСА. Шиша барин истом- мӣ? (ба замин нишаста пой боло карда) Мана!
МУДИР. Ту шиша не-ку? Ту --- одам. Одам ба пояш рост меистад. Пойҳоята аз андозаи ҷои ғафси баданат васеътар монӣ мешавад?
ХЎСА (пойҳояшро васеъ монда шикамашро чен мекунад). Шуд-мӣ?

МУДИР. Ин қадар латта нашав, манекен бояд таранг истад. Ин қадар ҳам таранг не, озод истад, озод нафас гир, шикамата даруntar гир, аз нӯги биниат сангча партоем ба шикамат нарасида афтад. Канӣ як сангча ёбем. (мекобад, наёфта якта санги калон – қайроқро меёбад ва аз нӯги бинниаш ба поён сар медиҳад).
ХӮСА (шикамашро дарун мекашаду қайроқ ба пояш мезанад). Вой поям, вой поям, шикаст, вой поям!
МУДИР. Айби худат. Шикамро оқиб кашидӣ, шикам ҳеҷ гоҳ намешикаст, канӣ бинем? Э- ҳе... о ин поят дупа-дуруст- ку? Чаро як поятро бардоштӣ?
ХӮСА. Инаша монам, дард мекунад.
МУДИР. Хайр, ки бошад, мурғ барин бо як поистодан гир. (баъди дақиқае Хӯсабой пояшро иваз мекунад) И-е поят иваз шудас–ку ?
ХӮСА. Санг ба инаш ҳам зада буд!
МУДИР. Ин—ту бошад, дуяша ҳам ба замин мон.
ХӮСА. Шудас мудирҷон. Ба сарат исто гӯед ҳам, меистам.
МУДИР. Рост истода метонӣ ё не, аввал санҷидан даркор. Исто, ки дандон дорӣ?
ХӮСА. Намедонам. Лекин чормағз мешиканам.
МУДИР. Дошта бошӣ, нишон те.
ХӮСА. Мана (дандонҳои пешро нишон медиҳад, лабҳоро бо даст ба боло ва поён кашида/.
МУДИР. Ҳамааша нишон те.
ХӮСА. Ҷоғам шах шуд.
МУДИР. Чӣ хел шах шуд? (зӯр мезанад,ки кушояд, ангуштонаш байни дандонҳо мемонанд) Воҳ воҳ иҳ кучук шаву раве (Дастро базӯр кашида гирифта) Мехкашаки қуттикушо даркор. Ҳа, мана, дар ин қуттӣ буд. (мехкашакро гирифта ба даҳони Хӯса андохта) Агар ҳозир як зер кунам, дандонат

мешиканад, беҳтараш, худат кушо. (думбаи Хӯсаро мепучад).

ХӮСА.  А- а- а...( даҳонаш калон кушода шуда мемонад.)

МУДИР.  Калиди даҳонат дар қафот будас- да!? (ба даҳони Хӯса нигариста) Дандонҳоят дандонҳои хар, э, э, гӯсфанди шишак барин сип–сиёҳ-ку? Яктояш тамоман кирмхӯрда.

ХӮСА.   Ман дандонҳоямро намоиш намедиҳам-ку?

МУДИР.  Дар дӯкони мо муҳимаш – табассум. Ту бояд доим табассум карда истӣ. Ин хел не. Ин хел танҳо лабат инҷ шуду дандонҳоят намоён гардид. Бояд ҳама ҷоят табассум кунад, фаҳмидӣ?

ХӮСА.   Ҳама ҷоям ?

МУДИР.  Харидор бояд бинад, ки аз пӯшидани костюми мо ҳатто Хӯса хушҳолу хушбахт гардидааст. Чашмони Хӯса — дурахшон, чеҳраи Хӯса — хандон, *либоси мо* ҳатто метавонад ба хӯсаи беҷон ҷон дарорад. Одаму *либос* — хонаю палос. Хӯса шуда метонӣ ё не, ҳоло муаммо. Майлаш, вале ба муддати санҷиш ба кор мегирам. Агар роли манекенро нағз бозӣ мемонӣ. Вагарна чор тарафат қибла.

ХӮСА.   Ман — розӣ. Санҷед. Агар хоҳед, соатҳо ман наҷунбида, мижжа назада, хайкал барин шах шуда меистам.

МУДИР.  *Аввал* ба пеши дастшӯяк рафта ришата тоза тарошида, "Ҳусни Юсуф" молида, рангу бор карда ба манекен монанд шав. Баъд костюму туфлии нав пӯшида баро. (Хӯса меравад.  Занги телефон).

МУДИР.  (гӯшакро бардошта) *Лаббай!* Салом алейкум Калон Аҳророрвич! Худатон нағз-мӣ, янга, бачу кач? Хӯш, келинҳо? Набераҳо? Чаро телефон намекунам? О, корам бисёр- дия, ака. Ака, не, не, ман некиҳои

шумоя фаромӯш накардем. Ҳа, дар сояи давлати шумо гаштем. Чӣ хизмат буд, ака? Азназаргузаронӣ? О ин хел булбулакҳои хушхон дар дӯкони ман дефисит. Ун хел ҷипала- ҷипонҳо ҳам. О, худам мехонам-у дар ин хел маъракаҳо не- дия. Дар назди чорта ёру дӯст. Торам ҳаст, барои дилхушии худам менавозам. Раққоса–я аз куҷо ёбам? Ҳа- а, вай-мӣ? Ӯ- балое, кай заметка кадед? Шумо дар ҳақиқат молшинос- куя! Мо шумо барин заршинос не- дия, ака. Ҳа, дар тӯйи хешаш рақсидагист- дия. Лекин ман надидем. Хайр, надидем- дия, ака. Хайр, як месанҷем, агар рақсида тавонад, хуб гап- куя. О ака, дар ин хел ҷоҳо якта аз тоқу якта аз бутоқ хонда намешуд, рақси ҷикир-ҷикир ҳам намешудагис. Хуб, хуб, ҳамту иштирок кард гуфта қайд кунанд шуд-мӣ? Майлаш, як кӯшиш мекунем ако! Ман аз шумо якта чиза илтимос карда будам-ку, ҳамонро фаромӯш накунед-да, хӯб-мӣ? Хуб,. гап нест, ака. (гӯшакро монда боз мегирад ва рақамро мечинад). Алло, нозукадои мӯрчамиён, ин ҷо биё.

ФУРӮШАНДА (даромада). Ҳа, мудирҷон, чӣ гап доштед?

МУДИР. Аз пеш як чингилинг буромада монд. Ҳар дуямон бояд чингаша аз лингаш ҷудо кунем.

ФУРӮШАНДА. Чингилинг?

МУДИР. Аз боло фармон омад, ки азназаргузаронӣ мешудас барои рӯзи кормандони савдо. Як нафар сароянда ва як нафар раққоса аз моён иштирок карданаш даркор.

ФУРӮШАНДА. Дар умрам ашӯла нахондем.

МУДИР. Ашӯлая ман мехонам, ҷунбон-ҷунбонаш аз ту.

ФУРӮШАНДА. Ман рақс карда наметавонам.

МУДИР. Дар тӯйҳо рақс мекардӣ- ку?
ФУРӮШАНДА. Дар тӯйи хешу табор гапи дигар. Агар ман дар ин маъракаҳои калон рақс кунам, ҳама маро раққоса шудас мегӯянд.
МУДИР. Ин гапҳоро мон. Ҳама медонад, ки ту раққоса не. Дар иди кормандони савдо аз рӯи зарурат баромад карда истодаӣ.(дойраро гирифта) Канӣ, як рақс кун, умбалакитанг, умбалакитанг... натонистӣ-ку?
ФУРӮШАНДА. Ман ина наметонам. Ба ман гиждав-даву гиж-дав-дав даркор. (рақсида) Гиждав-дав, гиждав-дав, гиждав-дав.
МУДИР. Ба ман бошад, умбалакитанг маъқул.
ФУРӮШАНДА. Не, гиждав- дава навозед.
МУДИР. Ашӯлаи ман танҳо ба умбалакитанг медарояд.
ФУРӮШАНДА. Не, ба гиждав- дав дароред.
МУДИР. Ҳой мӯрчамиёни якрав, гарданшах! Ба ту гуфта истодаам, ки танҳо ба умбалакитанг медарояд. Ҳозир вақт нест, ки ба гиждав- дав ғазал кофта ёбаму азёду оҳангаша дуруст кунам. Баъди ду рӯз баромад кардан даркор. Ҳозир ман менавозам, ту бошӣ, рақс кардан гир.
ФУРӮШАНДА. Ман раққосаҳо барин рақс карда наметавонам.
МУДИР. Раққосаҳо барин не, ҳаваскорҳо барин рақсидан даркор. Аққаллан раққосаҳои отарчиҳо барин.
ФУРӮШАНДА. Пула кӣ мечаспонад? Не, ман ба ин розӣ не.
МУДИР. Балота гирам, чанд пул хоҳӣ, метиям. Хайр, биё, ана барои иштирокат ду моҳона мукофотпулӣ менависам. Шуд-мӣ?
ФУРӮШАНДА. Шуд, вале ягон хел куртаи ба рақс мувофиқ надорам.
МУДИР. Якта куртаи нави атлас тиям мешуд- мӣ?

ФУРЎШАНДА. Тагаш катӣ- мӣ?
МУДИР. Албатта, худат-ба мемонад, баъди як бор пўшиданат, рақсида арақ карданат куртаро дигар фурўхта намешавад- ку. Хайр, канӣ (менавозад), сар кардем. Ҷунбон. Ҷунбон, беҳтар ҷунбон! Ин хел не, мана бин, ана ин хел ҷунбон. (нишон медиҳад, ба рақс фурўшанда ҳамроҳ мешавад). Хуб, ки бошад, шуд. Баъди кор машқа давом медиҳем. Сонитар, як даро, боз як маслиҳат мекунем.

*Фурўшанда мебарояд. Хўса /бо либоси занона ва орою торои занона ба саҳна баромада ин тараф — он тараф мегардад.*

МУДИР И- е, ин кӣ? (Айнакро ба чашм монда нигоҳ мекунад). Ин ту-мӣ, Хўсабой?
ХЎСА. Ҳа, ман, мудирҷон. Нашинохтед- мӣ?
МУДИР. Ин маймунсуроб кӣ будас гуфтем.
ХЎСА. Ҳақорат накунед, мудирҷон, маймун як ҷояш сурх мешавад.
МУДИР. Шояд аз они ту сурх бошад? О, як ба оина нигоҳ кун, ба кӣ монанд шудӣ?
ХЎСА. (оиначаро аз сумкача гирифта лаб сурх карда, ба рў упо зада бо овози борики занона) Таннозхони котиба. Як себи дукафон.
МУДИР. Ту худат медонӣ-мӣ, занак чӣ хел мешавад?
ХЎСА (боз ноз). Ҳа - а, ме-до-нам.Ин- пистаи хандон, ин— анори нордон? О- ин пахта –ку?
ХЎСА (якта ба дасти мудир зада) Дастата каш, беҳаё!
МУДИР. Ҳ-б бо! Бибибасон — дастнарасон- ку! Инаш тарбузи Ҳиндустон- мӣ?
ХЎСА Ман мудир гуфта ба ҳар занак даст дароз кардан

мегиред- мӣ?

МУДИР Ту чӣ хел занак, ту Хӯса- ку?

ХӮСА Хӯса бошам ҳам аз ҷинси латиф. Ба ҷинси латиф ин хел намекунанд.

МУДИР Хуб ҷоғ задӣ — дия! Кошки ҷинси латиф мебудӣ! Канӣ як ин тарафу ун тараф гард, бинем канӣ, занҳо барин роҳ гашта метавонӣ ё не

(Хӯсабой дар саҳна сурин ҷунбонда роҳгардии занро дағалона нишон медиҳад) Ин хел не. Ту роҳгардии Таннозхонро нишон те. ғадам монам, замин бояд аз қадами ман миннатдор шавад гуфта пой гузор. Вазнин пой намон. Пои зан сабук мешавад.

ХӮСА Пои худатон сабук. Ҳама занҳо ин хел не.

МУДИР Ту бояд як зани умумиро нишон диҳӣ.

ХӮСА Зани умумӣ нест: Зан як шавҳар дорад.

МУДИР Ҳой гули нодон! Ман образи умумии занро дар назар дорам.

ХӮСА Зан обрез надорад.

МУДИР Обрез не, образ!

ХӮСА Ин чӣ гап! Нафаҳмидам.

МУДИР Хӯса ягон зани алоҳидаро не, балки сурати умумии занҳоро ифода мекунад. Аз як зани биниаш хушруй — бинӣ, аз як зани дигари лабаш ақиқ барин, гулбарги тар барин — лаб, аз як зани чашмонаш шаҳло — чашм, аз як зани ана ин ҷояш-оригиналний — анори нордон, ана аз як зани мӯйдароз- мӯй, ана аз як зани қаду қоматаш қиёмат — қиёмат... Ҳамаи инҳоро якҷоя карда як сурати умумӣ месозанд ва инро образи умумии зан мегӯянд.

ХӮСА. Ҳаминро барвақттар гӯед- дия! Зани умумӣ гуфтед, ҳар як занак шунавад, оташ мегирад.

Лекин ин чизҳои шумо гуфтагӣ ҳеҷ вакт дар манекен намешавад. Агар дар манекен мешуд, ҳама мардҳо ба он ошиқи шайдо мешуданд. Хӯса — ин хӯса. Як чизи беҷон.

МУДИР. Ман занро беҷон тасаввур карда наметавонам. Ҳар ҷо ки париваше ҳаст, дев ҳам ҳаст. Яъне натанҳо ҷон дорад, дев ҳам дорад.

ХӮСА. Мудирҷон, занака деваш дар куҷо?

МУДИР. Агар инро медонистам, ин ҷо мудири дӯкон шуда намешиштам. Дон-Жуон мешудам, Дон-Жуон!

ХӮСА. Дон- ҷувон?

МУДИР. Ҳамин хел одам гузаштагӣ. Дар Испания. Дилиҳар як занаки хушрӯи ман-ман мегуфтагия ба даст медаровардагӣ.

ХӮСА. Баъд чӣ кор мекардагӣ?

МУДИР. Сонӣ бозӣ медоронагӣ!

ХӮСА. Сонӣ чӣ кор мекардагӣ?

МУДИР. Сонӣ муччӣ мекардагӣ !

ХӮСА. Сонӣ чӣ кор мекардагӣ?

МУДИР. Сонӣ мегурехтагӣ!

ХӮСА. Чаро мегурехтагӣ?

МУДИР. Чунки бача мезоидагӣ?

ХӮСА. Дон—ҷувон- мӣ?

МУДИР. Ҳа, аблаҳ, Дон—ҷувон!

ХӮСА. Истед, истед! Каллаам гаранг шуда монд. Дон- ҷувон занро муччӣ мекунад. Дон—ҷувонҳомиладор мешавад… бечора Дон- ҷувон…

МУДИР. Акнун фаҳмидӣ- мӣ, ки зан шуда наметавонӣ?

ХӮСА. Дон- ҷувон-мӣ?

МУДИР. Дон- ҷувон ин ҷо чӣ дахл дорад? Ҷиннӣ  кардӣ —ку маро.

ХӮСА. Худатон гуфтед- ку – Дон- ҷувон… Дон- ҷувон...

МУДИР. Бас! Ту худат савод дорӣ ё не? Дар мактаб чанд класс хондӣ?

ХЎСА. Китоб хонда метавонам, мудирҷон.

МУДИР. Кадом китобҳоро хондагӣ?

ХЎСА. Алифбо, китоби хониш...

МУДИР. Дар умрат рўзнома хондаӣ? Ба ягон рўзнома обуна шудаӣ?

ХЎСА. Ҳамин газетая ба даст гирам, пеши чашмам биҷир-биҷир мекунаду сарам чарх мезанад.

МУДИР. Ҳар як одами боақл аққаллан ба ягон рўзнома обуна шуданаш лозим. Китоб- ку намехонӣ, аққаллан газета хонда баъзе чизҳои нафаҳмидагиата фаҳмида гир. Мана, бин, “Овози Самарқанд”-ро одамон бо шавқ мехонанд.

ХЎСА. Латифа ҳам чоп мекунад- мӣ?

МУДИР. Ҳа, ҳикояҳои ҳаҷвӣ, латифаҳо чизҳои одама механдондагӣ бисёр чоп мекунанд.

ХЎСА. Ба ман ҳамин механдондагиаш бошад. Дар бораи Афандӣ ва занаш, сонӣ дар бораи занаш ва Афандӣ.

МУДИР. Мумкин танҳо дар бораи занаш?

ХЎСА. Мумкин, мумкин.

МУДИР. Масалан?

ХЎСА. Зани Афандӣ дар як идора котиба шуда кор мекардааст. Танноз-хон будааст. Рўзи дароз дар ин идора танҳо як- ду варақ чоп мекардаасту дигар кор набудас. Сонӣ дар вақти холӣ зани Афандӣ лаб сурх мекардаасту маҷаллаи “мода”- ро мехондааст. Ҳамин хел маҷалла будааст, нар нею мода. Сонӣ ба назди ў мухбир омадааст. Мухбири рузнома. Мухбир гуфтааст: Мўҳтарам зани Афандӣ, аз журнали мода чӣ фоида, биёед ба рўзнома обуна шавед. Зани Афандӣ ҷавоб додааст.Ман лоторея

харида будам. Вале чизе набуридам. Ба ҳамин сабаб обуна намешавам.

Ҳи- Ҳи- Ҳи… ҷавоби хандаовар- а.?

МУДИР. Ҳа- а… латифаҳоят ҳам унхелин – ку? Лотарея ба газета чӣ дахл дорад?

ХЎСА. О, ҳамун ҷадвали бурдҳои лотареяро газета чоп кардагӣ- дия. Мемуранд- мӣ, агар ҳамун кормандони газета рақами лотореяи зани Афандиро чоп кунанд? Ана барои ҳамин зани Афандӣ ба газета обуна намешавад!

МУДИР. Бас, бас! Ба ҳамин хона даромада ин либосҳоро кашида костюми нави мардона пўшида баро. Фаҳмидӣ?

ХЎСА. Фаҳмидам.

МУДИР. Дар ҳамон ҷо туфлӣ, куртаи нав ҳам ҳаст. Ҳама чизат бояд нав бошад. Фаҳмидӣ?

ХЎСА. Фаҳмидам.

МУДИР. Фаҳмида бошӣ, лингата ҷунбон!

ХЎСА (як лингро ҷунбонда). Мана.

МУДИР. Рав гуфтам!

ХЎСА (ба тақлиди занона сурин ҷунбонда аз пеши мудир мегузарад ва ба хонаи либоскашӣ меравад)

МУДИР (ба тамошобинон нигариста) Як қамчин намерасидагӣ барин- а?

ХЎСА (истода). Чӣ гуфтед?

МУДИР. Рав, ҳамту худам ба худам.

ХЎСА. Не, ким- чӣ гуфтед?

МУДИР. ғасам, ҳеҷ чиз нагуфтем?

ХЎСА. Ин мардакҳо ҳамин хел, доим аз паси занакҳо чашма ойнача карда, даҳона калўш карда гап мезананд. Ҳе, муретон- е! (меравад).

МУДИР (баъди ба либосивазкунӣ даромадани Хўса) Ба ин

Хӯса як қамчин намерасидагӣ барин- мӣ? ! Худаша гӯлу гумроҳ нишон дода бо чӣ роҳе набошад ба ширкати мо даромаданӣ? (Занги телефони сурх, гӯшакро бардошта) *Лаббай?* Ҳа, ман. Ва- алайкум. Чӣ? Ташаккур! Ташаккур! Мақсадатона гӯед. Ёрдампулӣ? Аз кадом фонд гуфтед? Ҳа- а… мо боғчаи бачаҳоя ба шефӣ гирифтагӣ, боз илтимос карданд, ки ба сағирахона телевизору як қолин харида диҳем. Барои авлоди солим гуфта ёрдам кардем, ба носолимҳо ҳам ёрдампулӣ додем. Истед, истед, муллоака, о ширкати мо миллиардерон не- ку. Дилам гум мезанад, ки ба як-ду спектакли театри худамон сарпарастӣ кунам, ба артисту режисёрҳои нағз мукофот диҳам. Ина бинед, ки ба як-ду шоиру нависандаи шаҳрамон агар мукофоти адабӣ надиҳем, пас худи мо чӣ хел одам? Чӣ хел ватандӯст?  Ман самарқандӣ гуфта ифтихор карда метавонем- мӣ? Самарқанд пеш аз ҳама ин маданият- мӣ? Маданияти баланд- а? О, муллоака гапатон дурусту лекин ман ба фонди шумо гуфтагӣ ин қадар ёрдампулӣ кунам, ба маданият ёрӣ дода наметавонам! Ман Морган не- ку! Чӣ? О мо пула хазони зери по барин намеғундорем! Барои як сумина фоида баъзан ба Сибир рафта шуша шамол хӯронда меоем, баъзан ба Туркманистон рафта дар чӯлаш бирён шуда меоем. Не, не муллоака, ман хасис не. Агар дар шаҳрамон боз ду-се нафар ширкатҳои барои адабиёту санъат дилсӯз мебуданд, ба фонди шумо гуфтагӣ ҳам ёрдам мекардам. Афсӯс, ки адабиёту санъата мефаҳмидагӣ ё кам мондааст ё бандаҳои  шиками худу киссаи худ зиёд шудаанд. Не, мебахшед, ман гадоҳои тамоми

оламро сер карда наметавонам. Мақсади ман- якта. Ин ҳам бошад, маданияти шаҳрама баланд бардоштан. Маданияти шаҳр баланд шавад, сайёҳ ҳам бисёр меояд, харидор ҳам зиёд мешавад. Сонӣ, худатон гӯед, ки агар маданият набошад, ҳамин шаҳр дару девори холӣ не-мӣ? Кучук аз одам чӣ фарқ дорад? Одам ба театр меравад, вале кучук не. Хайр, шумо мана фаҳмидед- мӣ? Не? Ҳамин қадар фаҳмондам- у.(гӯшакро мемонад) Уфф… ин чӣ хел тоифа- а? Ёрдам те, ёрдам те, ёрдам те! (занги телефон, мудир гӯшакро бардошта) Лаббай? Ҳа, шеф! Ёрдам кунем? О ҳозир бо ман гап зад, ман якта-якта ба вай фаҳмондам, ки мо ба Иттифоқи шоиру нависандаҳо ваъда кардагӣ, ки як мукофоти адабӣ бояд диҳем, сонӣ ба Иттифоқи ходимони театр ваъда кардем, ки барои беҳтарин актёрону режисёрони сол, барои асари беҳтарини драмматургӣ мукофот медиҳем. О ин обрӯи шаҳрамон- ку ! О, вай фонд метавонад пеши садта соҳибкори дигар раваду ёрдампулӣ рӯёнад. Не, не шеф, метавонад! Бо ин шилқинӣ, бо ин хел якравӣ метавонад. Не- мӣ? Ба ҳаминҳо диҳам? Ходимони театру адабиёт дар бораи мо чӣ хоҳанд гуфт? А? Майлаш, медиҳам,. шуд! (гӯшакро монда) Уфф...

ХӮСА (баъди дақиқае танаффус медарояд) Мана, мудирҷон. Чӣ тур?

МУДИР. Шакли зоҳирӣ бад не, ба манекен монанд. Акнун дар кунҷи ҳамин кабинети ман рост исто, ман руст мешавам ва тамоми рӯз мушоҳида мекунам, ки кормандони мағоза ба манекен будани ту бовар мекунанд ё не.

ХӮСА. Ин ҷо дар куҷо руст мешавед ?

МУДИР. Даруни ана ин ҷевони либос ё қуттии папирос! (ба даруни қуттӣ медарояд).

ХЎСА. Э, тавба, ҳақиқатан руст шуд-ку!

*Фурўшандазан дари мудирро тақ—тақ мекунад, садое ҷавоб намедиҳад, бо таҳайюр дарро мекушояд ва мебинад, ки мудир нест у манекене рост истодааст.*

Фурўшанда: Самад ака! Ҳой Самад-ака! Э, о ҳозир дар ҳамин ҷо буданд- у. Ин манекенро кӣ овард. Э, ин мудири мо дар рўзи равшан аз чашмат сурмаро барад, нафаҳмида мемонӣ. Ана ҳозир ин ҷо нишаста буд, сеҳргар барин ғайб заду ин манекен пайдо шудааст. Боз як манекене ки зиб-зинда барин. Вале чаро шиками ин манекен, нағора барин ба пеш баромадагӣ? Хаси даруни шикамаш дамидас- мӣ? Даруннтар тела дода мондан даркор. (мармари зери рангдонро гирифта ду-се бор ба шиками Хўсабой мезанад. Хўсабой чеҳра турш карда базўр аз додгўӣ худдорӣ мекунад.) Нашуд, шиками ин хўса резинӣ будас… бодаш бисёр.

МУДИР(сар бароварда) Ҳамин хел кардан гирӣ, бодаш аз бинеш мебароядё ...

ФУРЎШАНДАЗАН (ба хўса наздик шуда) Пуфф! Ин манекен ин қадар бадбўй. Аз пўсту мўи хук сохтанд- чӣ? Биё, як атр зада монам. Атри мудирамон- бисёр (аз мизи мудир одеколон гирифта ба таги бинии Хўсамард фиш-фиш мезанад)

ХЎСАМАРД (ба тамошобинон) - Мо ба хўрдан одеколон намеёбем—у...

ФУРЎШАНДАЗАН (ба шим нигоҳ карда) И-ие, ин шим калта- ку! Ин манекенро бо ин ҳол чӣ хел ба

витрина мемонанд? Ҳатман шимро иваз кардан лозим!

*Даст ба сагаки тасмаи шим мебарад ва сахт мекашад, Хӯсамард бо ду даст тасмаро сахт медорад/*

ХӮСАМАРД.(ба ҷониби тамошобинон бо фиғон). Худоҷон, худат нигоҳ дор.

МУДИР (аз ҷевон каллашро баровардa). Худо дигар кор надорад, ки ба банди эзорат қаровулӣ кунад?

ФУРӮШАНДАЗАН (бозистода) Касе гап зад- мӣ? (мудир каллашро дарун мекашад) Хайр, ин кора сонӣ мекунем. (ба дунбаи Хӯсамард дуру дароз нигоҳ карда як тарсакӣ мезанад). Дунбаи гӯсфанди бӯрдоқӣ шаву раве -- е. (ба дунбаи хӯса нигоҳ карда) Ин манекен не, балки палавхӯракҳои аз ин туй ба ин туй мегаштагӣ барин! Кордро гирифта камтар дунбаатро кам кардан лозим. Вагарна ба ин манекен шиму пиҷҷакҳои хориҷиро пӯшонидан душвор. Охир одамони аврупоӣ химчаи тар барин. Ина бинеда, ин қадар бесӯлӯқай! Лойи аз қолиб афтода барин. Корд дар куҷо буд? (ҳама ҷоро меҷӯяд) Хайр ин корро сонӣ ҳам ба фурсат кардан мумкин. Шавҳарам маро доим мезанад. Биё, аз хӯса қасосамро гирам. Ҳама мардҳо як хел, хоҳ ҷондор бошаду хоҳ беҷон. (чанд лагад ба пушташ мезанад) Мана ба ту! Мана ба ту! Ин барои ҳар рӯз маст омаданат! Ин барои ба чап рафтанат! Инаш барои маро беҳуда заданат! (тақ-тақи дар, аз рӯи миз "ракетка"-ро гирифта) Бо ин ба куҷояш занам?

МУДИР (сар баровардa ва ба тақлиди овози Хӯсамард) Ана акнун, худоҷон, худакат нигоҳ дор, гӯӣ мешавад.

ФУРЎШАНДА. Э, мон, бало ба паси ҳамин хўса. Боз ба бало намонам? Дар шўъбаамон харидор қатор шудагист. (фурўшанда ба шитоб берун меравад)

ХЎСАМАРД. Мудир- ака. Ҳўй мудир- ака.

МУДИР *Лўббўй.*

ХЎСАМАРД. Ин хўса шудан ҳам кори хеле вазнин будааст. Росташа гўед, дар як рўз чанд сўм медиҳед?

МУДИР Баробари як муаллим ё як духтур пул гирӣ, мешавад?

ХЎСАМАРД. Не, ако, о моҳонаи як актёри циркро ҳам зам кунед. Дар цирк масхарабоз аз ҳама зиёд пул мегирад.

МУДИР Масхарабоз, муаллим, духтур ҳунар доранд, илм доранд, понздаҳ сол шабу рўз хондаанд, ту бошӣ, ба ғайри як башараи хунукат чӣ дорӣ? Ин қадар гўшту равғанро гов ҳам дорад.

ХЎСАМАРД. Акоҷон, ман ҷисму ҷони худро фурўхта истодаам, озод худро фурўхта истодаам. Тамоми рўз худро байни костюми нав ҳабс мекунам. Галстук гулўямро мисли ресмони дор мефишорад. Ин қадар азобро на муаллим мекашаду на масхарабоз. Дигар ин, ки ба ҳар тариқ ман моли шуморо реклама мекунам. Тамоми фирмаҳои дунё ба реклама қисми зиёди даромади худро харҷ мекунанд.

МУДИР. Ў-- ҳў — ў… камтаракак ақлат кор мекардааст-ку. Содда- муғамбир менамоӣ.

ХЎСАМАРД Зиндагӣ- дия... Аз ҳоло пули нағз ваъда накунед, ман одами аноӣ не, ки барои чанд сўми нокироӣ рост истому ба ҳама таҳқир тоқат кунам.

МУДИР. Майлаш, камтар тоқат кунию аз санҷиш гузарӣ, баробари манекеншицаҳои намоиши мода ҳақ

мегирӣ.

ХӮСАМАРД. Мудирҷон, пул чӣ қурбе дорад? Бо шишаи арақ- ҳисоб кунед, се ё чор шиша?

МУДИР. Ў — Хуса-пиён- е, ду шиша- зиёд кардам, ба шарте, ки дар вақти кор ягон грамм ба даҳон намебарӣ.

ХӮСАМАРД. Мудирҷон, о Шуморо хеле ҳимматбаланд мегўянд- ку? Боз яктекак- а?

МУДИР (бокахр) Дигар як қулт ҳам зиёд намешавад. (тақ- тақи дар) Хомўш. Ҷим.

ФАРРОШЗАН (дарро кушода медарояд) Мудир нестанд. Дар набуданашон рўбу чин кунам. (ногоҳ чашмаш ба Хўса меафтад) Ин хўсаи булаҷабро кай овarданд? ғариб, ки зинда барин- е.. (дарро баста) Як либос иваз кунам. (дарро аз дарун қулф мекунад, Хўсабой ба ҳаяҷон меояд)

ХӮСАБОЙ. (ба тарафи тамошобинон рўй оварда бо овози паст). Худоё, худовандо, худакат нигоҳ дор!

*Фаррошзан ба кашидани либос шурўъ карда ногоҳ садои Хўсабойро шунида бозмеистад.*

ХӮСАБОЙ (чашмаш чалақ- палақ, ин дафъа баландтар). Худоё, худовандо, худат нигоҳ дор!

ФАРРОШЗАН (зуд домони куртаро поин карда) Чӣ хеле ки аз ҳамин хўсаи кўса шарм доштам. Ё гўшам садо дод- мӣ? Хайр, аз болои либосам хильатро пўшида кор мекунам, ҳаво ҳам чандон гарм нест.

ХӮСАМАРД (ба тамошобинон) Ана хўса ҳам шудем.

ФАРРОШЗАН Вақтҳои пеш фаррошӣ кори осон буд. Ҳамин сақичи ба ҳар куҷо часпида мемондагӣ набуд. Ҳозир таги пою рўи по пури сақич. Гўё ки тамоми дунё дигар кор надорад, ба ғайри сақич хоидан.

Хоидагеш хоидагӣ, хоидагеш хоидагӣ, ҳай хоянду мехоянд- е. *Лунҷҳояшона* варам кунонда мехоянд. Гов дар тамоми умраш ин  қадар кавша карда наметавонад. *Дандона* тоза  мекардас. Ҳай сафсатаи бисёр- е. Сонӣ семичка хӯрдагия бад мебинам. ғисир- қисир, қисир- қисир семичка мехӯранд. Сонӣ пӯчоқашро ба болои палоси патдор мерезонанд. Сонӣ палосро тоза кардан душвор мешавад. Сонӣ носкаш мӯл шудагӣ. Ин ҳам як намуди ифлосӣ. Гапа калта- кӯтаҳаш ифлосӣ зиёд шуда истодааст, укаҷон. Ба фаррош раҳмат нест.

*Фаррош хасрӯбаро бо белча гирифта ба болои мудире, ки даруни қуттии картон руст шуда менишаст, мепартояд. Банкаҳои холии пиво ва лимонадро низ аз болои  мизи мудир гирифта ба сари мудир мепартояд).*

ФАРРОШЗАН.  Замонҳои пеш вақти рӯбучин аз кӯчаву пасткӯча аз замин як сӯм ду сӯм пул меёфтем. Ҳозир бошад, як танга ҳам дар замин намеистад. Аҷаб замон шуд- а? Пеш вақт қадри фаррош чӣ қадар баланд буд!       Баъзан ҳатто орден ҳам медоданд. Агар духтари хушрӯякак бошию ба сардор маъқул шавӣ. Ин тараф он тарафро меҷунбондию сардора ҷиннӣ мекардӣ. Сонӣ маҳкам часпида мегирифтӣ. Ана сонӣ аз касби фаррошӣ халос мехӯрдӣ. Ана ман ҳам ба яктояш часпидам. Вай ҳам ҷавон буд, ман ҳам ҷавон. Сонӣ ман миёнасол шудаму вай ҳам миёнсол.Сонӣ як фаррошдухтари беҳаё ба вай часпид. Аз ман ҷудо шуду ба вай хонадор шуд. Фаррошдухтари беҳаё ягон рӯз ҳама пулу молаша рӯфта мебарад! Ба духтари ҷавони ҳабдаҳсола

пирхар чӣ даркор? Ҳозир ҳам ягонта намак карда мондагиаш будагист вай манҷалақия.

Эҳ, дар зиндагӣ қанчиқ  ин қадар бисёр шудагӣ, ки...

Э, шумо чаро шах шуда мондагӣ.? О Одамқоқ- мӣ? Э, э.. ин манекен- ку! Мани гӯлу гаранг бошам, ина одам гуфта ин қадар гап зада истодем. Хайр, акнун чангу чунги ин хоная тез исмоилдавон барин пок карда буромадан даркор.

*Латтаро гирифта ҳамма рӯи мизро пок карда ба назди Хӯса меояд.  Чанги остин ва китфи пиҷаки хӯсаро ҳӯпоқ зада тоза мекунад ва ба биниаш низ ҳӯпоқ зада мемонад. Баъд ба гӯши Хӯса низ ҳӯпоқ мезанад. Дар магнитофон мусиқии шӯх монда сатили обро гирифта рақсида ба об задан  сар мекунад. Вақте, ки ба ҷониби пои хӯсамард об мепошад, ӯ ногоҳ пояшро каме оқиб мекашад*

ФАРРОШ.  И- е, пояш ҷунбид- мӣ?

МУДИР  (сар аз қуттӣ бароварда ) Ҷунбон- ҷунбони ин хел зани хушрӯя бинад, санг бошад ҳам меҷунбад.

ФАРРОШ  Мабодо, дар ҳақиқат одами зинда бошад? Ё маро аҳмақ карданӣ- мӣ? Ин тавр бошад, санҷидан лозим. Биё, аз гиребонаш камтар об резам. (Графинро аз болои миз гирифта қул-қул аз сари Хӯсамард мерезад. Хӯсамард ба ин ҳам тоқат мекунад. )Дар ҳақиқат хӯса барин. Исто, исто, сарсӯзани гиребонамро кушода ба ҷои мулоимаш мезанам. (Ба дунбаи хӯсамард чанд бор сӯзан зада ба чашмонаш нигоҳ карда меистад).

МУДИР  Сӯзани ғафстар нест -- мӣ? Хайрият ин ҷо табар ё фона нест.

ХӮСАМАРД  Фисс...(каҷ мешавад)

ФАРРОШ Тешук шуд, маҳкам кардан даркор. (аз болои миз ширеш ва этикеткаи “Куррахар 8-сӯм”-ро гирифта ба дунба мечаспонад, фиссози мард барҳам мехӯрад, баъд насос оварда) Ин шлангро ба кучояш тиққонам? (ба дунба наздик бурда) Не, аз даҳонаш (ба даҳонаш монда насос мекунад, мард рост мешавад). Хайр, санҷишро давом медиҳем. Акнун ин сӯзанро аз пеш ба ҷои дигари нозукаш мезанем.

ХӮСАМАРД (ба ҷониби тамошобинон) Худоё, худат нигоҳ дор!

ФАРРОШ (ба чашмони Хӯсамард нигариста) Чашмонаш — бечо. Мабодо зинда бошад, маро зада мекушад. беҳтараш, ҳм...бехтараш. Аввал шер шудан даркор (аз даруни сатил шишаи виноро гирифта як истакон менӯшад)

ХӮСАМАРД (лаб лесида туфи худро фурӯ дода). Як чакра ҳам намонд- а.

ФАРРОШЗАН (берун рафта санги калонро базӯр бардошта меорад) Мана ин сангро ба болои пояш мепартоям. (санги калонро “таққӣ” пеши пои Хӯсамард мепартояд) хато рафт ! Ё пошро оқиб кашид? Агар нос мебуд, камтар ба биниаш метиқондам, зинда бошад, атса мезад.(ба рӯяш зеҳн монда) Ин қадар сурхию сафедӣ молидагӣ, ки ҷалабҳо барин. Ё аз ҳезалакҳо бошад? Ина камтар ба мард монанд кардан даркор. Муйлаб лозим. (киссаашро кофта истода) Дар киссаам пӯстаки “ланка”-и писарчаам буд. (аз кисса ланкаро гирифта мӯи онро ба ду тараф кашида, бо қайчӣ пусти гирдаи онро аз ду тараф бурида ба мӯйлаб монанд мекунад, баъд ширеш мекобад).

Дар мизи мудир ширеш буд- мӣ? Нест- ку. ҳеҷ гап не, ҳозир

амонат бо туф часпонда мемонем.

*Баъд ба пушти пӯст туф карда ба зери бинниии Хӯсамард мечаспонад. Мӯйлаб кач меистад. Нимаш болои даҳон. Хӯсамард нороҳат шуда лаб меҷунбонад, мӯйлаб меафтад.*

ХӮСАМАРД (ба тамошобин) Ин чӣ хел занак, ки лабро аз даҳон фарқ намекунад.

ФАРРОШЗАН. Хайр, мана. (туф мекунад ба пушти пӯсту боз як бор чарсӣ ба таги бинӣ мезанад, мӯйлаб меафтад) Мардак мебудӣ, муйлаб ба ту бе туфи ман ҳам мечаспид. Ин қадар крему упо молидагӣ, ки... Аввал лабу даҳонаша дурустакак тоза кардан даркор. Латтаи ҳоҷатхона тоза кардаам канӣ?

*Аз даруни сатил латтаи чиркини сип- сиёҳеро мегирад ва ба даҳони Хӯсамард наздик мебарад. Хӯсабой "киш-киш"гӯён мегурезад. Аз даруни қуттӣ хандида мудир мебарояд. Фаррошзан беҳуш мешавад. Мудир ба рӯяш об зада ба худ меорад.*

МУДИР (хандида) Хӯсабой! Ҳой, Хӯсабой! Нагурез, ин ҷо биё! Росташа гӯй, ягон ҳунар дорӣ ё не.

ХӮСА. Не, ака, гуфта будам- ку, ҳеҷ кор аз дастам намебиёд.

МУДИР. Ҳеҷ мумкин не, ки аз дасти одам ҳеҷ кор наояд. Ту ин ғазалата ба ман нахон. Ҳозир мана дидем, ки роли манекена ганда бозӣ накардӣ ! Дар мактаб ба маҳфили ҳаваскорон аъзо будӣ? Масалан, ягон чиз менавохтӣ ё рақс мекардӣ?

ХӮСА. Ҳа, ака, доира менавохтам. Рақс ҳам мекардам. Рақси шикастая нағз медонам.

МУДИР (бо хушҳолӣ) О, бале ҳоло ҳамин ҳунарат ба мо даркор. (тугмаи магнитафонро пахш карда ) Канӣ, зери ин мусиқӣ якта парто.

*Хӯса мерақсад. Мудир ба шавқ омада низ ғазалхонон ба рақс ҳамроҳ мешавад. Фаррошу фурӯшанда медароянду онҳо низ ҳамроҳ мешаванд. Мусиқӣ тамом мешавад, вале Хӯсамард дигар аз рақс бозистода наметавонад. Барои боздоштани ӯ ҳама баробар часпида зӯран ба замин мехобонанд. Хӯсабой ногоҳ ноҷунбон мемонад.*

ФАРРОШ. Эҳ, ба Хӯсабой чӣ шуд? Ҳатто нафас намекашад!

*Мудир гӯш ба синаи Хӯсабой мегузорад.*

ФУРӮШАНДА. Ӯ-- бечора- е, наход мурд- а?

ФАРРОШ. *Дилаш садо дорад?*

МУДИР. *Дилаш таблак мезанад.* (боз тугмачаи магнитофонро пахш карда) Давои ӯ — Мусиқӣ !

*Мудир, Фаррош, Фурӯшанда дар атрофи Хӯсамард мерақсанд. Аввал як даст, баъд дасти дигари Хӯсамард ба оҳанги мусиқӣ ба ҷунбиш сар мекунад. Сипас хеста ба рақс ҳамроҳ мешавад, ҳама даст ба дасти ҳамдигар дода, мерақсанд ва мудир ба тамошобинон нидо мекунад:*
---*Хусабойро табрик кунетон!*

---

## *Ш А Й Т О Н П А Р Ӣ*

(Мазҳака иборат аз чор намоиш)

Иштирокчиён:

Рассом — марди 25- солаи рищдор.
Зани рассом — аруси 23- сола.
Ҷонона ва фолбинзан — ҳар ду яке- маккораи муосир.
Савлат — хущдори Ҷонона.

Воқеа ҳамин рӯзҳо мегузарад.

*Мард нишаста газета мехонад. Зан аз кор меояд.*

МАРД. Имрӯз барвақт омадӣ?
ЗАН (палторо кашида ) Уфф… якам ин автобусҳо серодам, ки то ба хона мерасӣ, латта мешавӣ, барвақттар аз кор баромадам, ки зуд ба командировка тайёрӣ бинам. Баъди як соат поэзд меравад.
МАРД. Чаро димоғат сӯхтагӣ барин? О, ба командировка равӣ, ба дилат шамоли тоза мевазад, тамошо, одаму олама мебинӣ?
ЗАН. Ҳамту-ю… вале зан — одами хона, одами кӯча не. Агар ба сайру тамошо шавқ медоштам, геолог мешудам, на духтур.
МАРД. Ин ту нагӯй, ба духтур ҳам сайру саёҳат лозим аст, шукр кун, ки шавҳарат мардҳои дигар барин феодал нест. Командировкаи ту, гӯё, ки командировкаи ман. Ба дили ту ҳавои тоза вазад, ба

дили ман ҳам мевазад. Бовар кун, агар як фармоиши таъҷилӣ намебуд, ҳатман ҳамроҳӣ мекардам. Вале як нақшаи эҷодиро ҳатман амалӣ карданам даркор.

ЗАН. Агар махфӣ набошад… нақшаи аҷиб будагист?

МАРД. Ҳа. Мехоҳам дар байни ифлосиҳо як гули зебои нафисро нишон диҳам. Ҳамин хел тасвир кардан мехоҳам, ки зебоӣ, нафосат, хушрангӣ, фурӯзонии он гулаки танҳо тамоми ифлосиҳои дунёро пахш мекунад, ба нестӣ мерасонад. Яъне ифлосиҳо тиратару хиратар гардидаанд. Дар осмони пурабр бошад, байни абрҳо як равзанаи хурде пайдо шудааст. Гӯё нури илоҳӣ аз он равзана гулаки танҳоро қувват мебахшад.

ЗАН. О — ҳо… дар наздаш булбули ошиқи зорро ҳам кашед. Вале ба ҷои каллачаи булбул каллаи худатонро тасвир кунед. Боз ҳамон гулак гулаки заҳрнок набошад.? Байни партовҳои заҳрноки корхонаҳои шаҳрӣ рӯидагӣ бошад, албатта заҳрнок мешавад. Як бор бӯй кунед, тамом.

МАРД. Албатта, барои тасвири чунин гул образи ягон духтари софдил, меҳнатӣ, хушрӯйро пеши назар доштан лозим. Ҳатман ягон духтар даркор. Вале ҳозир ин хел духтарро ёфтан вақти бисёр мехоҳад. Беҳтараш ман ягон натурщицаро даъват мекунаму образи бадиро дар симои зебоӣ тасвир мекунам. Охир шайтону аҳриманҳои замонавӣ чунон хушрӯй, хушсарулибос шудаанд, ки ...

ЗАН. Ман гуфтам… шумо хабари ба командировка рафтани маро шунида, хеле хурсанд шудед. Чашмонатон оинача барин дурахшид. Дар кунҷи

лабатон табассуми ноаёне пайдо шуд.
МАРД. Оббо... Ман ба нияти нек гап занам...
ЗАН. Наранҷед, вале ҳар бор, ки ман ба командировка равам, ба хона натурщицаатон пайдо мешудааст.
МАРД. Ин гапа ба ту кӣ гуфт? Ҳамсоя? О рассому ҳайкалтарош бе натурщица кор карда наметавонанд, вале ман ягон бор ба хона наовардаам. Ин бӯҳтон аст ва ман бояд донам, ки сарчашмаи ин дурӯғ аз куҷост.
ЗАН. Аз чашмони худатон. Вақте ки натурщица гуфтам, чашмонатон фурӯзон мешавад.
МАРД. Зан ин зан, натурщица ин натурщица. Ту занак инҳоро ба ҳамдигар омехта накун. Медонӣ, ки мо аз зану духтарони ахлоқан ковок натурщица интихоб намекунем. Вагарна ҷои ҳамаи мо рассомон бемористони касалиҳои унхелин буд.
ЗАН. (ба соат нигоҳ карда) Эҳ, мардакҷон, саргарми машмаша шуда вақтро анча бой додам, акнун кӯмак кунед, ҷомадонро пур кунем.
МАРД. Ҳозир.

*Мард зуд аз дар баромада бо собуну дандоншӯяку сачоқи тоза бармегардад, ҷомадонро мегирад. Занак якбора либосҳоро ба ҷомадон андохта қулф мекунад/.*

ЗАН.(ҷомадонро бардошта) Хайр, ман рафтам. Агар ягон мақом кунед, ришатона якта- якта меканам.
МАРД. То вокзал гусел кунам?
ЗАН. Не, вокзал наздик. Худам меравам. (меравад)
МАРД. Хайр, баъди он ки расидӣ, дарров телефон кун, ки дили ман тинҷ шавад.

САДОИ ЗАН. Хуб шудас

МАРД. Оббо... Ин зан маро танҳо гузошт. Зан — ин ГЭС. Ман — чароғаки барқӣ. ГЭС кор кунад, лампочка дар мегирад. (назди телефон омада, рақамҳоро мечинад) Алло, ин Нора- мӣ? Ҳоло вақт надорӣ, як назди ман рост ба хона биёӣ? Занам? Ҳозир ба командировка рафт. Агар меомадӣ, ман аз ту анча энергия мегирифтам. Ноз накун.Ба дарстайёркунӣ ҳам вақт меёбӣ. Медонӣ дар хонаи ман чӣ ҳаст? Шоколод, мармелод, асал, конфети "Шири мурғ"... Хайр, зуд биё. (гӯшакро бӯсида мемонад) Ин гулмоҳӣ танҳо ба ширинӣ дил бохтааст. (рӯи миз як табақча шоколад мемонад ва газетаро гирифта, ба қироати он шурӯъ мекунад) Дина гражданин Энро завҷааш дар ҷои кораш бо маъшуқааш дастгир карда як даста мӯи маъшуқаашро канда гирифтааст. Ё тав-ба... Одами хом будаст ин рафиқ ЭН. Дар ҷои кор- а? Хеле эҳтиёткор будан даркор. Дарахти макри зан сад реша дорад, Фалак аз дасти зан андеша дорад.

*Садои занги дар*

МАРД. (дарро кушода) Омадӣ, ҷони акош? Тез даро!

(дарро қулф мекунад) Барқ барин расидӣ!

ҶОНОН. Воқеан то хонаи шумо ҳамагӣ ним дақиқа роҳку?

МАРД. Ва аз ин дил то ин дил (даст ба синаи Ҷонон мебарад, ӯ худро оқиб мекашад) як ваҷаб.

*Ваҷабашро кушода бо ҳамин ваҷаби кушода мегардад.*

*Баъд дар назари тамошобинон бо дасти дигар ангуштонашро чанд бор ҷамъ меорад, вале онҳо боз кушода мешаванд.*

МАРД. (худ ба худ) Ҳеҷ гап не, антеннаҳо рост шуданд, ягон мавҷи зӯрро қабул мекунанд.

Ҷонон! Ҳамин дасти мана дуруст кун!

ҶОНОН. Ҳозир! (ангуштонашро қат мекунад)

МАРД (дасти Ҷононро бӯсида). Фидои ин ангуштони зебои шифобахш шавам. Вақт кам. Медонӣ- а барои чӣ ман туро даъват кардам?

ҶОНОН. Кам- кам.

МАРД. Ма. Даҳоната ширин кун. (шоколадро мемонад) Чой ҳам менӯшӣ? Вале ба чойнӯшӣ вақт нест. Дар хотимаи кор унхелин ҳам мешавад. Коняк менӯшӣ ё шампон?

ҶОНОН. (ба даҳонаш шоколад андохта) Ҳеҷ кадомаш. Воқеан ман духтари хушахлоқ !

МАРД. (ба тақлид) Хуш-ах-лоқ... *Либосро каш,* хушахлоқ.

ҶОНОН. Воқеан ман ҳеҷ гоҳ дар пеши марди бегона *либос накашидаам.*

МАРД. Кӣ бо *либос оббозӣ кардааст?* Каш!

ҶОНОН. Аввал душ кунам?

МАРД. Душа ман мекунам, ба нури ту.

ҶОНОН. (*либоси рӯро мекашад*) Мана, шуд.

МАРД (ба паси молберт гузашта дар даст мӯқалам дуру дароз нигоҳ мекунад) Пайкари оличаноб, ҷони акеш. Вале ин сабилмонда изоляторҳо — деворҳои бетонӣ! (молбертро *лағжонда* наздик овардан мегирад, сонӣ аз таги сепояи молберт ба пойҳои

Ҷонон нигоҳ мекунад)

ҶОНОН. Шумо чӣ кор карда истодаед?

МАРД. Позиция мекобам. (рост хеста курсӣ меорад, дар паси Ҷонон монда аз болои курсӣ ба синаҳои ӯ назар мекунад) Нашуд! Болои ана ин миз бурою рост исто. (Ҷонон мебарояд).

Бузаки ҷингилапо,
Боли сандалӣ буро,
Аз думакат қайчӣ кунам,
Аз нӯлакат муччӣ кунам.
Аз нӯлакат ммм...

Не, ин позиция нашуд. Шину доманатро боло кун, энергияро либос гузарониданӣ намемонад. (паси молберт меравад) Не, нашуд. Энергия ба ман наомада истодааст. Либосҳо ин деворҳои бетонии ҳабсхона ҳастанд. Вақте ки тани инсонро аз ин ҳабс озод кардем, баъд дар озодӣ гул- гул мешукуфад. Каш!

ҶОНОН. Не! Ҳабсхона мегӯед, изоратор мегӯеду фанду фиреб мекунед. Воқеан айбу шарм ҳам чизи хуб.

МАРД. Ту тасаввур кун, ки офтоб ҳастӣ. Офтобро бо доман намепӯшанд. Аз ту бояд ҷониби ман нур ояд, нур!

ҶОНОН. Воқеан, як Дон-Жуан “офтобаки ман, офтобаки ман” гуфта духтари ҳамсояро фиреб кард, ҳоло шиками он бечора ана ин қадару Дон-Жуан гум. Беҳтараш ман рақси арабӣ мекунам, шумо дар ҳамин ҳолат кашед.

МАРД. Ин хел ман сурат кашида наметавонам. ту тани худро аз ҳабс озод накардаӣ.

ҶОНОН (аз миз поин фуромада) Майлатон. Ман

меравам. Ягон натурщицаи ҳақиқиро даъват кунед.
МАРД. Ҳой, исто, ман барои як соати сеанс дусад сўм медиҳам.
ҶОНОН. Пула ба сарам занам? Ору номус аз пул қиматтар.
МАРД. Касе номусатро доғдор карданӣ не. Ту ягон бор натурщица набудӣ, барои ҳамин шарм дошта истодаӣ. Биё ин тавр мекунем. Ман чашмамро баста то панҷ мешуморам. Ту дар ин вақт либос мекашӣ. Шуд? Сар кардем.(чашм баста) Як.(як қадам ба сўи Ҷонон мемонад) Ду. (қадами дуюм) Се. (қадами саввум) Чор. (қадами чорум) Панҷ. (қадами панҷум ва чашмбанд аз чашм мегирад, Ҷонон бошад, бо ҳамон либос ва дар зери бинии мард мушти Ҷонон. Ҳамин вақт садои занги дар баланд мешавад.)
МАРД. Ким- кӣ омад, зуд зери кўрпа руст шав.

*Ҷонон шитобон зери кўрпа медарояд. Мард дарро мекушояд, завҷааш бо ҷомадон медарояд.*

ЗАН. Ба истгоҳи автобус расида будам, ки директор бо мошинашон омаданд. Гуфтанд, ки командировка ба ҳафтаи оянда мононда шуд. Гашта омадам. Шумо зуд дара қулф кардед? Ман як даст шўям.

*Зан ба ванна меравад.*

ҶОНОН (каллаашро аз кўрпа бароварда) Воқеан акнун ман чӣ кор кунам?
МАРД. Ҷим шин, ту — ҳайкал. (як пои гачиро зери кўрпа назди пояш мемонад ва як дасти гачиро низ)

ЗАН (баргашта, бо сачоқ дасташро поккунон) Э, ин кӣ?
МАРД. Кӣ кӣ?
ЗАН. Ин занак аз куҷо пайдо шуд?
МАРД. Ин натурщица.
ЗАН. Натурщица болои миз ё курсӣ худро намоиш медиҳад. Ин магар дар зери кӯрпа намоиш медиҳад?
МАРД. Ин вобаста ба чӣ хел мавзӯъ. Мавзӯи расми ман зан дар ҳолати хоб аст.
ЗАН. Ман гуфтам, чаро ин манҷалақӣ чашмашро намекушояд?
ҶОНОН. Худат манҷалақӣ ! Ин кори ман; ин нони ҳалоли ман.
ЗАН. (бо тақлиди масхараомез) Ин нӯни ҳалӯли ман! Э мур, агар нӯни ҳалӯлатро дар ҷогаҳи ман ёбӣ!
МАРД. Ҳӯй занак, одами нағза таҳқир накун!
ЗАН. Ман медонам ин нағз ҳоя! Медонам барои ту куҷои инҳо нағз! Канӣ хез! Хез, мегӯм!
ҶОНОН. Рассом ака хез гӯянд, сонӣ мехезам. Воқеан ҳар сонияи ман — як сӯм.
ЗАН. Нахезӣ, бо зурӣ мехезонам. (аз дасти гачӣ мекашад, баъд аз пои гачӣ мекашад. Сонӣ аз парики ҷингилааш мекашад, парик ҷудо мешавад) Э, ҳама ҷои ту сохта- ку!? (ба ҷониби шавҳараш) Ту ба ванна даро, ман аз болояш кӯрпаро мегирам.
МАРД. Ин- бешармӣ ! Ин- нафаҳмидани санъат !
ЗАН Занҳоро луч карда тамошо кардан санъат- мӣ?
МАРД. Ҳӯй, занак! Ту санъатро мефаҳмӣ ё не? Ман ба корҳои ту дахл намекунам- ку! То бемор либос накашад, онро муоина карда метавонӣ?

ЗАН. Вале ба таги кӯрпаам оварда муоина намекунам.
МАРД. О ин санъат аст, занак!
ЗАН. Агар санъат бошад, чаро ягон бор натуршикро намеорӣ. А, чаро сурати мардакро намекашӣ? А?
МАРД. Мардак мавзӯи ман не.
ЗАН. (чанд тор риши рассомро канда) Ман рафтам, шин дар ҳамин хона бо мавзӯи дилбохтаат. (ҷомадонро бардошта дарро зада меравад)
ҶОНОН. Акнун чӣ мешавад?
МАРД. Як- ду ҳафта дар хонаи падараш қаҳр карда мегардад, сонӣ рафта гирифта меорам. Доим ҳамин хел.

*Ҷонон хеста зуд либос мепӯшад.*

МАРД. О, ҳа?
ҶОНОН. Ба ман (ба либосаш ишора карда) ҳамин деворҳои бетонӣ хеле мефорад.
МАРД. Набошад, чаро телефон кардан замон давида омадӣ?
ҶОНОН. Гумон кардам, ба ягон масъалаи ҷиддӣ даъват мекунед. Вале аз ман тамошокаду сохтан хостед.
МАРД. Хайр, рав! Рав! Як дари бастаю сад дари кушода!
ҶОНОН. Медонем, дарҳои кушода чӣ хел? (ду се тор ришро канда, дарро зада меравад)
МАРД. (аз қафои ӯ) Ҳеҳ. Илоҳӣ ба дандонковӣ чӯб наёбӣ!
ҶОНОН. (баргашта аз дар сар халонда ) Ту илоҳӣ ба

гўштхўрӣ дандон наёбӣ. (мард гўшакро гирифта телефон мекунад)
М Алло ин Нора- ми? Нав телефон кардам, набуди? Дар устохонаи донишкада буди? Ба донишчуён намоиш доди?
Хама энергияро ба онхо бахшиди? Монда шуди?
Хайр, дам гир. Як сеанси яксоата барои ман лозим. Нарх мисли пештара. Чи, нархро дах баробар зиёд карди!?
Сад баробар! Э- хе ту аз шохасари Микеланчело хам кимматтар шуди- ку? /Дилашро капида ба замин мешинад/.

## П А Р Д А И   Д У Ю М.

Хонаи   фолбинхола.

Фолбинхола дар чашм айнаки сиёх чой нушида нишастааст.
Зани рассом: /даромада/ Ассалом фолбинхола, мумкин- ми?
Фолбинхола: Ваалайкум, мумкин. Дароед, духтарам, дароед.
/Зани рассом мешинад/ Кани гап занед, духтарам, аз кучохо мешед?
Зани рассом: Аз гузари Некобод.
Фолбин:- Некободихо одамони нагз.Онхо ба деву парихо бовар доранд. Ба пеши ман бисёр меоянд. Ман чигили бисёр мушкилотошона кушода додаги. Пеш вактхо, замони кадим некобод нею Ачинахона мегуфтанд. Сони дар замони совети номаша Некобод монданд. Некобод мондан кати ачинахо нест шуданд- ми? Харгиз! Одамхое, ки ба катори чину албасти медароянд, ки сиёхдилу захру зукум!

Мебинам, ки духтарам. Гаматон бисёр. Як сиёхи зер карда омада истодааст. Хамун сиёхи лаънати шумоя ноором карда истодааст, зеро осоиши шумоя гум кунондас.

Зан:- Э холачон- е! Чи хел шумо хамабин. Таги дилама дида истодаед! Хакикатан хамин хел! Сад фоиз рост мегуед! Хамин гуед шавхари ман хеч аз хамун занхои хушру дил канда наметавонад. Факат кораш хамин, ки занхои хушруйро ёфта, либосашонро кашида дар чои кораш тамошо мекунад.

Фолбинхола: - Иби, иби, ё астагфуруллох, ин хел мардак хам будас- дия. Маълум, маълум. Дили шутона аз шумо хунук кунондаги. Дар акси хол чаро як зани чавони хушруяки нозанини гул барин тару тозаи худаша монда ким- кадом манчалакихои харома тамошо мекардас. Инча духтарам дасти ягон чодугари гарму хунук мекардаги хаст. Ха, бовар кунед. Шутона бо даму дуо аз шумо пиряхи Актарктида барин ях кунондаги. Хамту кардаги, ки агар ба шумо нигох кунад пеши чашмаш пардае пайдо мешаваду шумо чалочинкампир барин менамоед. Хамту ба як манчалаки нигох кунад, хамун манчалаки фариштаи офтоби тобон барин менамояд.

Зан: Лабатонба асал, рост мегуед. Дина ман командировка равон шуда, ба куча бароям, баъди панч дакика бозгашта ба хона оям, аллакай хамун манчалакии шумо гуфтаги таги курпаи ман хобидааст.

Фоглбин: Ана, нагуфтам? О ман медонам, ки мегуям- дия, мегуям, ки медонам- дия.

Зан: Як дурустаакак фол кушоед, холачон. Ман худам бинам, кани кадом душманам ин корхоро карсодас.
Фолбин: Ман ба шумо душманатона нишон наметиям. Агар хар каса душманаша нишон медодам, ин чо имруз кати шумо гап зада намешиштаму дар лахад мазза карда мехобидам.
Зан: Душманама нагуд хам майлаш. Лекин бинед, ки чи корхо карда карсоден, то ки мукобили фитнаи онхо ягон чора бинам.
Фолбин: Ин хел фолхо бисёр кимат- дия чонам. Пулатон мерасад- ми, мегуям?
Зан: Чанд пул, холачон? Нархатона гуед.
Фолбин: Келинчаки ёш, навхонадор, ки будед, ман аз шумо мул не, нисфаша мегирам. Панчсад тед, мешавад.
Зан: Вайй… Ин кадар киммат, холачон?
Фолбин: Кимат не, арзон. Ман ба шумо доллао не, сум тед гуфта истодем.
Зан: Хайр, майлаш. Як дурустакак бинед. Хама икир- чикираша бинед.
Фолбин: Албатта. Хафт кабати замина тагаша мебинам. Хама азизу авлиёхо, парихо, малоика ба ман ёрдам мекунанд. Ана вай косаи обро дихед. /зан косаи обро дароз мекунад. Фолбин ба даруни косаи об як тангаи зард партофта ба зан ишора мекунад, ки “пула те”. Зан бандчаи пулро медихад. Фолбин ба суръати тез пулро шумурда байни синабандакаш метикконад/ Ана акнун кувваи ман зиёд шуд.
Аузу биллохи минашшайтони рачим,
Бисмиллохир- рахмонир- рахим-
Камар бастам ба номи шохи Мардон,

Дили гамноки моро шод гардон
Ё Хуча рушнои рохам равшан намо,
Хучаи Хизр бишав рахнамо.
Ё шохи Зиндаи Куссами горпанох,
Ё ёздах Ахмади мурсали чонфидо.
Ё Хучаи Нисбатдор нисбаташро дор,
Ё бобои Дехкон ризку рузи барор.
Ё Чупон Атои рамабон, барори кор.
Ё занги Атои подпбон шавед гамхор.
Худочонам- хаёт тед, хочаташро барореd,
Ба муродаш расонед, дардакаша мононед.
Хотираша чамъ кунед, дилаша бегам кунед,
Аламаша кам кунед, сари душмана хам кунед
Хуш духтарам номатон чи буд?
Зан: - Номи шавхарам?
Фолбин: - Ха.
Зан: - Запгиев.
Фолбин:- Фомилаш не, номаш.
Зан: - Хайри – ака.
Фолбин –Синнашон?
Зан: - Миёна.
Фолбин: - Аникаш?
Зан- Таги си ё чил.
Фолбин – Касбашон?
Зан – Суратгири
Фолбин – Вайй…
Зан – Чи – ба “вайй” мегуед?
Фолбин – Суратгирхоя чини худашон хаст. Омада вакти фолбини халал мерасонанд.
Зан – Чини охо набуд – ку.
Фолбин – Хаст номаш – Бадзотпари.
Зан: Бехзод?

Фолбин – не, Бадзотпари. Бехзод – пирашон.
Зан – Хайр акнун  чи кор мекунем?
Фолбин – Пула ду карат зиёдтар кунед. Боз панчсад.
Зан – Хайр, майлаш, метияд, фолбин онро низ ба синабанд метикконад.
Фолбин:
Хайричона фолашон,
Шуяшону молашон,
Корхои пинхонашон
Фиреби шайтонашон
Орзуву армонашон
Ишки дилу чонашон
Найранги дустонашон
Душмани пинхонашон
Хайрия такдираш
Кам нашавад шираш
Дар кушодани сираш
Мадад кунад пираш
(Фолбин пахтаро дар гиронда болои оби коса мепартояд)
Аз ин чахон ба ун чахон
Аз ин замон ба ун замон
Даре кушо эй паричон
Нишон бите сирри чахон
Э чизе наменамояд. Паричона аввал хурсанд кардан даркор. Сони нишон метияд. Кани, духтарам як ракс кунед, паричон хурсанд шуда такдиратона душманатона нишон метиед. Сар кардем, Чум, Чум- чахала, чум- чахала, ин шайтони ноинсоф сар ба корам мехала. (такрор). (Баъди ракс ба сари косаи об омада).
Ана, ана намоён шуд! Э- хе… душманатон чудо хам

мул, духтарам. Байнашон ягонта хам мардак нест. Хамааш чавонзан. Як билис дар рушон сурхию сафеди молидаги. Хамааш пари барин нозанин. Лекин хамааш- шайтон. Ё ки дар мактаби шайтонхо хондаги. Ман инхоро чи кунам, духтарчон. Инхоро кушта нашавад, аз рох гардонда нашавад. Ман намедонам ба шумо чи маслихат дихам?
Зан: Ба коса наздик рафта ман хеч чизро надида истодаамку?
Фолбин: Ба чашми шумо наменамояд. Агар ба чашми хар кас менамуд, хама фолбин мегардид.
Зан: - Ман чи кор кунам, холачон, маслихат дихед.
Фолбин: Дили шавхаратона ба худатон гарм кунонеду ба дигар занхо хунук кунонед.
Зан: Холачон шумо гарму хунук карда метавонед-ми?
Фолбин: Метавонам, лекин намекунам. Ин кори нагз не. Кори хатарнок, фахмида монанд, чор мех мекунанд.
Зан: Ман ба хеч кас намегуям, холачон. Байни худамон мемонад.
Фолбин: Пулатон намерасад. Барои гарму хунук, хар хафта барои чил нафар чину ачина дастархон карданам даркор.
Харочоташ- калон.
Зан: Шумо рози шавед, ман шумоя рози мекунам. Гап болои пул- ба намонад.
Фолбин: - Майлатон, одами нагз, ки хастед, дилатон, ки соф, ниятатон нек, бо максади вайрон нашудани оилаатон ман- тайёр. Буроред!
Зан: Мана, холачон, мондагиаш хамин кадар! /Як бандча панчсумаро пешаш мемонад/

Фолбин: Намешавад.
Зан: - Дигар пулам нест.
Фолбин: - Халкаю ангушттаринатона хам болояш монед.
Зан: /халкаю ангуштаринро кушода монда/ Мана, холачон. Шавхарама дилаш ба ман гарм шаваду хамун духтархои манчалаки ба чашмаш ачина барин на- моянд шуд!
Фолбин: Аввал гарм кунам ё хунук?
Зан: Аввал дили шавхарама ба хамон манчалакихо хунук кунед.
Фолбин: - Хозир маан як коса оби яха аз яхдон биёрам./мераваду бояк табакча мавизи сиёх, бо як коса об ва се нукча меояд. Як нукча сиёх, якаш алобуло, дигараш ним зарду ним сурх/
Фолбин: духтарам, шумо ягон чизи шавхаратона бо худатон овардед- ми? Барои гарму хунук эзор, куртаи таг, руймолча лозим.
Зан: Куртаю эзорашона наовардем. Лекин дар сумкачаам руймолчаашон буд.
Фолбин: Мешавад. Гиреду руи дастархон монед. /Фолбин нукчахоро гиронда мегуяд/ Сони мавизи сиёха фаромуш накунед. Аз ин мавиз шавхаратон хурад, хама маъшукахояша аз ёдаш мебурорад.
Зан: Худо  накарда ба мардиаш таъсир намекунад- ми?
Фолбин: натарсед. Ба саломатиаш таъсир намекунад.
Зан: - Мана аз ёдаш намебурорад- ми?
Фолбин: - Шумо маъшукааш- не- ку! Ё маъшукааш- ми? Хастанд хамин хел мардакхо, ки бо занхошон маъшука барин зиндаги мекунанд.

Зан: - Не ин хел нею лекин ман ун каса нагз мебинам. Ун кас хам мана нагз медиданд.
Фолбин: - Хама занаша нагз мебинад. Дар вакти чавонӣ. Сонӣ, охиста-охиста аз зинахои норбон поин фуромадагӣ барин ба таххонаи хунук даромада мераванд.
Зан: - Хайр, чизе ки шуд. Сар кунед, фолбинхола.
Фолбин (дойра зада) : - Ё ханнон, ё чаннон, ё дайён!

Ё пирхон ё чурчони каландӣ.
Дахону бинию пешу пушти
душманхоя бандӣ!

Хайронпарӣ, сарсонпарӣ, дидбонпарӣ, авлонпарӣ, алавмонпарӣ, яхдонпарӣ, шайтонпарӣ, чулпонпарӣ, курбоккапарӣ, гумномпарӣ! Ё албастию хайвастӣ! Ё деву чини гулмастӣ! Натарс зи рохи пастӣ!

Хозир шавед, нозир шавед, кохир шавед, зохир шавед. Душманхои ин духтарама хобаша парронед, рохаша бандонед, сараша гардонед, замини таги пояша сузонед! Омин!

Шуд. Акнун гарм мекунем. (Фолбин руи сурфа як куттӣ чои фомил, кахва, шоколад, навот, хазориспанд гузошта мегуяд): - Вакти рафтан наботу чои фомилро гирифта мебареду аз хаминхо ба шавхаратон мехуронед. Сар кардем:

Максадпарӣ хозир шавед.
Рухсатпарӣ хозир шавед.
Кокопарӣ хозир шавед,
Хоконпарӣ хозир шавед.
Абдурахмоншохпарӣ хозир шавед,
Кулохпушон хозир шавед,
Маллапушхо хозир шавед.

Дардакаш-ба даво кунед.
Гуфтагема ичро кунед.

Дили он марди дилсардро ба ин зани муштипар ( бо ангушт худро нишон медихад) гарм кунед, аз доманаш сабз кунед. Хамин кадар гарм кунед, ки аз хамдигар то охири умр чудо шуда натавонанд! Охана бо охан кафшер кардагй барин пайванд шаванд! Омин!

Духтарам, мана ин румолчая ба кисаи шавхаратон андозед, аз ин мавизу ин навоту чои фомил хуронед, ин хазориспанда дуд кунонед, Худо хохад хама максадатон ичро мешавад.

( Парда )

## ШАЙТОНПАРЙ

Пардаи саввум

Мард (телефон мекунад): Алло, ха бибимулло, шумо нагз-мй, муллоамакам нагз-ми? Рахмат, рахмат. Кор карда гаштем. Бибимулло, аспи хонуми ман хамунчо-ми? Холо хам аз аспи газаб нафуромадас? Чй гуфт? Канй гуед, ки чй гуфт? Хайр, худатон гуед, корамон хамина талаб кунад, мо чй кор кунем? Вакте ки як асари мана ба чанд доллар мехаранд, инаш мефорад. Вакте ки барои ин асар як натурщица пеши ман соатхо луч истоданаш даркор, инаш ба ун кас намефорад. Намефорад хам гап-ми? Чунон магал бардошт, ки… Не, не вай духтарак хунук хурдам, як дам гарм шавам гуфта ба таги курпа даромад. Ман дар таги курпа набудам-

ку? вакте ки духтаратон даромад, ман дар паси сепоя истода сурат мекашидам. Либосам дар танам буд. Рост мегуед, агар ун хел корхоро кардан хохем, имконият хеле бисёр. Вале ин кора дар устохона, дар хона ё чои кор ягон одам хеч гох намекунад. Баракати кор мепараду хона ба нахс мемонад.

Ха, бале! Хайрият шумо хастед, ки дили мана мефахмед. Ха, тез фурсонед. (худ ба худ газал хонда сурат мекашад)

Зан (даромада) : - Ха-а, бе ман рузатон нагузашт-ми? О хамун таннозхона  чег занед намешуд, ки чой-пой дам карда тияд?

Мард: - Мана, ба мобайни кор лагад задӣ. Натурщицаи арзон кахр карда рафту ба киматаш пул намерасад. Вокеан пулхои чамъкардагет канӣ? Дина мукофотпулӣ гирифтам гуфта будӣ.

Зан: - Сарф кардам.

Маникюр, педикюр, причёска, о мо занхои замонавӣ аз натурщицахо баднамотар шавем, шавхархо гурехта мераванд!

Мард: - Ту худата ба натурщица мукоиса накун. Натурщица ин натурщица, хамсар ин хамсар. Якта кахва ё чойи сиёхи хиндӣ дам кун, аз афташ фишори хунам боз поин шудагӣ, пешониам дард карда дасту поям хунук мехурад. Ман нав дар болои плита чойникро монда будам, кайхо чушидагист.

Зан: -Хозир. (Чой дам карда меорад ва аз сумкачааш наботу хазориспанду руймолчаро мебарорад.) – Ин руймолчетона гирифта будам. Мана, гиред. ( ба кисаи мард метиконад. Чойро бод кашида як пиёла чой дароз мекунад. мард чойро гирифта бо руймолча  бинӣ пок мекунад.)

Мард: (ба паси миз нишаста) –Занак, бе натурщица кор пеш нарафтосас, мачбур, ки худат луччак шуда рост истой.
Зан: (бо ноз) – Майлаш. Истодан мегирам-дия. Ман - натурщица.   Шарм намедоред-ми, охир одамхо фахманд, чй мегуянд?
Мард: (чойро хурт кашида) – Кахва хам даркор барин.
Зан: - Чойи сип-сиёх, наввот андозед, зуд фишора мебардорад. Хамин хел гарм мекунад, ки…
Мард: - Кахвая те. ( Ба пиёла наввоту кахва меандозад.) – Ана акнун мебардорад… Аммо чаро муйхоям антенна барин рост мешаванд?
(Занги дар. Занак дарро мекушояд. Натурщица Чонон медарояд.)
чонон: - Медонед-чи, вокеан ман фикр кардам, ки кахр карда вокеан рафтори нодуруст намудам. Вокеан , бахшиш пурсидани омадам.
Зан: - Парикдата фаромуш карди, вокеан?
Чонон: -Ха, вокеан.
Зан: хамин мардака камтарак нагз дида монди, вокеан?
Чонон: Одами эчодкора духтархо нагз мебинанд. Медонед, онхо ба дигарон монанд не. Онхо шоирхо барин дар осмон байни фариштахо мегарданд. Вокеан худашон дар руи замину хаёлашон дар байни фариштахо сайр мекунад. Вокеан, инхо одамони бихишти. Барои хамин ба кадри инхо расидан даркор.
Зан: У кадршинос-е. Вокеан кадршинос.
Чонон: Вокеан агар ман ба кадри ин кас нарасам, шумо ба кадри ин кас нарасед, одами эчодкор

вокеан нозук мешавад, ресмона  гирифта худаша меовезаду аз ману шумо барин вокеан ба як пули пуччак намеарзидагихо худаша халос мекунад.
Зан: Ки ба як пули пуччак намеарзад?!
Чонон: (тарсида) Вокеан, ман.
Зан: Ана хамту.
Чонон: (рафтани мешавад) – Хайр, набошад ман меравам.
Зан:  Исто. Ба омадан омадӣ, як пиёла чой нануши, ман аз ин хона баромадан намемонам. Ягон кас аз ин хона бо дахони хушк берун нарафтас… Шин гуфтам!
Чонон: ( нишаста) – Вокеан, нишастам.
Зан: (бо зарда)  Вокеан мешини. Вокеан хоб мерави. Вокеан хамин чо пояката дароз мекуни…
Чонон: Поякама дароз мекунам? Вокеан пойхои дарози хушру дорам. (доманро бардошта нишон медихад)  Ана...
Зан: Доманата поин кун , бехаё…(масхара мекунад) Пойхои дарози хушру дорам… Шутурмург нашуда мур.
Чонон: Худо агар мана хушру офаридаги бошад, гунохи ман чи? Барои чи мана хушру офаридаги? Барои он ки ба ана хамин хел санъаткорхо илхом бахшам.
Зан: Вокеан ту мург, вале мокиён.
Чонон: Шумо одама тахкир накунед. Ин кори гунох. Дар одам факат тарафхои некро дидан даркор. Вокеан камбуди кобед, аз ин дунё даст шустан лозим. Вокеан худо ин дунёя бе камбуди наофаридас.
Мард: Чонон, ту натурщица не, ту файласуф! Ма, як

пиёла чой нушида гарм шав, сони кора сар мекунем.
Зан: Кора сар мекунед? Дар пеши ман-а? Дар пеши назари ман хамина луччак тамошо мекунед-ми?
Мард: Ман луччак намешавам-ку!
Зан: Э холи шуданиям-ми? Як шуда бинед, бокимондаги ришатона якта-якта канда ба ин Чононатон метиям, ки ба сараш парик сохта пушида гардад.
Мард: Чонон, ту ба ин гапхои янгет эътибор нате. Бори якум нест, ки ин хел гапхоша мешунавам. Мана аз таги дил нагз мебинад, ки ин кадар вак-вак мекунад. Тайёр шав, ки сар мекунем. (Ба паси сепоя меравад. Чонон либосашро кашида бо купалник рост меистад. Зан ба ошхона рафта истода дунбаи Чононро пучида мегузарад.)
Чонон:  Войй…
Мард: (сар аз кор бардошта давида пеши Чонон меояд)  чи шуд, чонакам?
Чонон: Пучиданд, занатон.
Мард: Хе дасташ шиканад. Эътибор нате.  Кучояш? Хамин чо? Дард карсодас-ми? Хозир спирт мемолем. (Рафта одеколон меорад ва ба дунбаи Чонон мемолад. Хамин вакт зан бо манкалдони хазориспанддор мебарояд.)
Зан: Шумо чи кор карсодед? Хой бешарм!
Мард: Дунбаи ин духтари бечорая сип-сиёх карди-ку! Инсофат хаст-ми ё не?
Зан: Э холи ман беинсоф шудам-ми?
Мард: О ин гуломи ту не! Ин донишчуй, одам. Зиндаги мачбур карсодас, ки ба ин кор даст занад. Агар падару модараш сарватманд бошанду барои

хонданаш пул фиристода истанд, ба ин корхо даст намезанад.
Зан: Хар як манчалаки дар назари шумо одам! Хар як чалочин дар назаратон фаришта!
Мард: Чи кор кунам, ман хамин беваю бечорахоро нагз мебинам!
Зан: Ман гуфтам, хар як расматона ба хазор доллар фурушед хам, мо мисли дигарон серпул шуда наметавонем. Пулхотона ба беваю бечорахо медихед. Барои хамин баракетон нест.
Мард: Аз ин дунё як нагзи мемонад. Мана мебини, кихамин Чонон дили соф дорад. Гашта омада узр пурсид, дили мана фахмид. Худаш омад. Ягон кас ташвик накардас. Вале туя то бибимуллом мачбур накарданд, наомади. Боз ба чои узр пурсидан вак-вак мекунию вак-вак мекуни. Курбокка нашуда рав!
Зан: Э худат рав! Хар дуятон раветон! Хамун фолбинзанаке, ки чойи фомилу наввоту даму дуош таъсир накард, хамун хам равад! (Дарро зада баромада меравад)
Мард: (ба Чонон) Даму дуо, гарму хунук! Чончон, агар бо даму дуо хам пеши рохи туро гирифта, дили маро аз ту хунук карда натавониста бошанд, вокеан як дилаки бисёр гарм ва покиза дори!
Чонон: Вакте ки шуморо бинам, гуё офтобе ба дилам медарояд. Вокеан тамоми яхи дарунам об шуда меравад.
Мард: Ман хам туро бинам, як гармии ноаёнро хис мекунам. Гуё дарунам аз майи хушгувори кайфиятбахш пур мешавад. Хис мекунам, ки ин хиссиётро бо мукалам ифода карда намешавад. Ранг мечуям, вале намеёбам. Чунин ранг дар ин олам

нест, танхо дар бихишт буда метавонад.
Чонон: Вокеан шумо чихо гуфсодед? Як марди оиладор…
Мард: Вокеан ман чихо гуфсодем. Он хиссиёте, ки дар ин чо хаст, (дилро мекапад) бо сухан хам баён карда намешавад. Бехтараш чизе намегуем. Ту дар чои худ ист, ман сурат мекашам.
Чонон: Не, холо ман ракс кардан мехохам. Магнитофонро монед. Ягон мусикии шух бошад!
Мард: Як чизи зур оханрабо барин мана ба суи ту кашида истодааст. Ишка зураш хамин хел мешудас.
Чонон: Наздик нашавед, нарасед. Ман дар ботини шумо ва худам як кувваи бузурги баркро хис мекунам.
Мард: Агар кувваи барк бошад, ягон кубури обро доштан даркор, ба замин гузашта меравад.
Чонон: Мана ин оханро доред!
Мард: (оханро ба замин халонда меларзад) Гузашт. Маълум, ки занак пеши чодугар рафта омадаги.вале чаро дили маро аз ту хунуку ба худ гарм карда натавонист?
Чонон: Чунки кувваи ишк аз кувваи хама гуна чодую поду зуртар!
Мард: Холо дар дилат чиро хис мекуни?
Чонон: Дилам тарона мехонад.
Мард: Дили ман бошад, мераксад.
Ту тарона хон, ман ракс кардан мехохам.
Чонон: Бехтараш хар ду баробар мехонему мераксем.

(Тарона мехонанд ва мераксанд.)

Тамом.

# ШАЙТОНПАРӢ

( Намоиши чорум)

Хонаи рассом. Хама чиз бетартиб партофта шудааст. Дар хона касе нест. Танхо радиои симин гап мезанад: Диккат, хабархои охиринро мешунавонем. Бо чори гардидани иктисоди бозаргони дар чамъият шумораи одамони бекор меафзоянд. Табиист, ки чанд фоизи онхо рохи ханноти, фиреб,яъне кор накарда пули муфт ёфтанро пеш мегиранд…

(Чонон аз куча меояд ва радиоро гуш мекунад.)

Чонон: (бо кахр) Хе чогата бандам! (Радиоро хомуш мекунад) Хамин гапу гапу гап. Вокеан аз ин гапхо чи фоида? Радио барои гап не, барои мусики! (Либосашро кашида) Хамин пустина ду руз пушидаму аллакай ба дилам зад. Вокеан якта палтои чармин харидан даркор. Рассом акемо, ки холо ба ман ошики шайдо шудаги, чизе ки гуем, не намегуянд. (Занги дар ё так-таки дар. Дарро Чонон мекушояд.)

Чонон: (ба гиребонаш аз тарс туф-туф карда окиб рафта) Савлат?! Аз кучо ин хоная ёфти?

Савлат: (дохил шуда) Одам гуфтаги аввал “ассалом” мегуяд. Сони холпурси мекунад. сони аз акочонаш узр мепурсад, ки вайро чанд вакт боз бе як тин монond. Сони чойи гарму хурок мебиёрад. Сони як порс барои кайф аз вай – сиёхча медихад… Одам гуфтаги хамин хел мекунад. (кордро аз киса бароварда) Вале азбаски ту одам нею одамгария намедони, ту аз гусфандча хеч фарк надори. Гусфандчая охири охирон (кордро ба пушти пиёла

чарх дошта) мана ин хел мекунанд (бу гулу бо корд ишора мекунад).
Чонон: Акачон, акачон! Вокеан вактам нашуд. Шавхари навам як дакика хам берун баромадани намемонад.
Савлат: Номаъкул карди! Ман чанд руз боз аз окибат мепоям. Факат аз як дукон ба дукони дигар гашта ба худат латта-путта мехари.

Хуш, ки бошад, худат интихоб кун. Туя овехта кушам, сар занам ё бо газ хисобата ёбам? Ман – демократ. Ба ту имконият медихам, ки интихоб куни.
Чонон: (Давида ба паси миз гузашта) Ту вокеан некихои мана аллакай фаромуш карди? Ба ёдат биёр, ту аввал ки буди? Дар куча ба чи ахвол ташнаю гушна убада нушида мегашти. Вокеан бекор, бехол, бемадор. Ман туя ба хона бурда хурондам, пушондам, одам кардам. Акнун ба чои неки бо корд хучум мекуни?
Савлат: Кошки мемонди, ман ба рохи худ мерафтам. Ягон кор ёфта ба катори одамаон медаромадам. Ту мана ба дуздию нашафуруши тела доди. Акнун ман аз ин рах буромада наметавонам. Худам хам кам-кам чакида хурда одат кардам. Ягон руз ба даст меафтаму тамом, хаётам сухт. Барои хамин бо ту хисобро баробар кардан даркор.
Чонон: Ту як дам шин, нафасата рост кун. Ман ба ту як пиёла чой дихам. Вокеан ту аввал сиёхчае хурда кайф кун. Аввал гапхои мана гуш кун. Сони майлат, мекуши-ми, месузи-ми, кори ту.
Савлат: (ба курсии паси миз нишаста) Тезтар биёр, ки сарам кафисодас!

Чонон: Хозир!  (Давида ба ошхона рафта меояд ва чойники чойу  чакида меорад.)  Ма, инака хур! (Савлат чакидаро даруни пиёла хал арда мехурад.)
савлат: Ана, сар дод. Дар вакташ намедоди, кариб мекуштам.
Чонон: Савлатчон, ма ин чакидая хамеша гиру тез аз ин чо рав, ки вокеан хозир шавхарам омада монад, “ин ки?”, “аз кучо?” гуфта мана гаранг мекунад.
Савлат: Не, ман аз ин чо ба хеч кучо намеравам. Ман дигар ягон кор кардан намехохам. Ту, ки мана ба ин рах даровардиِ, то охири умр мехурони. Ман бошам, дар ана ин курсии мулоим нишаста кайф мекунам! (Занги дар)
чонон:  Ана, вокеан  шавхарам омад!
(Савлат кордро гирифта рост мехезад)  Беакли накун, Савлат! Бехтараш руст шав! (Савлат ба зери миз медарояд. Чонон дарро мекушояд. Рассом медарояд.)
рассом: Дар паси дар анча махтал шудам.
Чонон:  Вокеан дар туалет будам.
Рассом (мобайни хона омада): Э-хе… Кай ин хона ба тартиб меояд? Почомаи маро кучо монди? Э-хе, ин дар таги миз чи?
Чонон: вокеан, ин акои ман. Мана хабаргири омадас.
Рассом: Чаро дар таги миз руст шуда нишастааст?
Чонон: Ба шумо як тухфаи шухиомез кардани шудем. Вокеан сюрприз.
Рассом: Хакикатан, сюрприз! (Савлат бо корд аз зери миз мебарояд.) Мана, сюрприз дар дасташ!
Савлат: Ин хамту, барои шухи.
Рассом: Чи хеле ки мегуянд, набинад дузди, бинад

шухи!
Савлат: Ки дузд? Ки дузд? (бо корд тахдид карда)
Рассом: Ман – дузд!
Савлат: Масхара накунед, росташа гуед, ки ки дузд?
Рассом: Ман – дузд. Зеро хохари шумоя дуздидам. Шумо бошед, хамчун додари баору номус барои касосгири омадед.
Савлат (кордро ба гилоф гузошта): Ана инаш ба ман маъкул. Акнун мардак барин гап задед. Ман мардака хурмат мекунам.
Чонон: Савлатчон, ту шин! Вокеан, одам бо поччош ин хел муомила намекунад.
Рассом: Хуш, ки бошад, Чонона, ту ба ман гуфта буди, ки додар-подар надорам. Афташ хам ба ту хеч монанд не.
Чонон: Росташа гуям, ин додархондам.вокеан якта додархонд доштам. Ин – хамун. Мехраш тофта хабаргири омадас.

Шинос шавед, Савлатчон.

Рассом: Хеле хурсандам, ки ба дидани хохаратон ташриф овардед.
Савлат: Чи овард гуфтед?
Рассом: Ташриф овардед, гуфтам.
Савлат: Ман хеч чиз наовардем, на шарф, на фашриф.
Рассом: Шарафманд кардед, мегуям.
Савлат: Ха, шарафманд гуед?
Рассом: Яъне сари маро ба осмон расонидед.
Савлат (ба боло нигох карда): Саратон дар чои худаш-ку?
Рассом (хандида): Хакикат одами шух будед!

Чонона, якта чой мон. Не, не, бехтараш кахва. (То

овардани кахва сухбат давом мекунад) Кани, дусти азиз, накл кунед, ки дар кучо кор мекунед, бо чи корхо машгул хастед?
Савлат (як кад парида): Коратон чи ба корхои ман? Касбам ба шумо чи даркор?
Рассом: Мумкин дар ягон корхонаи махфи-а?
Савлат: Аз кучо фахмидед, ки кори ман махфи?
Рассом: Аз он ки пинхон карсодед.
Савлат: Ха, махфи! Тамоман махфи! Барои хамин ба химояи худам корд гирифта мегардам.
Рассом: Коратон хам хавфнок будагист.
Савлат: Асло нагуед. Хамин кадар хавфнок, ки агар худо накарда ( бо як даст дасти дигарро капида) … тамом. Хаётам сухт гуфтан гиред.
Рассом: Ин хел бошад, саломатии худро дар хатар гузоштан чи лозим. Бехтар аст, ки ба ягон кори дигар гузаред.
Савлат: Ман хам хамин хел фикр мекунам. Вале хохарам рози не. Хона харидан даркор,оиладор шуданат лозим мегуяд. Дар чои дигар пули зиёд намедиханд.
(Чонон кахва меорад)
рассом: Чонон, чаро ту дидаю дониста додарата аз кори хавфнок баровардани нести?
Чонон (оташ гирифта): Ки гуфт?!
Рассом: Мана, худашон мегуянд.
Чонон: Аз кор барояд, ина ки мепояд? Вокеан дар шахр хона надорад, дар хонаи ки зиндаги мекунад? Шумо ичозат медихед, ки дар ин чо монад?
Рассом: Мумкину лекин мо холо одамони навхона, ягон хучра аз хамин кариби ёфтан мумкин.
Савлат (рассомро бусида) : Мурам поччом –ба!

Ичозат доданд! Рахмат , поччо! Як сол – ду сол токат кунед, мо хам ягон руз хонадор мешавем.
Рассом: Ягон касб доред-ми? Агар махфи набошад.
Савлат: Дорам. Ош пухта метавонам. Вале ман ош пазам, рузи дароз аз туалет буромада наметавонед. Бехтараш хохарам худаш пазад.
Рассом: Баъди бо хохаратон хонадор шудан дар ин хона ягон бор таоми бамазза нахурдаам. Аз таомхои пухтаи вай дарунам санг барин сахт шуда мемонад. Доим хамрохам – клизма. Нагз, ки таоми шумо пухтаги дарунро мулоим мекардааст. Яъне ки таоми шумо пухтагиро бо таоми Чонон пухтаги омехта карда хурам, мешавад муътадил.

Вале, дустам, ин касб не. Боз чи касба медонед?
Савлат (оташ гирифта): Хе, роса допрос кардед-ку? Ё шумо прокурор-ми?
Чонон (Савлатро аз китфаш зер карда): Савлатчон, шин,шин! Одам вокеан бо поччош ин хел сахт гап намезанад. Касбата гуй, массажро медонисти-ку! Ху, дар ёдат хаст, ман ёд дода будам.
Савлат: Ха-а, ба ёдам омад. Муллопоччо, ман массаж карда метонам. Вале ягон бор мардакро массаж накардем. Занхоя кардаам. Масалан… (ба Чонон менигарад. Чонон тахдид мекунад.) Масалан шумоя як массаж кунем. Кашед, либоса кашед, монда шуда омадед, пари мург барин сабук мешавед.
Рассом: Не,не, ман массаж кардани нестам!
Чонон: Мекунед, массаж ба шумо даркор.

(Хар ду часпида бо зури либоси рассомро кашида болои миз мехобонанд ва ба масх кардан сар мекунанд. Савлат дасту пои рассомро ба окиб кат

карда “дастак-пояк” мекунад. дасту пои уро ба услуби массаж зада латта мекунад. Рассом “бас кунед, вой-вой” мегуяд. Вале эътиборе намедиханд. Вакте ки рассом тамоман бехол шуд…)

Савлат: Чонон, акнун навбати ту, акнун туро массаж мекунам!

Чонон: Чинни шуди, чи? (мегурезад, аз пасаш Савлат медавад)

Рассом: Ин чи хел додар, ки хохараша массаж кадани? (Зур мезанад, вале хеста наметавонад.)

Рассом (худ ба худ): Ба ман ягон дору дод-ми, ки тамоман мадорам нест.

Савлат (ба даст кордро гирифта): Кори ин рангуборчия тамом кардан даркор! Хамаи боигариаш дар хамин хона-ми?

Чонон: Чинни шуди-ми? Вокеан накушта хам пулаша гирифтан мумкин.

Рассом: У манчалаки-е… Чашмам кур буд, ки тя нашинохтам.

Чонон ( рассомро як шаппоти зада) : Худат манчалаки!

Савлат: Каллеша меканему часадаша шабона бурда гур мекунем. Хеч кас намефахмад. Пулу чизаш ба ту мемонад. То охири умр кайф карда хар дуямон мехурем.

Чонон: Майлаш, куш. Лекин дар пеши назари ман не. Вокеан ман ба ванна медаром, сони куш.

(Чонон ба ванна меравад. Савлат барои ба дили рассом корд задан даст мебардорад. Хамин вакт зани рассом аз окиб омада бо тоба ба сари Савлат мезанад.савлат бехуш мешавад. Чонон берун омада ин холро дида мегурезад.

Зан (кордро гирифта): Як бинам гуфтам, ки ин манчалаки бо шавхари ман чихо кард…
(Шавхарашро аз багалаш бардошта мехезонад.)
Рассом: Маро бубахш.
Зан: Ман бояд узр пурсам. Ман бояд пеш аз хама ин фитнагарро мешинохтам. Ин пеш аз хама – айби ман.

(Харду хамдигарро огуш мекунанд.)

Тамом.

## ЗИНДАГИИ ҲАҚИҚӢ — БЕДУРӮҒ ЗИСТАН

*(Сӯҳбате бо адиби тоҷик Адаш Истад)*

**Устоди мӯҳтарам, Шумо барои бачаҳо чанд китоб навиштед? Агар сир набошад, бигӯед, ки чаро барои бачаҳо менависед?**

Барои бачаҳо нӯҳ китоб чоп кардаам. Боз се асари дигарам дар нашриёти Тоҷикистон интизори чоп аст. Сабаби барои бачаҳо навиштанам ин аст, ки онҳо мисли коғази нонавишта сафеду тозаанд.

**Бигӯед, ки бачаҳо барои одами хуб шудан пеш аз ҳама ба кадом қонун ё қоидаи асосӣ риоя кунанд?**

Барои ҳамту одам шудан дурӯғро аз рост фарқ кардан даркор.

**Устод, ба фикри Шумо забони модариро чӣ тавр ҳифз кардан лозим?**

Забони модарӣ аз он рукнҳои муқаддас аст, ки онро мо бояд чун гавҳараки чашмамон эҳтиёт кунем. Ба ин забон беҳтарин назму насри ҷаҳонӣ, китобҳои илмӣ навишта шудааст. Забони модарии мо дар се давлати бузурги ҷаҳон — Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон забони давлатӣ аст. Ба ин забон дар Ҳиндустон,Покистон, Ӯзбекистон, ғирғизистон, ғазоқистон одамони зиёде такаллум мекунанд ва адабиёт доранд. Яъне ин забони мо мақоми байналхалқӣ дорад. Канӣ гӯед, ки аз ҳамсоядавлатҳо забони кадомашон чунин мақом дорад?

**Дар зиндагӣ аз кӣ бояд сабақ гирифт?**

Аз ҳар чиз. Масалан, аз сарву санавбар ҳам. Ин дарахти зебо дар чор фасли сол тағйири ранг

намекунад ва чӣ дар гармову чӣ дар сармо устувор истода аз худ доим бӯи хуш медиҳад. Тирамоҳ шуд гӯён зуд ранг зард намекунад. Онҳое, ки давлат дигар шуд гуфта, дар паспортҳо миллаташонро дигар мекунанд, ба ёдам дарахтони хазонрасидаро меоранд.

**Азбаски сӯҳбатамон масъалаҳои ахлоқро дар бар гирифт, бигӯед, ки ҳамчун нависанда дар бораи ахлоқи ҷавонони имрӯза чӣ хулоса доред?**

Якум, ҷавонҳои мо аз дини ислом, ки решаи ахлоқу маданияти миллии моро поя гузоштааст,дур шудаанд. Онҳо на рӯзнома мехонанд, на масҷид мераванд. Барномаҳои хуби радиоро гӯш намекунанд. Аммо ба қуттии навбаромад — телевизор нигоҳ мекунанд. Ҷавонони мо ба адабиёту мусиқии классикӣ сарфаҳм намераванд. Ин танҳо хоси ҷавонони тоҷик нест. Бародарони дигари мо низ ҳамин ҳолро доранд.

**Оё роҳи аз ин инқироз баромадан ҳаст?**

Агар зиёиёни мо чунон ки ҳоло ҳаст, минбаъд низ ҳамин хел маоши кам гиранд,инқироз шадидтар мешавад. Ҳоло нашъамандӣ дар ҳама гузару деҳот сироят кардааст. Сабаби асосии рӯ овардани ҷавонон ба ин заҳри кайфовар он аст, ки ба онҳо ҳузури хондани асари бадеӣ, фаҳмидани мӯъҷизаи санъати тасвирӣ ё мусиқии классикӣ бегона аст. Ба пеши назар биёред, ки дар замони шӯравӣ дар шаҳратон чандто дӯкони китоб буд. Ҳоло чӣ қадар мондааст? Аз хондани як асари бадеӣ, шеър ё ҳикоя, шунидани як суруди машҳури "Шашмақом" он қадар лаззат гирифтан мумкин аст, ки ягон героин дода наметавонад. Таъкид мекунам, ки роҳи аз

инқироз баромадан ҳаст. Ба муаллимон, адибон, олимон, журналистон моҳонаҳои калонтаринро додан даркор. Ҳамон вақт сухани муаллим ба бача таъсир мекунад ва талаба орзу менамояд, ки аз ҳарому дурӯғ ҳазар карда, муаллим барин одам шавад.

**Устод Адаш, Шумо, ки нависандаи асарҳои илмию фантастикӣ ҳастед, саволе дорам, оиди ояндабинӣ. Дар замони мо фолбинҳо зиёд шудаанд. Магар фолбинӣ асоси илмӣ дорад?**

Азбаски дар ин жанр қувва озмудам, маҷбур шудам, ки илми нуҷумро омӯзам. Ба хулосае омадам, ки фолбин аз илми астрология хабар дошта бошад, метавонад аз хавфу хатаре, ки дар пеш аст, огоҳ кунад. Донишҳои ҳозираи астрологӣ дар заминаи китоби аҷдодони мо "Авесто" ба вуҷуд омадааст ва мероси халқи мост. Дар он таҷрибаи бисёрҳазорсолаи инсоният хулоса карда шудааст.

**Магар дар фолбинӣ дурӯғ нест?**

Бисёр ва фолбинҳои бедонишу дурӯғгӯ зиёд шудаанд, ки аз илми астрология хабар надоранд ё дониши сатҳӣ доранд. Аммо дар вазъияти мушкил аз фолбин маслиҳат пурсанд, нағз. Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез мегӯянд.

**Баъзе одамон барои мансаб ё унвон шуда дар шиносномаҳояшон миллаташонро дигар кардаанд. Мехоҳам дар ҳамин бора фикратонро фаҳмам.**

Дар замони шӯравӣ яҳудиён аксар худро рус менависонданд. Ё ки яҳудиёни мусулмони бухориро мисол гирем. Номи онҳо дар забони мардум "чала" буд. Чала — яъне на мусулмону на яҳудӣ. Ҳоло мо

ба чалатоҷикҳо дучор мешавем. Онҳо худро чалатоҷик не, балки “ӯзбек” меноманд. Вале ҳақ дорад, ки ҳар ӯзбеки ҳақиқӣ ба забони ӯзбекии онҳо бихандад ё нафрат кунад. Ин ӯзбекҳои даруни нохунак як шеър аз ҳазрати Навоӣ аз ёд надониста чӣ ҳақ доранд, ки худро ӯзбек номанд? Ё аз онҳо пурсед, ки агар ӯзбекӣ, аз кадом қабила ё улуси он ҳастӣ, *лол* мемонанд. Ба фикрам, аз забони бою адабиёти пурсарвати ӯзбек баҳра надошта худро ӯзбек нависондани баъзеҳо ҳамон зарари дурӯғовар аст, ки ҷамъият барои аз чунин дурӯғҳо худро тоза кардан бояд мубориза барад. Ҳоло дар Ӯзбекистон ҷараёни худшиносии миллӣ идома дорад. Рӯзе фаро мерасад, ки ин масъаларо мебардоранд ва аз ҳар шахси бо мақсадҳои ғаразнок худро дар шиноснома худро ӯзбек нависондагӣ исботи ҳуҷҷатиро талаб хоҳанд кард. Яъне хоҳанд гуфт: канӣ, як-ду ғазал аз ҳазрати Навоӣ бихонед, канӣ, якчанд зарбулмасали ӯзбекиро бигӯед. Канӣ, ягон афсонаи ба ӯзбекӣ аз модар шунидаатонро нақл намоед. Албатта, рӯзе фаро мерасад, ки миллати бузурги ӯзбек худро аз ин ғалу ғашҳо пок хоҳад кард.

**Ба фикри Шумо, ки фантазиянависиояндабин ҳастед, минбаъд дар ҷамъият дурӯғ зиёд мешавад ё кам?**

Ҳоло ҷараёни афзоиши дурӯғро мушоҳида мекунем. Масалан, реклама як навъ дурӯғ аст ва он рӯз то рӯз меафзояд. Минбаъд чунин корҳо вусъат хоҳанд ёфт. Зеро одамони серпул зиёд мешаванд ва онҳо журналистонро пул дода маҷбур мекунанд, ки дар бораашон мақолаҳои таърифӣ ва ҳатто китобҳо

нависанд, филм созанд. Пеши инро илоҷи гирифтан нест. Роҳи ягона худи халқро ҳушёр кардан аст. Мардум бояд дурӯғро аз рост кунанд.

**Магар нависандагони дурӯғин нестанд?**

Дурӯғ дар ҳама ҷо буда метавонад. Ҳатто дар дарбори шоҳ ҳам. Касби адиб низ истисно нест. Масалан, шоироне ҳастанд, ки шеър гуфта наметавонанд, аммо китобҳо чоп кардаанд. Ё бисёриҳо рисолаи тайёри илмиро харида унвонҳои номзади илм ва докторро гирифтаанд. Донишгоҳу донишкадаҳо аз чунин олиму омӯзгорон пур аст. Илоҷи аз онҳо халосӣ нест, зеро дар байни мансабдорони ҳукуматӣ хешу ақрабо ё ёру ҷӯраҳо доранд. Мактабҳои миёнаро низ муаллимони дурӯғин пур кардаанд. Аз дарсҳои онҳо талаба донише гирифта наметавонад. Илоҷи ягона таъсиси мактабҳои олӣ ва миёнаи хусусӣ ва алтернативӣ аст.

**Чӣ бояд кард?**

Пеш аз ҳама худро бояд аз ҳама олудагиҳо пок кунем.

**Устод, зодаи Самарқанд ҳастед. Ин шаҳр дар ташаккули Шумо ҳамчун эҷодкор чӣ нақше гузоштааст?**

Самарқанд — гаҳвораи маданияти тоҷик аст, ба мисли Бухоро. Вақте ки ман мактаби миёнаро хатм мекардам, мутаассифона на Деҳотӣ зинда буданду на Айнӣ. Аммо як нафар шоири классик ҳаёт будааст, ки ман хабар надоштам. Он кас Масеҳои Тамҳиди Фазоилчаман буданд. Ду бор дар лагерҳои сталинӣ дар ҳабс нишастаанд. Афсӯс, ки дидани он кас ба ман муяссар нашуд. Аммо дар Самарқанд маҳфили адабии донишмандон Аслиддин

ғамарзодаю Талъат Абдуҷабборов буд ва дар Чорсу маҳфили адабии қабулхонаи рўзномаи “Овози тоҷик” доир мегардид, ки дар ташаккули эҷодии ман нақши муҳим гузошт. Шукри худо, маҳфили қабулхона имрўз ҳам фаъолият дорад. Ман ҳамчун эҷодкор мавзўи бисёр афсонаю ҳикояҳои худро аз Самарқанд пайдо кардаам. Афсонаҳо сар то сар дар заминаи ривоятҳои халқи тоҷики Самарқанд эҷод шудаанд. Шукр дорам, дар чунин як шаҳр зиндагӣ мекунам, ки адабиёти бузурги ҳазорсолаи форсу тоҷикро дорад. Зиндагӣ ҳар рўз косаатро пур аз заҳр кунад ҳам, ба ёдат калимаи “Самарқанд”-ро оварӣ, ширин хоҳад шуд. Ҳанўз оташи хокистари гулхани адабе, ки паёмбарони шеъри Аҷам — Рўдакӣ, Хайём, Дақиқӣ, Рашидӣ, Сўзанӣ, Навоӣ, Ҷомӣ, Васлӣ дар Самарқанд фурўзон карда буданд, лахчаҳои сўзон дорад. Танҳо аз зери хокистар ҷустуҷў карда ёфтан ва аз нав ин гулханро фурўзон мебояд кард.

Мусоҳиб<br>Парисо,<br>ҳафтаномаи<br>“Оина”,<br>№5(15)<br>7.03.2001.<br>(Самарқанд.)

## АДАШ ИСТАД

(маълумоти тарҷумаиҳолӣ ва эҷодӣ)

Насрнавис ва рӯзноманигори шинохтаи тоҷик Адаш Истад (Истадов) 7-уми сентябри соли 1946 дар деҳаи Ӯташиқи ноҳияи деҳотии Самарқанди вилояти Самарқанд ба олам омадааст. Баъди ёздаҳ соли таҳсил дар мактаби рақами 16-и ноҳияи мазкур соли 1964 ба факултаи суханшиносии тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуда онро соли 1969 бо дипломи имтиёзнок хатм мекунад. Фаъолияти рӯзноманигориро А.Истад соли 1969 дар идораи рӯзномаи ҷумҳуриятии "Комсомоли Тоҷикистон" ба сифати ходими адабӣ шурӯъ кардааст. Сипас ӯ дар идораи рӯзномаи "Маданияти Тоҷикистон" (сипас он "Адабиёт ва санъат" ном гирифт), идораи радиои Тоҷикистон дар шӯъбаҳои гуногун адои вазифа мекунад. Дар ин солҳо ӯ радиопйесаеро бо номи "Таркиш" навишт, ки он дар хазинаи радиои тоҷик ҳамчун аввалин пйесаи махсус барои радио ба тоҷикӣ навишташуда нигоҳ дошта мешавад. Ҳикояҳои илмӣ – хаёлии А.Истад аз соли 1966 ин ҷониб чоп мешаванд. Маҷмӯаҳои ӯ "Мавҷи хаёлот"(1970), "Суруди офтоб" (1974), "Замир"(1978), "Дарахти пахтачормағз" (1981), "Баъди ҳазор сол" (1988) ҳикояҳои дар жанри илмӣ – фантастикӣ навиштаи ӯро дар бар гирифтаанд.

А.Истад барои бачаҳо афсонаҳои адабӣ низ навиштаст. Асоси афсонаҳои ӯро ривоятҳои мардумие ташкил додаанд, ки худ аз мардуми

Самарқанд солҳ ои гуногун шунидааст. Чунин афсонаҳои адабӣ дар маҷмўаҳои ў “Парвози меъмор” (1985) ва “Чароғи сеҳрнок” (1989) чоп шудаанд.

А.Истад дар жанри насри таърихӣ низ қувва озмудааст. Силсилаи ҳикояҳои таърихии (маҷмўаҳои) “Борбад” (ба заб.русӣ) ва “Ҳикояҳо аз рўзгори Борбад” (1990)-и ў аз рўзгори мусиқори бузурги Осиёи Марказӣ Борбади Марвазӣ нақл мекунад ва дар шакли китоб ба забонҳ ои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расидаанд.

Маҷмўаи нави насру назми ў соли 2008 бо номи «Оҳангҳои Самарқанд» дар Душанбе чоп шуд.

А.Истад муаллифи бисёр ҳикояҳои ҳаҷвӣ низ мебошад, ки онҳо дар маҷаллаи ҳаҷвии “Хорпуштак”, маҷаллаи адабии “Садои Шарқ”, рўзномаи “Адабиёт ва санъат” ва дигар нашрияҳо рўи чопро дидаанд.

Адаш Истад соли 1975 узви Иттиҳодияи адибони шўравӣ гардид. Соли 1990 барои як силсила мақолаҳои дар руҳияи ошкорбаёнӣ навиштааш ў ба мукофоти ҷумҳуриятии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ мушарраф шуд.

А.Истад муаллифи мазҳакаҳои “Хўса”(1995) ва “Шайтонпарӣ” (1996) низ мебошад. Театр-студияи “Овози Самарқанд” мазҳакаи “Хўса”-ро соли 1995 дар таҳияи Артисти халқии Тоҷикистон Бурҳон

Раҷабов дар Самарқанд ба саҳна гузошт.

Соли 1989 Адаш Истад дар маҷаллаҳои "Чашма" ва "Родник" барои хурдтаракон як силсилаи ҳикояҳоро ба табъ расонид, ки онҳо "Саргузашти Нахӯдак" номида шудаанд. Дар ин ҳикояҳо қаҳрамони афсонаҳои халқии тоҷикӣ Нахӯдак симои замонавӣ  пайдо карда  ба як персонажи барои хурдтаракон шавқовар ва ибратомӯз табдил меёбад.  Ин асарҳо давоми сабки афсонабофии бадеии ӯст, ки дар маҷмӯаҳои афсонаҳои ӯ равшан зоҳир шудаанд.

А.Истад то соли 1993 дар идораи ҳафтаномаи адабии "Адабиёт ва санъат" ба сифати муовини сардабир адои вазифа мекард. Ӯ соли 1993 ба Самарқанд баргашта дар идораи "Овози Самарқанд" дар вазифаи мудири шуъбаи маънавиёт ва баъд дар рӯзномаи "Овози тоҷик" паёмнигори вилоятӣ гардид.

Ҳикояҳои Адаш Истад ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, украинӣ, белорусӣ, чехӣ, қирғизӣ, туркманӣ, озарӣ ва ғайра тарҷума ва чоп шудаанд. Адаш Истад низ бисёр ҳикояҳо ва радиопйесаҳои адибони кишварҳои гуногунро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Ҳафт ҳикояи хаёлӣ ва фалсафии А.Истад ба забони русӣ дар маҷмӯаи "Вселенское время" (нашриёти "Адиб" Душанбе , 1988) дар тарҷумаи Л.Синицина, М.Табачников ва В.Чередниченко ба табъ расидаанд.

Аммо зинаи нави эҷодиёти адиб баъди бозгашти ӯ ба Самарқанд соли 1993 оғоз меёбад. Дар рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Овози Самарқанд” соли 1994 паи ҳам ҳикояҳои “Домоди якрӯза”, “Кӣ чӣ мехонад?”, “Иқтисоди бозор дар оила”, “Рӯзи охирин” (дар бораи Мирзо Улуғбек), “Санги сарнавишт” чоп шуданд ки аз ҷониби аҳли адабу фарҳанг баҳои баланде гирифт. Дар рӯзномаи “Овози Самарқанд” (25 октябри соли 1994) ба ин ҳикоя тақризи доктори улуми филологӣ, профессор Садрӣ Саъдиев чоп шудааст. Ин ҳикояро баъд рӯзномаи “Овози тоҷик” (29 апрели соли 1995) ва рӯзномаи вилоятии Самарқанд “Зарафшон” (10 сентябри соли 1995 ба забони ӯзбекӣ дар тарҷумаи Ҷамол Сироҷиддин) ба табъ расониданд. Соли 1995 А.Истад дар рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Овози Самарқанд” ҳикояҳои “Нардбони Ҳоҷа”, “Даҳшатқул”, “Мазори деҳаи Муғон” ва “Пир дар осмон”-ро ба табъ расонид, ки як тарзи инъикоси бадеии қишри рӯҳонии ҳаёти маънавии Самарқанд аст.

Эҷодиёти А.Истад дар адабиётшиносии тоҷик ҳаддалимкон баррасӣ шудаст. Дар мақолаҳои доктори улуми филологӣ Ҷӯрахон Бақозода “Сухан аз дарди ҷовидона”, Ҷонон Бобокалонова “Чанд ҷиҳати як асар” (рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” 3 феврали соли 1992), Азим Амин “Афсона ва воқеият” (“Адабиёт ва санъат”, 17 ноябри соли 1992), Болта Ортиқзода “Умри судбахш”, Д.Баҳриева “Китоби дилкаш”, Аслиддин Қамарзода ”Дар

хаёлаш замину кайҳон ва маънои ҳаёти инсон” (“Овози Самарканд” 28 сентябри соли 1996) ва ғайра эҷоди А.Истад баррасӣ ва таҳлил гардидаанд. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мақолаи “Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист” (“Садои Шарқ”, № 1-6, с.1998) асари Адаш Истад “Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад”-ро дар қатори асарҳое ном бурдааст, ки барои ташаккули ёди таърихии мардуми тоҷик, барои нав шудан ва амиқ рафтани мундариҷаи он, барои ғаноафзоии поэтикии адабиёт нақши муҳим доштанд. 24-уми августи соли 2006 ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» мақолаи устоди Донишгоҳи Самарқанд Ҷумъакул Ҳамроевро таҳти унвони «Адиби ватанпараст» чоп кард, ки баҳои баландест ба бозёфтҳои эҷодии ӯ.

Рӯзноманигорӣ, кор дар идораҳои нашрияҳои ҷумҳурӣ ва вилоятӣ, радио машғулияти асосии А.Истад аст. Мақолаҳои машҳури А.Истад асосан ба эҳёи фарҳанги ғании миллӣ бахшида шудаанд. Агар дар мақолаи “Анъанаи нек куҷост?” (“Адабиёт ва санъат”,
11 августи с.1988) ӯ дар бораи эҳёи маданияти либоси тоҷикӣ ҳарф занад, “Номҳо – нишони маърифат” (“Адабиёт ва санъат”, 8 декабри соли 1988) дар бораи суннати номгузории миллӣ баҳс мекунад. Вале мақолаҳои дигари ӯ чун “Забони миллат – пояи миллат” (“Комсомоли Тоҷикистон”, 7 декабри соли 1988), ”Хоҷа Аҳрор кӣ буд?” (“Тоҷикистони советӣ “, 27 ноябри соли 1988), “Расмулхати бобоӣ – нури басари моӣ!” (Адабиёт ва санъат”, 2 ноябри соли 1989), “Миллати тоҷикро

тақсим накунед!” (“Адабиёт ва санъат”, 5 августи соли 1991), “Рамзҳои миллӣ кадомҳоянд?” ва ғайра дар байни зиёиён гарм пазироӣ шуда буданд.

Асосан рӯ овардани адиб ба масъалаҳои тунду тези эҳёи фарҳанги миллӣ аз чопи мақолаи ӯ “Интернационализм аз чӣ сар мешавад?” (“Адабиёт ва санъат”, 28 маи соли 1987) оғоз ёфт, ки барои он муалиф ба танқиди доимии котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон П.Лучинский дучор шуда буд. Аммо бозсозӣ ва ошкорбаёнии горбачевӣ, ки аллакай оғоз ёфта буд, ба адиб имкон медод, ки масъалаҳои доғи ҷомеаро чун солҳои собиқ дар ҳикояҳои фантастикӣ нею ба воситаи мақолаҳ ои рӯшодгӯёнаи публисистӣ ифода кунад.

1. А.Истад мувофиқи фикри адабиётшиносон дар адабиёти тоҷик ба пайдоиш ва устувор шудани жанри ҳикояҳои илмӣ-фантастикӣ сабабгор шуд. То ба ин кор машғул будани ӯ дар матбуот танҳо ҳикояи “Сандуқи оҳанин”-и А.Баҳорӣ чоп шуда буд. Минбаъд ин фантазиянависи тоҷик, ( яъне А.Баҳорӣ) асосан бо қиссанависӣ ва драмнависӣ машғул гардид.

2. А.Истад дар адабиёти тоҷик ба афсонанависии бадеӣ асос гузошт. Далели ин маҷмӯаҳои афсонаҳои адабии “Парвози меъмор” ва “Чароғи сеҳрнок” мебошанд.

3. А.Истад аввалин радиопйесаи тоҷик “Таркиш”-ро навиштааст, ки радиоспектакли он дар хазинаи

радиои Тоҷикистон маҳфуз аст. А.Истад минбаъд мазҳакаҳои “Хӯса” ва “Шайтонпарӣ”-ро навишт, ки дар рӯзномаҳои Самарқанд нашр шудаанд ва “Хӯса” ба саҳна гузошта шудааст. Ба ғайри ин ӯ саҳначаҳои хурди ҳаҷвӣ низ навиштааст, ки дар рӯзномаҳо рӯи чопро дидаанд.

4. Дар жанри таърихнигорӣ асари бузургтарини А.Истад силсилаи “Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад” ҳисоб меравад, ки ба вижагии нигориш ва услуби хоси тасвир аз дигар асарҳои жанри таърихӣ ба куллӣ фарқ дорад.

5. Ҳикояҳои ҳаҷвӣ ҷиҳати дигари эҷодиёти А.Истад мебошад. Дар ҳикояҳои фантастикии ӯ унсурҳои ҳаҷву мазҳака вомехӯранд, аммо махсусияти ин жанр дар ҳикояҳои ҳаҷвие чун “Домоди якрӯза”, “Даҳон”, “Иқтисоди бозор дар оила”, “Бузҳо ва гӯсфандон”, (“Садои Шарқ” №4, соли 1991), саҳначаи “Кучукатона ман газидам”, мазҳакаҳои “Хӯса” ва “Шайтонпарӣ” равшан зоҳир шудааст.

6. А.Истад бо чопи силсилаи ҳикояҳои “Саргузашти Нахӯдак” дар маҷаллаҳои “Чашма” ва “Родник” (соли 1989) персонажи афсонавии Нахӯдакро ба замони муосир оварда ҳамзамон ва шарикдарси ибратбахшу пандомӯзи хурдтаракон намуд.

7. Солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ фаъолияти публисистии А.Истад вусъат меёбад ва ӯ оид ба эҳёи суннатҳои миллӣ, пайдоиши забони давлатӣ, ҳимояи фарҳанги тоҷик як қатор мақолаҳо

навиштааст, ки дар натиҷа ба мукофоти ҷумҳурии ба номи Лоҳутӣ сазовор гардидааст.

8. Фаъолияти тарҷумонии А.Истад мисли дигар бахшҳои кори ў васеъ набуда аз тарҷумаи баъзе ҳикояҳои адибони кишварҳои гуногун ва радиопйесаҳо иборатанд.

Аз соли 1996 то соли 1999 дар эҷоди А.Истад таваққуф мушоҳида мешавад. Рўзгори нобасомон имкон намедиҳад, ки ў чизе эҷод кунад. Моҳи марти соли 1999 афсонаҳои нави ў “Зарчашма”, “Мўр ва Пуффак” дар рўзномаҳои Ўзбекистон ва як сол пас дар маҷаллаҳои Тоҷикистон ба табъ расиданд. Сипас соли 2001-ум ҳикояи “Моҳе,ки дар зери кўрпа мастур монд” дар ҳар ду ҷумҳурӣ ба табъ расид, ки нишонаи содиқ мондани ў ба афсонагўист. Дар авохири соли 2003 А.Истад ба назм рў овард ва қасидаи ба академик М.Шакурӣ бахшидаи ў “Самарқанду Бухоро” дар ҳар ду ҷумҳурӣ ба табъ расид. Сипас ба шеъри нав тавағҷўҳи ў меафзояд ва “Ҳавзи Хоҷаи Аҳрор” ва силсилаи “Шеърҳо аз замони мозии Самарқанд” эҷод мешаванд. Сардабири рўзномаи “Овози Самарқанд” адабиётшинос Ғафурҷон Маҳмудов дар сарсухани ин силсила иброз доштааст: “Шеъри озод имкон додааст, ки Адаш Истад ба мавзўи Самарқанд мушаххасан муроҷиат кунад ва образҳои тоза биофарад.”

Адаш Истад солҳои охир оид ба таърихи шаҳри Самарқанд зиёда аз 50 мақолаҳои илмию – оммавӣ

навишт, ки онҳо дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд» ва сайти интернетии Samarkandinfo.uz ба таб расиданд.

А.Истад ҳоло бознишаста буда дар деҳаи Боғи тиллои ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанди Ўзбекистон умр ба сар мебарад ва бо корҳои эҷодӣ машғул аст.

Моҳи феврали соли 2008 Веб-блоги худ «Герби шердор»-ро таъсис намуд, ки дар он шеъру ҳикояҳо ва мақолаҳояшро мегузорад.

**Таҳияи И.Хушбахт**

## МУНДАРИҶА

***НАЗМ***

Самарқанду Бухоро
Ҳавзи Хоҷа Аҳрор
Афсонаи Зардара
Рӯъёи таърихӣ
Суруди тоҷикӣ деврони ман аст
Сайқал
Шоҳигарии абадӣ
Аз Регистон мегузаштам
Дарвозаи Самарқанд
Тазод
Чорсу
Дар Регистон истодаам
Эронзамин
Мурғи афсонавӣ
Аломати хитоб
Шаби Регистон

Киштиҳои майдони Регистон
Боғҳои худоӣ
Дар Фароруд
Ба Ҷамол Сироҷиддини Хумӣ
Ба наққоши самарқандӣ Аслиддини Исо
Ва шамс ба шумо
Атргули Самарқанд
Маҳтобшабе буд
Парастуҳои Регистон
Меҳри зодгоҳ
Ба дӷстам Ҷумъа Ҳамро
Бесуратӣ

***НАСР***
Моҳе, ки дар зери кӯрпа мастур монд.(ҳикоя)
Мазори деҳаи Муғон (ҳикоя)
Парвона.(афсона)
Даҳшатқул.(ҳикоя)
Мӯр ва Пуффак.(афсона)
Рӯзи охирин..(ҳикояи таърихӣ)
Санги сарнавишт.(ҳикояи хаёлӣ)
Нардбони Хоҷа.(ҳикоя)
Пир дар осмон..(ҳикоя)
Зарчашма.(афсона)
Дилсиёҳ..(ҳикоя)
Чумчуқчаи самарқандӣ.(афсона)

***АСАРҲОИ САҲНАВӢ***
Хӯсамард
Шайтонпарӣ

**Зиндагии ҳақиқӣ — бедурӯғ зистан**
**Адаш Истад** (маълумоти тарҷумаиҳолӣ)